**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД:90(575.3).

**МУДАБИРЗОДА ЗАФАРҶОН БАДРИДИН**

# ТАЪРИХНИГОРИИ ТАЪРИХИ ВОДИИ РАШТ
**(давраи нав, навтарин ва муосир)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих ( 6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих,
профессор, узви вобастаи АМИТ
Пирумшоев Ҳ.

**ДУШАНБЕ – 2025**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.......................................................................................3**
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ...................................................9**
**БОБИ 1. ҚАРОТЕГИН ДАР АСАРҲОИ ТАЪРИХИИ ДАВРАИ НАВ........................................................................................................16**
1.1. Маълумоти муаллифони маҳаллӣ дар бораи Қаротегин ..................16
1.2. Қаротегин дар асарҳои муҳаққиқони руси охири асри XIX ва ибтидои асри XX.......................................................................................31
**БОБИ 2. ҲАРАКАТҲОИ МАРДУМӢ ВА ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ДАВРАИ ТОИНҚИЛОБИИ МИНТАҚА ДАР АДАБИЁТИ ТАЪРИХӢ.....................................................................................................50**
2.1. Ҳаракатҳои мардумӣ бар зидди низоми амирӣ ва инъикоси он дар адабиёти таърихӣ.....................................................................................50
2.2. Инъикоси ҳаёти фарҳангии минтақа дар таҳқиқотҳои таърихӣ......66
**БОБИ 3. ТАЪРИХНИГОРИИ ВОДИИ ҚАРОТЕГИН ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ ВА ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ..........................................80**
3.1. Инъикоси вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии вилояти Ғарм дар солҳои 20-80-уми асри XX....................................................................................80
3.2 Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаи Рашт дар замони Истиқлол.....................................................................................117
3.3. Таърихнигории рушди фарҳанги Рашти давраи Шуравӣ ва замони истиқлол.....................................................................................................129
**ХУЛОСА.............................................................................................148**
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.......................................153**
**НОМГӮИ МАЪХАЗҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ........155**
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия..............................................175**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Водии Рашт аз қадим маскани аҷдодии тоҷикон буда, дорои таъриху фарҳанги пурғановат мебошад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд: «Водии Рашт мисли дигар гӯшаву канори Тоҷикистон дорои таърихи дуру дароз мебошад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз дар охири ҳазораи дуюми пеш аз мелод як шохаи Роҳи бузурги абрешим аз водиҳои Олой ва Рашт гузашта, тавассути Ҳисору Хатлон, Балху Эрону Ироқ ба соҳили баҳри Миёназамин мерасид ва ин шоҳроҳ Шарқу Ғарбро бо ҳам мепайваст. Муаррихон, ҳамчунин, собит намуданд, ки дар асри VIII-и мелодӣ дар қаламрави минтақаҳои Рашту Хатлон ва Ҳисору Бадахшон алифбову хат ва адабиёту фарҳанг васеъ ривоҷ доштааст» [3].

Ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва хусусиятҳои этнографию тавсифи антропологии тоҷикони минтақаи Ғарм то асри XIX дар асарҳои таърихӣ, сафарномаҳо ва ёддоштҳои сайёҳони кишварҳои гуногун зикр шудааст. То асри XIX таърихи минтақа дар асарҳои таърихӣ нопурраю ҷузъӣ инъикос гардидааст. Маълумоти ҷамъоваринамудаи сайёҳон, ҳарбиён ва олимони рус, ки дар китобу маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ нашр гардида, то кунун мавриди таҳлили нисбатан пурраи таърихнигорӣ қарор нагирифтаанд.

Дар замони шуравӣ ва даврони истиқлолияти комили давлатӣ роҷеъ ба таърихи водии Рашт як қатор асару мақолаҳо рӯи чоп омаданд. Ҳамчунин, ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ноҳияҳои водии Рашт дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва матбуоти даврӣ инъикоси худро ёфтаанд, ки то имрӯз аз нигоҳи таърихнигорӣ матраҳ нагардидаанд. Бинобар ин, моҳияти омӯзиши таърихнигории таърихи водии Рашт дар доираи таҳқиқи рисолаи илмӣ аҳаммияти муҳими илмӣ дошта, ба ин васила саҳми олимонро дар таҳқиқи таърихи ин минтақа возеҳан муайян намудан мумкин аст.

Таҳлили таърихнигории таърихи минтақаи Рашт аз он ҷиҳат зарур аст, ки чаҳорчӯбаи замонии ҳодисаҳои таърихӣ дар асоси маълумотҳои дақиқ муқоиса шуда, мувофиқи хронология ба тартиби муайян дароварда мешавад. Аз тарафи дигар, чунин тарзи таҳқиқот имконият медиҳад, ки баррасии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар самтҳои ҳаёти ҷомеаи минтақаи Рашт дар манбаъҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ мушоҳида карда шавад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ муқовимати геополитикӣ, этникӣ ва миллии замони муосир муайян кардани таърихи халқи муқимӣ дар минтақа масъалаи мубрами илмӣ маҳсуб мешавад. Аз ин лиҳоз, дар асоси таҳқиқоти олимон муайян намудани дараҷаи омӯзиши илиии минтақаи Рашт дар таърихнигории миллӣ муҳим мебошад.

Таҳқиқи таърихнигории таърихи Рашт метавонад саҳми олимонро дар омӯзиши илмии масоили таърихии давраҳои наву навтарин ва муосир возеҳу муайян ва ҳақиқати масоили таърихии ин минтақаро ошкор ва баррасӣ намояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Таърихнигории таърихи водии Рашт дар давраи нав, навтарин ва муосир то кунун ба таври маҷмуӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифтааст. Аммо паҳлуҳои гуногуни ин масъала, хусусан, таърихи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ин минтақа дар адабиёти илмӣ, асарҳои илмӣ-оммавӣ, асарҳои ёдоштӣ, мақолаҳои ҷудогонаи илмӣ ва мақолаҳои оммавӣ инъикос шудааст. Бинобар ин, ҷиҳати муайян намудани дараҷаи омӯзиши масъала адабиёти илмӣ ва илмиву оммавии марбут ба ин масъаларо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

**Ба гурӯҳи якум** адабиёти илмие дохил мешаванд, ки дар онҳо авзои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маъмурию фарҳангии бекигарии Қаротегин инъикос гардидааст [170; 150; 164; 80; 91; 93; 95; 107; 147; 152; 160; 182; 193; 227; 228].

**Ба гурӯҳи дуюм** асарҳои илмӣ доир ба солҳои 20-30-юми асри XX, яъне, барпошавӣ ва мустаҳкам гардидани сохти Шуравӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла, вилояти Ғарм [177; 215; 161; 84; 218; 176; 104; 132; 126; 125; 126], инчунин, адабиёте, ки давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) ва корнамоии фиристодагони вилояти Ғарм ва фидокории меҳнаткашони ақибгоҳро инъикос мекунанд, шомил мешаванд [183; 192; 197; 203; 204; 206]. Таърихи корнамоиҳои фарзандони Раштонзамин дар таърихнигории муосир ҷои махсусро ишғол мекунад ва дар ин мавзуъ асарҳои Н. Ҳотамов [220], Б. Исҳоқов [137], Л. Сечкина [203; 205; 204], А.Н. Секретов [197], Н.П. Пак [184] ва дигарон назаррасанд.

**Гурӯҳи сеюмро** асару мақолаҳои илмӣ доир ба рушди, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Қаротегин дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ (солҳои 1950-1992) дар бар мегиранд, ки таърихи минтақаи Ғарм дар солҳои 1950-1992-ро инъикос мекунанд [156; 125; 127; 165]. Ҳамчунин, маводи дар Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бойгонии минтақаи Рашт маҳфуз буда мавриди истифода қарор ёфтааст.

**Ба гурӯҳи чорум** асарҳое, ки дар замони истиқлолият таълиф гардидаанд, шомил мешаванд. Дар омӯзиши давраи истиқлолияти Тоҷикистон, хусусан, водии Рашт асару мақолаҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва олимони соҳаи таърихнигорӣ аҳаммияти хосса дошта, самти умумии таърихи Тоҷикистон ва методологияи омӯзишро муайян мекунанд [2; 1; 112; 135; 134; 138; 165; 180; 181; 112]. Ҳамзамон, ба ин гурӯҳ асарҳое низ шомил мешаванд, ки бевосита хусусияти таърихнигорӣ дошта, ба таҳлили масоили таърихи минтақаи Рашт алоқамананданд [103; 119; 102; 212; 94]. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоҷик, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ. П. Пирумшоев маҳз дар ин мавзуъ таҳқиқоти муҳим анҷом дода, таърихнигории таърихи минтақаи Раштро давра ба давра

мавриди баррасӣ қарор додааст, ки он аз охири асрҳои миёна то давраи муосирро дар бар мегирад. Ин таҳқиқот бевосита дар таълифи рисолаи мазкур истифода гардидааст [185].

**Гурӯҳи панҷумро** адабиёте ташкил медиҳад, ки дар шакли мақолаҳои илмӣ-оммавӣ, асарҳои ёддоштӣ ва кишваршиносӣ навишта шуда, воқеаҳои гуногуни минтақаро инъикос мекунанд [85; 88].

Қайд кардан зарур аст, ки олимон ва ҳарбиёни рус, ки дар охири асри XIX ва аввали асри XX ба Осиёи Миёна омада, дар омӯзиши масоили таърихии минтақа саҳм гузоштанд, дар рисолаи илмӣ дар зербоби алоҳида таҳлил гардиданд.

Солҳои 50-уми асри XX силсилаи таҳқиқоти профессор М.И. Эркаев ва Ю. Николаев рӯи чоп омаданд, ки дар онҳо муҳаққиқон масоили раванди мубориза бар зидди босмачиёнро таҳлил намуда, характери манфии ин ҳаракати зиддишуравиро нишон медиҳанд [123; 125; 127].

Профессор А. Маҷлисов дар асарҳои худ сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии бекигарии Қаротегинро мавриди омӯзишу таҳлил карор дода, муборизаи сиёсии мардуми минтақаро бар зидди истисмори амлокдорон ва амалдорони амири Бухоро нишон медиҳад. Муаллиф дар таҳқиқотҳои худ солҳои аввали инқилобӣ ва муборизаи мардуми Қаротегин бар зидди Аморати Бухоро ва босмачиёнро таҳлил карда, нақши шуриши Усмон ва Қаландаршоро дар роҳи озод шудан аз асорати амири Бухоро муҳим мешуморад. Муаллиф маълумоти ҷуғрофӣ, аҳолӣ, сохти маъмурӣ, муносибатҳои ҷамъиятии феодалӣ, шакли истисмор, ҳунармандӣ, тиҷорат ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи давраи тоинқилобиро тасвир ва таҳлил мекунад [149; 150].

Таърихи тоинқилобии Қаротегин, дар осори академик Баҳодур Искандаров ба таври васеъ инъикос ёфтааст [128; 129; 130; 131]. Давраи дар ҳайати Аморати Бухоро будани Қаротегин ва оғози ҳаракати инқилобӣ дар асарҳои ин муҳаққиқ матраҳ шудааст.

Дар омӯзиши таърих ва мардумшиносии минтақаи Рашт Н.А. Кисляков нақши бузург дорад. Нахустин натиҷаи таҳқиқоти ӯ доир ба таърихи Қаротегин соли 1954 бо номи «Очеркҳои таърихи Қаротегин» нашр гардид. Соли 1962 таҳқиқоти нави ин олим оид ба ҳаёти мардуми водии Рашт ба унвони «Муносибатҳои патриархалӣ-феодалӣ дар миёни аҳолии муқимии деҳотии Хонигарии Бухоро дар охири асри XIX-аввали асри XX» аз чоп баромад. Н.А. Кисляков, инчунин, аз ҷумлаи нахустин пажуҳандагони мардумшиносии минтақаи Қаротегин ба шумор меравад. Натиҷаҳои таҳқиқоти 20-солаи Кисляков дар маҷмуаи «Таджики Каратегина и Дарваза» дар се барориш дар давоми солҳои 1962-1976 нашр шуд. Кисляков ба урфу одат, таърих ва мардумшиносии минтақаи Қаротегин диққати хосса медод ва аз ҳамин ҷиҳат, қимати илмии ин таҳқиқот то ба имрӯз дар зинаи аввали маводҳои этнографӣ ҷой дорад [139].

Солҳои 70-80-уми асри XX силсилаи китобҳои Н.Н. Ершов нашр гардиданд, ки бештар масоили мардумшиносии мардуми Қаротегинро инъикос мекарданд. Аммо ҳамчун муаррих муаллиф дар баробари таҳлили этнографӣ ба дигар самтҳои ҳаёти ҷомеаи Қаротегин низ диққати хосса додааст [115; 116]. Дар бораи анъана ва урфу одатҳои мардуми Қаротегин муҳаққиқ С.С. Губаева маълумоти муҳим овардааст [113; 114].

Таърихи минтақаи Рашт дар замони истиқлолияти давлатӣ дар асарҳои Ҳ. Пирумшоев [185; 186], Р. Абулхаев [82], Н.Б. Ҳотамов [220], Р.Н. Каримова, А. Ғафуров [110] инъикос шудааст. Маълумоти зиёд дар хусуси таърихи минтақаи Қаротегин дар китоби Ҳ. Пирумшоев «Таърихи Дарвоз» зикр мегардад [186]. Арзиши илмии ин асар дар он аст, ки таҳқиқоти мазкур ба таърихи Дарвоз маҳдуд нашуда, таърихи минтақаи Қаротегин ва Помирро фаро мегирад. Муаллиф намудҳои андоз, топонимикаи минтақаҳо, дараҷаи омӯзиши таърихи минтақа, саҳми олимони дигар ва масъалаҳои мухталифи ҳаёти мардуми минтақаи кӯҳистонро инъикос мекунад.

Доир ба масъалаи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон бошад, асарҳои илмии Г.Х. Ҳайдаров [216], И. Усмонов [214], Н.М. Назаршоев [172], Ҳ. Пирумшоев, (Бозсозӣ: сохтем ё бохтем?.), В.И. Бушков, [105], Н.Б. Ҳотамов [223], Р.Абулҳаев, (Сабабҳои дохилӣ ва берунии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон.) Ф.М. Абдурашитов [76], А. Ғафуров [111] М.Равшанзод, (Таърихнигории масъалаи ҷанги шаҳровандӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон.) Н.Т Раҳимов [191] ва дигарон аҳаммияти хосса доранд.

Дар омӯзиши таърихи водии Рашт, инчунин, рисолаҳои номзадии Ғолибшоҳ Наврузов [170] ва Аслиддин Махсудовро [229] зикр намудан мумкин аст. Онҳо таҳлили адабиёти ин давраро барои таҳқиқоти минбаъда таъмин мекунанд ва методологияи таҳқиқи минтақаро муайян месозанд. Дар доираи таърихи ҷумҳурӣ маълумотҳои муайян оид ба таърихи Рашт ва таърихнигории минтақа дар таҳқиқоти олимони тоҷик Р. Абдулҳаев [82], Н.Б. Ҳотамов [220], Ф.М. Абдурашитов [75] ва дигарон инъикос гардиданд.

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти илмии мавҷударо ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки то имрӯз дар илми ватанӣ оид ба масъалаи таърихнигории таърихи водии Рашт ягон таҳқиқоти мукаммал анҷом наёфта, рисолаи мазкур аввалин кӯшиши илмӣ дар мавзуи таърихнигории таърихи минтақаи Рашт мебошад, ки дар он адабиёти таърихии марбут ба таърихи минтақи Рашт аз нигоҳи илмӣ баррасӣ мегардад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 дар мавзуи «Таърихи робитаҳои мутақобил миёни аҳолии муқимӣ ва кӯчии

Осиёи Миёна дар асрҳои миёна ва давраи нав (сиёсат, иқтисод, фарҳанг)» ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муаллиф омӯзиши масоили сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии минтақаи Раштро дар давраҳои наву навтарин аз ҷониби муҳаққиқон мавриди баррасӣ қарор дода, дурустии инъикоси воқеаҳоро дар манобеи хаттӣ, адабиёти илмӣ ва асарҳои илмиву оммавӣ мушаххас ва ҷойгоҳи онҳоро муайян намуда, маълумотҳои таърихии вобаста ба Қаротенин тоза ёфтшударо ба доираҳои илмӣ ворид намояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо муаллифи рисола иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

- муайян кардани сатҳи омӯзиши илмии таърихи Қаротегин чун ҷузъи муҳимми таърихи Тоҷикистон ва таҳлили сарчашмаҳои давраи тоинқилобӣ;
- таҳлили адабиёти илмӣ ва муайян намудани моҳияти илмии онҳо дар доираи илми таърихнигорӣ;
- таҳлили мушаххаси таърихнигории минтақаи Рашт дар асоси асарҳои муҳаққиқони рус;
- таҳлили асарҳои муаллифони маҳаллӣ ва хотираҳои иштирокчиёни бевоситаи муборизаҳои сиёсии аввали асри XX ;
- муайян кардани таърихнигории давраи шуравӣ оид ба омӯзиши таърихи минтақаи Қаротегин, таҳлили корҳои илмии солҳои 20-50-уми асри XX вобаста ба экспедитсияҳои этнографӣ, ки дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон фаъолият намудаанд;
- саҳми муаррихони Шуравӣ дар омӯзиши таърихи минтақа ва гузаштан ба таҳлили таҳқиқоти таърихии давраи истиқлолият доир ба таърихи Рашт;
- таҳлили масоили фарҳангии минтақаи Рашт дар адабиёти илмӣ дар даврахои шуравӣ ва истиқлолияти давлатӣ.

**Объекти таҳқиқот** таҳлили осори муаррихон ва донишмандони давраи тоинқилобӣ, замони шуравӣ ва давраи истиқлолияти давлатӣ мебошад, ки асарҳои онҳо дар муқоиса ба ҳамдигар баррасӣ мегарданд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** муайян намудани масоили таърихии Рашт дар давраи нав, навтарин ва муосир мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)** таърихнигории охири асри XIX ва ибтидои асри XXI–и минтақаи Раштро дар бар мегирад. Вобаста ба таҳқиқи хронологӣ метавон онро ба чунин давраҳо ҷудо намуд: таърихнигории тоинқилобии водии Рашт; омӯзиши таърихи Рашт дар замони Шуравӣ ва таҳлили масоили таърихнигории минтақа дар замони истиқлол.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳо ва маърузаҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, асарҳо ва консепсияҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки бевосита оид ба таърихи халқи тоҷик пажуҳиш гузарондаанд, санадҳои меъёрӣ-ҳуқукӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, нашрияҳои матбуоти даврӣ, монографияҳо ва мақолаҳои ба мавзуъ дахл доштаро дар бар мегиранд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқ бештар аз усули таҳлилӣ-муқоисавӣ, хронологӣ-масъалагузорӣ, объективияти илмӣ, таърихияти илмӣ, методҳои таҳқиқӣ-муқоисавӣ, таҳқиқӣ-татбиқӣ, муайянкунии моҳияти ҳодисаҳо, истифодаи тартиби хронологӣ бо риояи принсипи таърихият (историзм), методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ, хулосабарорӣ ва дигар услубҳои таҳқиқот истифода шудааст.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Дар рафти таълифи диссертатсия аз ҳуҷҷатҳои расмӣ ва таҳқиқоти илмӣ, ки таърихи водии Рашт дар онҳо инъикос ёфтааст, васеъ истифода гардид. Вобаста ба моҳияти мавзуъ маъхазу таълифоти истифодашуда дар шакли зерин гурӯҳбандӣ карда шуд:

- маърузаҳо баромадҳо, паёмҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон;

-осори таърихии муаллифони маҳаллии охири асри XIX ва ибтидои асри XX, ба монанди Аҳмади Дониш, Муҳаммад Ҳакимхон, Ниёзмуҳаммад Хӯқандӣ, Худоёрзода, Мирзо Олим Маҳмудҳоҷӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ, С. Айнӣ ва дигарон [9; 16; 13; 19; 15; 21];

-маълумоти сайёҳон ва ҳарбиёни тоинқилобии рус, ки ба Осиёи Миёна, хусусан, Қаротегин сафар намуда, дидаву шунидаҳояшонро дар асарҳои худ муътакис намудаанд [93; 100; 106; 107; 120; 229; 146; 202; 198; 201; 208; 219];

-таълифоти илмии муҳаққиқони замони шуравӣ;

-маводи бойгонӣ аз Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт;

-асарҳои ёддоштӣ ва хотиравӣ, инчунин, асарҳои хусусияти илмӣ-публитсистӣ дошта;

-маводи матбуоти даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки** бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масоили таърихнигории таърихи водии Рашт дар давраҳои муайян баррасӣ мегардад. Нававариҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуқоти зерин баён мешавад:

- дар асоси адабиёти мавҷуда дараҷаи таҳқиқи илмии таърихи Қаротегин чун ҷузъи муҳимми таърихи Тоҷикистон дар давраи тоинқилобӣ муайн карда шуд;

- дараҷаи арзиши илмии таҳқиқоти мавҷуда дар таърихнигории миллӣ баррасӣ гардид;

- мақоми осори тадқиқотчиёни рус дар таърихнигории минтақаи Рашт мавриди таҳлил қарор ёфт;

- маълумоти осори муаллифони маҳаллӣ ва хотираҳои иштирокчиёни бевоситаи муборизаҳои сиёсии аввали асри XX ба доираи таҳлили таърихнигорӣ кашида шуд;

- таҳлили натиҷаи экспедитсияҳои этнографии солҳои 20-50-уми асри ХХ дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон ба анҷом расида, пешниҳод гардид;

- саҳми муҳаққиқони Шуравӣ дар омӯзиши таърихи минтақаи Рашт муайян карда шуд;

- дараҷаи инъикоси таърихи минтақаи Рашти замони истиқлолияти давлатӣ дар таърихнигории замони муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфт;

- дар асоси адабиёти илмӣ масоили фарҳангии минтақаи Рашт дар замони шуравӣ ва истиқлолият мушаххас гардид.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:**

- таърихнигории таърихи Қаротегин ҳамчун қисми муҳимми таърихи Тоҷикистон дар сарчашмаҳо ва таълифоти мухталифи тоинқилобӣ инъикос гардидааст. Тасниф, даврабандӣ ва таҳлили ин сарчашмаҳо дар таърихнигории миллӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад, зеро моҳияти илмии сарчашмаҳоро муайян мекунад;

- мавқеи назаррасро дар таърихнигории тоинқилобии Рашт асарҳои тадқиқотчиёни рус, ки дар охири асри XIX-ибтидои асри ХХ ба ин минтақа сафар намудаанд, ишғол мекунанд, зеро дар осори онҳо маълумотҳои нисбатан дақиқ гирд оварда шудаанд;

- дар давраи муборизаҳои сиёсии аввали асри ХХ муаллифони маҳаллӣ ва иштирокчиёни бевоситаи воқеаҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ мушоҳидоти бевоситаи худро сабт намудаанд, ки он ҳамчун маводи таърихӣ мавриди истифодаи умум қарор дорад;

- дар давраи Шуравӣ барои таҳқиқи таърихи минтақа имконияти бештари илмӣ фароҳам оварда шуд. Солҳои 20-30-уми асри ХХ барои омӯхтани вилояти Ғарм экспедитсиҳои мардумшиносӣ ташкил карда шуд ва дар асоси онҳо аз тарафи олимони ин давра вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии вилояти Ғарм мавриди таҳлил қарор гирифт. Чунин таҳқиқотҳо дар солҳои 50-80-уми асри ХХ вусъат гирифтанд;

- дар замони истиқлолияти комили давлатӣ омӯзиши илмии водии Рашт дар таърихнигории миллӣ ба рушди бесобиқа ноил гардида, масоили ҳаёти иқтисодиву ичтимоӣ ва фарҳангии минтақа ба таври назаррас мавриди таҳқиқи олимон қарор гирифт.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар он сатҳи зарурии дарачаи таҳқиқот муайян карда шуда, чанбаи илмии он қавитар ба назар мерасад.

Сатҳи муқоисавии далелҳои таърихӣ ва баҳогузории мантиқии онҳо чиҳати назариявии мавзуъро инъикос мекунад. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссератсияро метавон зимни таълифи асарҳои мачмуӣ оид ба таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX–и минтақаи Рашт, таълифи монографияҳо, ҳангоми гузаронидани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанни «Таърихи халқи точик» истифода намуд.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами сиёсиву иқтисодӣ ва ичтимоиву фарҳангии минтақаи Рашт дар охири асри XIX ва ибтидои асри XXI имконият медиҳанд. Натичаҳо ва тавсияҳои рисола барои ҳалли баъзе аз масоили таърихии асрҳои мавриди назар муҳим аст.

**Сатҳи эътимоднокии натичаҳои диссертатсионӣ** аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани маводи таҳқиқотӣ, коркарди натичаҳои илмии диссертатсия, ҳачми интишорот оид ба мавзуъ ва гузарондани таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат мебошад. Хулоса ва тавсияҳои диссертант дар асоси таҳлили илмии натичаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва тачрибавӣ пешниҳод шудаанд

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020303 –

Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Дар рафти иҷрои кори илмӣ корҳои муайяни илмӣ –таҳқиқотӣ анҷом дода шуданд, ки дар маҷмуъ саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро инъикос мекунанд. Аз ҷумла; маъхазу асарҳои илмӣ, ки ба таърихи охири асри XIX-аввали асри XXI-и минтақаи Рашт бахшида шуда, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор ёфта, дар асоси он хулосаҳои илмӣ доир ба мавзуъ пешниҳод гардид; нишон дода шуд, ки таърихнигории ҳамаи зинаҳои таърихии мардуми тоҷик хусусияти умумӣ дошта, дар доираи як минтақа таҳлил кардани ин ҳамбастагӣ барои таърихи миллат аҳаммияти махсус дорад. Давраҳои омӯзиши таърихи минтақаи Рашт дар рисола тақсимбандии илмӣ ёфта, саҳми олимон ба омӯзиши фарҳанги водии Рашт иртибот дошта, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифта, дар ин замина арзиши илмии таълифоти онҳо муайян карда шуд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди илмҳои башардустӣ (гуманитарӣ) дар 30-соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Рашт: ДОТ дар ноҳияи Рашт, соли 2021), конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуӣ «Тағйирёбии иқлим ва таъсирои он ба саёраи Замин», бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (Рашт: ДОТ дар ноҳияи Рашт, 2022), конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Абурайҳон Берунӣ – алломаи Машриқзамин», бахшида ба 1050-солагии Абдурайҳони Бурунӣ (Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи соли 2023) ва ғайра дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардиданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи  шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нав ва шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласаи №2, аз 25.02.2025 ) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардид.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар шакли мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 178 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф шуда, он аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

# БОБИ 1. ҚАРОТЕГИН ДАР АСАРҲОИ ТАЪРИХИИ ДАВРАИ НАВ

## 1.1. Маълумоти муаллифони маҳаллӣ дар бораи Қаротегин

Тоҷикон дар миёни дигар халқҳои Осиёи Миёна хеле барвақт ба таърихдонию таърихнависӣ мароқ зоҳир намуда, пешсаф буданд. Дар давраи нав низ муаррихони тоҷик паҳлуҳои гуногуни таърих, бахусус, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёнаро баррасӣ кардаанд. Минтақаи Рашт (Қаротегин) низ дар ин марҳила аз мадди назари муаррихони маҳаллӣ дур намонда, оид ба паҳлуҳои гуногуни он дар асарҳои онҳо маълумот оварда шудааст. Гарчанде ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа дар асарҳои муаррихони тоҷики давраи мазкур ба таври хеле маҳдуд инъикоси худро ёфта бошад ҳам, аммо вазъи сиёсии Қаротегин бошад дар ҳамбастагӣ бо ҳодисоти аморати Бухоро ва хонигарии Қуқанд нисбатан муфассалтар баён гардидааст.

Дар охири асри XIX ҳудуди ҷуғрофии Рашт аз сарҳади Олой то Дарвоз, сарҳади Зарафшону Қаротегин ва поёноби дарёи Хингобро дар бар мегирифт. Дар таърихнигории тоҷик ин минтақаҳо бо сабаби ҳамсарҳад будан бо дигар минтақаҳо ва вуҷуд доштани роҳҳои байниминтақавӣ аз тарафи олимон ҳамчун минтақаи муштараки омӯзишӣ дониста шудааст.

Масоили гуногуни таърихии минтақаи Рашт дар осори муаррихони маҳаллии давраи нав, яъне, муаррихони тоинқилобӣ, хусусан, асарҳои таърихии муаррихони хонигарии Қӯқанд, аморати Бухоро, манотиқи ҳамҷавор ва намояндагони доираи адабии худи Раштонзамин инъикос гардидааст. Муаррихи ин давра Маҳмуд ибни Валӣ дар асараш «Баҳр-ул-асрор» оид ба баъзе масъалаҳои таърихии Қаротегин маълумоти пароканда овардааст. Ҳарчанд ин асар пурра ба масоили таърихӣ бахшида нашудааст, аммо муаллиф дар он қайд менамояд, ки моҳи январи соли 1636 12 000 хонаводаи қирғиз

тавассути Қаротегин (Рашт) ба мулки Ҳисор ворид шуданд [11, С.167]. Сабабҳои ҳиҷрати ин мардум ба Ҳисор ва дигар паҳлуҳои ин масъала дар асари «Баҳр-ул-асрор» зикр намегардад. Вале муҳим он аст, ки дар давраи тоинқилобӣ роҳи бузурге ба воситаи Қаротегин мегузаштааст. Ин масъала дар дигар таърихномаҳои маҳаллии давраи нав зикр нашудааст.

Ба андешаи мо, бо вуҷуди он ки минтақаи Қаротегин дар қисмати кӯҳии Бухорои шарқӣ ҷойгир буд, ба дигар минтақаҳои ҳамсарҳади худ роҳҳои хурду бузург дошт. Ин роҳҳо дар рушди тиҷорат ва дигар муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоии мардум мусоидат мекарданд.

Муаррихи дигари охири асримиёнагӣ Хуҷамқулбеки Балхӣ дар асари худ «Таърихи қипчоқхонӣ» аз тохтутози қалмиқҳо ба Қаротегин ёдовар шудааст. Муаллифи ин сарчашма менигорад, ки муддате тоҷикони Рашт ва Дарвоз ба қалмиқҳо хироҷ медоданд. Хуҷамқулбеки Балхӣ ҳаводисро шарҳ надода, аз сабабҳои тохтутози онҳо, санаи ҷанг ва сабабҳои шикасти тоҷикони Қаротегину Дарвоз хабар надода, бо як ҷумлаи кӯтоҳ ба ин масъала хотима гузоштааст. Эҳтимол меравад, ки ин муаррих ба тобеияти хонигарии Қуқанд даромадани Қаротегину Дарвозро дар назар доштааст. Воқеан, соли 1834 лашкари хони Қуқанд таҳти фармони Мадалихон (1821-1842) ба ҷониби Қаротегин, Кӯлоб ва Дарвоз лашкар кашида, онҳоро муддате дар ихтиёри худ қарор дод. Дар ин давра Қаротегин ба монанди дигар мулкҳои истилошуда маҷбур буд, ки ба хонигарии Қуқанд андоз диҳад.

Оид ба ин масъала дар дигар таърихномаҳои он давра низ маълумот оварда шудааааст. Аз ҷумла, Муҳаммад Ҳакимхон дар асари худ «Мунтахаб-ут-таворих» менигорад, ки муддате мулкҳои Қаротегин, Кӯлоб ва Дарвоз дар итоати хонҳои Қуқанд будаанд [15]. Муаррихони дигари ин давра Ниёзмуҳаммад Хуқандӣ ва Мирзо Олим

Маҳмуд Ҳоҷӣ ин ахбори Муҳаммад Ҳакимхонро тасдиқ карда, дар хусуси лашкари хонигарии Қуқанд маълумот дода, менависанд, ки он аз ҳисоби тоҷикони кӯҳистон таъсис дода мешуд, ки асосан аз қаротегиниҳо, дарвозиҳо, вахониҳо, рушониҳо, шуғнониҳо, читролиҳо, кӯлобиҳо, ҳисориҳо иборат будааст [19]. Ин масъала дар асари «Анҷуман-ут-таворих»-и Худоёрзода низ инъикос шудааст [21]. Аммо то ҳуҷуми хони Қуқанд ба Қаротегин сипоҳиёни қаротегин дар байни артиши Қуқанд набуданд. Онҷи ки ин муаррихон ишора намудаанд, танҳо пас аз забти Қаротегин сурат гирифтааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки хони Қуқанд Олимхон дар миёни ҳокимони сулолаҳои туркии Осиёи Миёна шояд аз аввалин нафаре буд, ки ҳайати лашкари худро аз ҳисоби тоҷикони кӯҳистон таъсис медод. Сафири рус дар хонигарии Қуқанд Филипп Назаров ҳам қайд менамояд, ки ҳангоме мо ба дарбори хон ташриф овардем, дар назди мо сафирони шоҳигариҳои тоҷикони қуҳистон-қаротегинҳо, рушониҳо ва шуғниҳо ҳам интизори пазироии худ аз ҷониби хон буданд [19].

Худоёрзода оиди дар Қаротегин сипарӣ намудани ҳукми бадарға ва бастани никоҳи писари хони Қуқанд Иброҳимбек (Атолиқбек) бо духтари шоҳи Қаротегин ва дигар масоили вобаста ба авзои сиёсии минтақа маълумот додааст [21]. Дар асари ӯ муҳорибаи дастаҳои хони Қуқанд ва дастаҳои мардуми Дарвозу Қаротегин бо сардории ҳокими Дарвоз Султон Маҳмуд дар миёнароҳи Ҳоит ва Сарипул инъикос шудааст, ки дар ин ҳарб Қуқанд ғалаба ба даст овардааст.

Муҳаммад Ҳакимхон ҳам хабар медиҳад, ки дар натиҷаи ҷанги мазкур Муҳаммадкули парвоначӣ хокими Қаротегин таъин карда шуда, лашкари Қуқанд пас мегардад [15]. Аз ахбори манобеъи хаттӣ натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки хонигарии Қуқанд борҳо ба минтақаҳои Қаротегину Дарвоз лашкар кашидааст. Мардуми ин минтақаҳо ба муқобили лашкари Қуқанд мубориза бурда, бо сабаби

нобаробарии қувваҳо шикаст хӯрданд. Ҳамин тавр, ин минтақаҳо аз ҷониби хонигарии Қуқанд забт гардида, ба ҳокимияти хонии он ҳамроҳ карда шудаанд. Эҳтимол меравад, ки хони Қуқанд маҳз ҷасорати тоҷикони куҳистонро мушоҳида карда, минбаъд онҳоро ба лашкариёни худ ҳамроҳ кардааст.

Тоҷикони Қаротегин барои истиқлоли сиёсии худ борҳо мубориза бурданд. Аз ҷумла, соли 1839 дар минтақа бар зидди тартиботи хонигарии Қӯқанд шӯриш сар зада, оқибат байни Бухоро ва Қуқанд барои минтақаи мазкур низоъҳо оғоз гардиданд.

Қорӣ Эмомалӣ, ки бо тахаллуси Комӣ (вафоташ 1855) маъруф аст, шоҳиди ҳуҷуми Хонигарии Қуқанд ба Қаротегину Дарвоз будааст ва дар асари худ «Таърихи манзума» фатҳи мулкҳои куҳистони Қаротегину Дарвозро дар риштаи назм тасвир намудааст. Аз мисраҳои шеъри ӯ маълум мегардад, ки дар калимаҳои «Ғарм», «Ҳоит» ,«Сарипул» ва «Пои шаҳи Дарвоз» моддаи таърих мавҷуд буда, санаи ҳуҷуми Хони Қуқанд Мадалихон ба Қаротегин соли 1249-и ҳиҷрӣ, мутобиқ ба соли 1833-1834 мелодӣ аст [186].

Мувофиқи таҳлили манбаъҳои таърихӣ профессор Ҳ. Пирмушоев ба хулосае меояд, ки дар муддати асри XIX Қаротегин се бор ба ҳуҷуми хонҳои Қуқанд рӯ ба рӯ гардидааст. Бори нахуст қуқандиҳо соли 1834 ба минтақа дар замони ҳукмронии Муҳаммадалихон ҳуҷум карда, Қаротегин ва Даврвозро тобеъ кардаанд, даъфаи дуюм соли 1858 дар замони ҳукмронии Мадалихон ва ниҳоят соли 1869 дар замони ҳукмронии Худоёрхон қуқандиҳо ба минтақа сар дароварданд [185].

Аз мазмуни асарҳои мазкур бармеояд, ки дар онҳо бештар таърихи сиёсии минтақа зикр шуда, маълум мегардад, ки Қаротегин муддате, ки ба хонигарии Қӯқанд итоат мекард, барои хизмат дар артиши хонигарӣ аз минтақа сарбозон сафарбар намуд. Тибқи хулосаи муаллифони замон ва муҳаққиқони муосир, аз ҷумла, Б.Р. Турсунов

тоҷикони кӯҳистон қисми асосии лашкари хонигарии мазкурро ташкил медодаанд. Аз миёни онҳо дар оянда сарфармондеҳони номӣ баромаданд, ки дар ҷангҳо аллайҳи мамолики атроф ном бароварданд.[185].

Муҳаққиқи тоҷик Б. Р. Турсунов асарҳои таърихии муаллифони дарбори Қӯқандро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки Қаротегин дар давраи ҳукмронии Муҳамадалихон аз ҷониби Қуқанд забт гардида, муддати муайян дар ҳайати он буд [185].

Муаллифи «Таърихи Шоҳрухия» Мулло Ниёз Муҳаммад ибни Ошури Қуқандӣ, ки дар лашкари хони Қуқанд хизмат карда, дар чандин юришҳо бевосита иштирок дошт, дар асари худ мефармояд, ки дар натиҷаи забти Қаротегин Шоҳ қушбегӣ волии Қаротегин таъин гардида, ғолибон шоҳи Дарвоз Султон Маҳмудро ҳамчун асир бо худ ба Қуқанд burданд, ки эшон дар роҳ ҷон дода, дар мазори Шоҳимардон дафн карда шуд [19]. Ҳамчунин, дар китоби «Таърихи Шоҳрухия» маълумоти муфассал ва дорои аҳаммияти таърихӣ оиди шаҷараи шоҳони Қаротегин оварда шудааст. Муаллиф шахсияти яке аз амалдорони маҳаллӣ - Қаноатшоҳи Атоликро тавсиф намуда, ӯро ҳамчун сарлашкари бошуҷоат, хунсард ва таҳаммулпазир муаррифӣ мекунад [19].

Таърих гувоҳ аст, ки Қаротегин то замони салтанати хони Қуқанд Мадалӣ (Муҳаммадалӣ, солҳои 1822-1842 милодӣ) шоҳигарии мустақил буд. Соли 1834 милодӣ ба хони Қуқанд хабар мерасад, ки писарони хони аз тахт маҳрумшудаи Қуқанд - Олимхон бо номҳои Иброҳимбек ва Муродбек, ки онҳоро амири Фарғона Умархон аз салтанат ронда буд, ба Қаротегин рафта, паноҳ бурданд ва ният доранд, ки қувва ҷамъ карда, Қуқандро ба даст оранд ва соҳиби тоҷу тахти падарашон шаванд. Аз ин нияти онҳо хавф бурда, хони Қуқанд Мадалӣ ба Қаротегин бо сарварии Машариф Атолиқ лашкар фиристод. Дар мавзеи Сарипули наздикии ноҳияи Ғарм ҷанг сар зад ва

сипоҳи қаротегиниҳову дарвозиҳо шикаст хӯраданд. Пас аз он Қаротегину Дарвоз ба тобеияти Аморати Фарғона даромада, хонҳои Қуқанд аз ин сарзаминҳо барои лашкари худ сарбоз мегирифтанд [88].

Муҳаққиқ М. Амирбеков қайд менамояд, ки Қаноатшоҳ, ки ҷавони далеру шуҷоъ буд, дар аввал чун сарбоз ба лашкари хони Қуқанд ҷалб шуда буд ва дар ҷангҳо қаҳрамониҳо нишон дода, ба дараҷаи сарлашкарӣ расид. Лашкари махсуси низомии Қаноатшоҳ комилан аз тоҷикони кӯҳистон: қаротегинҳо, вахёчиҳо, дарвозиҳо, кӯлобиҳо, рушониҳо ва шуғниҳо иборат буд. Бо ин лашкари худ Қаноатшоҳ дар замони салтанати Олимхону Мадалихон қаламрави Аморати Фарғонаро васеъ намуда, шаҳрҳои Тошканд, Хуҷанд ва Уротеппаро фатҳ карда, қабилаҳои қазоқу қипчоқро низ ба ин хонигарӣ тобеъ намуданд. Дар аҳди салтанати худ Умархон (солҳои 1810-1822 милодӣ) дар ҳама лашкаркашиҳояш сипаҳсолор Қаноатшоҳи Қаротегиниро бо худ мебурд ва зафарёб мегардид [88].

Охирҳои солҳои 60-уми асри XIX ҳокимони Кӯлобу Ҳисор Сарахону Абдулкаримбий бо мақсади тобеъ намудани мулкҳои Қаротегину Дарвоз лашкар кашиданд. Дар давраи мазкур шоҳи Дарвоз Исмоилшо (1845-1863) шоҳигариҳои Қаротегину Ванҷро дар ихтиёр дошт. Аз рӯи маълумоти мавҷуда маълум аст, ки Исмоилшо Қаротегинро ба зулми шамшер ба даст оварда, ба мардум фасодро раво дида буд [186, С.62]. Шоҳ Исмоилшо аз ҳуҷуми ҳокимони Кӯлобу Ҳисор воқиф гардида, бо лашкари зиёде дар минтақаи Обигарм сари роҳи онҳоро гирифт. Ҳокимони Кӯлобу Ҳисор бо 50-ҳазор сарбозони ҷангӣ бо ҳокимони Қаротегину Дарвоз мубориза намуданд. Шоҳ Исмоилшо дар ҷанги навбатӣ шикаст хӯрда, ба Тавилдара, ки маркази ҳамонвақтаи шоҳигарии Дарвоз буд, фирор намуд.

Шоҳ Исмоилшо баъди ба Тавилдара расиданаш гумон дошт, ки лашкари душман аз роҳи хавфноки Шаҳкандагӣ гузашта натавониста, ақибнишинӣ мекунанд, аммо лашкари Кӯлобу Ҳисор баъди

машақатҳои зиёд ба Тавилдара расиданд. Шоҳ Исмоилшо таслим гардида, ҳокимияти Дарвозу Қаротегин ва Олою қирғиз ба дасти онҳо гузашт.

Мулло Муҳаммадраҷаб мутаххалис ба Парии Ҳисорӣ дар достони «Зафарнома»-и худ рафти ҳуҷуми мазкурро дар риштаи назм тасвир намудааст [18, С.125].

Соли 1877 амири Бухоро Қаротегинро забт намуда, ба тасарруфи худ даровард. Дар ин бора муаррихи асрҳои XVIII-XIX Мирзоасалбек дар рисолаи худ «Таърихи Салимӣ» ишора намудааст. Аз ҷумла, ӯ хунхориву бераҳмии лашкари амири Бухороро дар Қаротегин, қатли мардуми бегуноҳ ва ғорати моли мардумро аз ҷониби лашкари Бухоро инъикос карда, ин фоҷиаро ба фоҷиаҳои анҷомдодаи Чингизхон баробар донистааст, ки ба андешаи мо ба дурустии ахбори ӯ ҷой шубҳа нест.

Аз ин пас, дар минтақа таъсири сиёсии манғитҳо боло гирифта, шоҳигарии Қаротегин мустақилияти худро пурра аз даст дода, ба сифати бекигарии алоҳида ба ҳайати Аморати Бухоро шомил гардид. Яъне, маҳз бо рухсати генерал Скобелев амир Музаффар соли 1878 ба Қаротегин лашкарашро бо сардории Худойназар додхоҳ фиристод. То омадани Худойназар-додхоҳ шоҳи Қаротегин Саид Муҳаммадшо бо ҳиллаи корфармудаи амир Музаффар, ки гӯё ӯро аз таҳдиди русҳо халос мекарда бошад, ба ҳимояи худ ба ҷояш Раҳимшоро шинонданд. Раҳимшо дар тобеият байни хони Хуқанд ва амири Бухоро каловиш дошт. Ҳамин баҳона шуду соли 1878 Раҳимшо ҳам аз дасти Худойназар додхоҳ асири амир гардид». [164, С.31-32]

Ҳамин тариқ, Қаротегин агарчи бевосита ба Россия ҳамроҳ карда нашуда бошад ҳам, аммо таъсири сохти иҷтимоӣ ва фарҳангии он ба сарзамини мазкур низ аз худ нақше гузошта буд. Ҳамчунин, дар асоси таҳлили маъхазҳои таърихии ҳавзаи Қуқанд ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки замина ва ҳайати артиши хонигарии Қуқандро

тоҷикони Қаротегин, Қӯҳистони Бадахшон ва Кӯлоб ташкил медодаанд.

Дар асари Мирзо Азими Сомӣ вобаста ба ҳаёти сиёсии аморати Бухоро, хусусан, ба ҳаводиси таърихии бекигарии Қаротегин ишора шудааст. Аз ҷумла, муаллиф оид ба Муҳаммад Муродбекбий, ки дар Ғарм ба мансаби парвоначии Амири Бухоро таъин шуда буд, роҷеъ ба рафтани Тура тавассути Қаротегин ба Қуқанд ва дигар масоили таърихӣ маълумот оварда шудааст [14, С.298].

Ҳодисаҳои таърихӣ, хусусан, вазъи сиёсии Қаротегин дар асари «Таърихи Бадахшон»-и Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар инъикос ёфтааст [14, С.99]. Муаллифони зикршуда дар гуфтори «Зикри рафтани мир Муҳаммадшоҳ ба Дарвоз ва кумак хостани ӯ аз Шоҳ Мансурхон» аз мулки Қаротегин чунин ёд мекунанд: “Боре мир Муҳаммадшоҳ ба Мансурхон - шоҳи Дарвоз ба талаби кумаку имдод рафта буд. Шоҳи Дарвоз Мансурхон, он чи ки шароити расму русуми қадрдонӣ буд, дукарата иҷро намуд. Дар вақти бозгашт шаб маҳалли Лойёбаро гузашта, дар Дуоба ном маҳалле шабро гузарониданд... Қазоро ҳамон шаб, ки шоҳ дар Дуоба буд, яке аз шоҳони Қаротегин - Шоҳ Болту ном соҳиби лашкару ҳашаму хадам буд, ба андешаи хаёли фосид хост, ки шоҳро ҳамон шаб бигиранд ва он чи аз дасти ӯ биёяд, сарфа накунад... Чунки ба Дарвоз ба Қалъаи Хум расид, Шоҳ Болтуро дар ҳузури худ дошта фармуд, ки: «Туро ба хонаи худ ба тамомии низому эҳтишоми худ бояд рафтан ва тадоруки истеҳкоми худ бояд кардан, ки армон дар хотират намонад, ки мо ҳам инак ба таъқиб мерасем ва ҳар чи бо ҳам дорем, ҳам он ҷо мекунем» [14, С.99].

Оид ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, мардумшиносӣ ва фарҳангии мулки Қаротегин миёни муаллифони маҳаллии тоинқилобӣ ба таври муфассал Муҳаммад Содиқхоҷа Гулшанӣ маълумоти бештар додааст. Ӯ дар асари худ «Таърихи Хумоюн» ба ҳама шаҳру навоҳии аморати

Бухоро тавачҷуҳ намуда, масоили сиёсӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву мардумшиносии онҳоро аз натиҷаи дидаву шунидаҳояш инъикос намудааст. Аз ҷумла, оид ба иёлати Қаротегин мефармояд, ки «Ин иёлат аз касир-ун-нуфустарин иёлати кӯҳистон аст» [16, С.150]. Яъне, Содиқхоҷаи Гулшанӣ аҳолии ин минтақаро нисбат ба дигар аҳолии шаҳру ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ зиёд донистааст. Ҳамзамон ӯ шумораи қурғончаҳо ва қазоҳои онро ба ҳаждаҳ адад баробар дониста, дар бораи ҳар яки он маълумоти таърихиву ҷуғрофӣ медиҳад.

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ бо тавачҷуҳ ба масоили сиёсии Қаротегин менигорад: «Дар солифу-з-замон ин иёлат як ҳукумати мустақил будаасту худсар. Ва амиру-л-муъминин, ҷаноби олии марҳумм ин ҳукуматро тасарруф намуда, замимаи давлати Бухорои Шариф намуданд» [16, С.150]. Ин ахбори Гулшанӣ бори дигар собит месозад, воқеан, Қаротегин дар гузашта на ба Қуқанд ва на ба Аморати Бухоро итоат намекард. Аммо тавре қайд гардид, дар давраи ҳукмронии амир Музаффар ба Аморати Бухоро ҳамроҳ карда шуд. Ҳарчанд Гулшанӣ бо тавачҷуҳ ба амирони манғитӣ мардуми ин минтақаро худсар номада бошад ҳам, аз ҷониби дигар, аз ин ахбор бармеояд, ки мардуми Қаротегин баҳри озодӣ ҳамеша талош мекард ва бар зидди аҷнабиён мубориза меборад.

Содиқхоҷаи Гулшанӣ мардуми Бухорои Шарқиро «Ғалча» ном мебарад. Ғалча аз рӯи маълумоти Гулшанӣ аз тоҷикон ва туркҳо иборат буда, шумораи он як лак ва бист ҳазор хоҷагиро ташкил медод. Гулшании Бухороӣ шумораи аҳолии ин минтақаро аз 30 ҳазор хонаводаи қарақирғиз дар баландиҳои Помир ва 120.000 хонаводаи тоҷик дар водиҳои минтақаи Қаротегин нишон медиҳад [16, С.153-154]. Ҳамзамон, ӯ дар охири асари худ қуллияи саканаи иёлатҳои Қаротегинро ба 225000 хонавор ва шумораи аҳолиро ба 675000 нисбат додааст. Аммо ба ин ахбори ӯ боварӣ ҳосил кардан ғайриимкон аст. Зеро ин ахбори ӯ тахминӣ буда, дар он замон аҳолии минтақаҳо ба

рӯйхат гирифта намешуд. Ин масъаларо муаррихони тоинқилобии рус низ борҳо дар асарҳояшон мунъакис кардаанд.

Соддиқхоҷаи Гулшанӣ ҳудуди ин водиро мухтасар ба тариқи зайл зикр кардааст: «Ҳудуди арбааи он шарқан кӯҳи Помир, шимолан водии Зарафшон, ғарбан кӯҳистони Сағониён, ҷанубан Чилдараи тавобеи Дарвоз аст. Дарози (паҳнои)-и он тамоман бисту як ҳазору панҷсаду сию панҷ (21,535) мил (қадам, газ)-и мураббаъ заминро дорост» [16, С.152]. Аз ин ҳисоб маълум мегарад, ки масоҳати умумии ин водӣ 86,140-милро ташкил дода, дар муқоисаи мураббаъ (квадрат)-и мил бо метр нишондоди Гулшанӣ аз нишондоди Кисляков ду маротиба бартарӣ дорад. Пас, дақиқ муайян намудани масоҳати ин водӣ, ки тобеъияти ҳудудии ноҳияҳои он то кунун тайғир наёфтааст, аз рӯи ҳисоби имрӯза имконпазир мебошад. Гулшанӣ тақсимбандии манотиқи ин водиро дар мисоли қалъаи Ғарм, қалъаи Лаби Об, қалъаи Яхак, қалъаи Пунбачӣ ва дигар ба 18 қурғон муаррифӣ намудааст.

Дар китоби Гулшанӣ омадааст, ки «Қаротегин иёлати ҳаштум аст аз миёни иёлоти Бухоро ва ин иёлат касиру-н-нуфустарин иёлоти кӯҳистон мебошад. Масофа аз ин иёлат то Бухорои Шариф ҳафтоду чаҳор фарсахро ташкил медиҳад» [16, С.152-157]. Муаллиф қайд мекунад, ки ин минтақаро кӯҳҳои Помир, водии Зарафшон, Сагониён ва чиҳилдараи тавобеи Дарвоз иҳота мекунанд. Ҳаҷми заминҳои он бисту як ҳазору панҷсаду сиву панҷ мили мураббаъро доро мебошад. Маълумоти Гулшанӣ хеле дақиқ инфрасохтори тиҷоратии ин минтақаро инъикос мекунад. Вай қайд мекунад, ки роҳҳо аз ин макон бо минтақаҳои вилояти Фарғона, Андиҷон, Уротеппа, Қошғар, Сарикул, Хатлону Ҳисор пайваст мешаванд, ки ин барои тоҷирон имконияти хуброро фароҳам месозад. Оиди кишоварзӣ Гулшанӣ менависад, ки «зироати ин мамлакат гандум аст. Гандуми обӣ ба хубӣ мерасад» [16, С.152-157].

Кишти заминҳои лалмиро нишон дода, вай усули хеле аҷибро мушоҳида мекунад. Яъне, сокинони Рашт болои барфи обшудаистода хок пошида, дар он тухмӣ мекоранду меравanд. Чун моҳи саратон омад, зироатро хабар мегиранд ва он ҳосили хуб медиҳад. Ба қавли Гулшанӣ боигарии табиати ин макон аз хирс ва нахчир фаровон аст. Қутоспарварӣ низ дар ин макон маъмул будааст [16, С.152-157].

Оид ба шавқу рағбати мардум ба маърифатпарварӣ дар Рашт Гулшанӣ иброз медорад, ки «аҳли талабаи илм дар ин ҷо фаровон аст ва аҳолии он закитабъу ҳуззол (бозарофат ҳазлкаш) ва забоновару бадеҳагӯянд, аксари онҳо аҳли хатту савод аст. Аҳолии он бағоят соҳиби фасоҳату балоғат, аксари онҳо шуъарою удабоанд, ҳама закитабеъу базлаҷӯй ва латифагӯю забоноваранд, шуарои ширинқалам бисёр дорад» [16, С.248].

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ сифатҳои одамдустӣ, меҳмонавозӣ ва дигар расму одатҳои хуб ва ҳамидаи мардуми кӯҳистони Қаротегинро хеле васеъ шарҳ медиҳанд. Вай менависад, ки «Тамоми аҳолии ҳаждаҳ қурғони он ҳама тоҷиканд, ҳама мардуми қавиҳайкалу қавибунияанд, ба заковату фаросат ва имтиёзи сухан машҳуранд. Ба касби илм иштиғоли тамом доранд ва олимони мутабаҳҳир (доно, донишманд) дар ин вилоят бисёранд ва талабаи он низ фаровон аст, аксари онҳо ба Бухорои Шариф омада, касби улуми мутадовилаи байналуламоро намуда, ба ватани худҳо рафтаанд. Аз ин қабил асҳоби арбоби дониш бисёр доранд» [16, С.248].

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ маркази иёлати Қаротегин қурғони Ғармро зикр кардааст. Ӯ мефармояд: «Қурғони Ғарм ба даруни як сойст ба канори дарё ва ҳавои он назар ба соири ғурғонҳои он паст аст. Ва қурғону қасабаи Қалъаи Лаби об аз он хушҳаво ва фараҳфизост ва баъд аз он Қалъаи Яхак низ хушманзар аст, сахнаи гулистони кӯҳӣ ва канори дарё ва сабзазор ва марғзор аст, бағоят хушнишасту дилкаш аст» [16, С.152].

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ аз аввалин муаррихони маҳаллиест, ки оид ба масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, этникӣ ва фарҳангии минтақаи Ғарм дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар рисолаи худ «Таърихи ҳумоюн» маълумоти  муфассал медиҳад. Ин ахбори ӯ қимати баланди илмӣ дошта, дар омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии масоили таърихиву ҷуғрофии на танҳо Қаротегин, балки дигар шаҳру навоҳии Бухорои Шарқӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Муаррихи дигари охири асри XIX ва ибтидои асри XX Муҳаммадалии Балҷувонӣ дар асари худ «Таърихи нофеъӣ» ба ҳаводиси таърихии Бухорои Шарқӣ таваҷҷуҳ намудааст. Аз ҷумла, ҳаводиси таърихии минтақаи Рашт низ дар давраи зикршуда аз назари ӯ дур намонда, муаллиф дар асараш  ба таври мухтасар  аз ҳаёти сиёсии водии Қаротегин зикр менамояд. Муҳаммадалии Балҷувонӣ дар ин росилаи худ ба монанди дигар муаррихон низ зикр менамояд, ки давлати Бухоро дар тобеияти худ шаҳру минтақаҳо, аз ҷумла, Қаротегинро низ дар ихтиёр дошт [17, С.32]. Аммо ин муаррих аз рафти ҳаводиси ҳуҷуми лашкари манғития ба Қаротегин ва хунхориву ғоратгариҳои лашкари амир хабар намедиҳад, балки дар ҷойи дигари асараш оид ба ҳуҷуми лашкари Сурх ба водии Ҳисор нақл мекунад, ки дар ин ҳуҷум аскари Русия шаҳри Деҳнав ва Сариҷӯро гирифта, озими шаҳри Қаратоғ ва Ҳисор мегардад. Дар ин рӯзҳо амир дар шаҳри Душанбе буд. Дар байни қадим ва ҷадид шуҳрати тамом дошт. Бисёр касонро ҷадид гуфта ба қатл расонид. Мегӯянд, ки ҳокими Қаротегин Баротбек ҳидоичиро ҷадид гуфта, ба қатл расонидааст [17, С.32].

Муҳаммадалӣ аз босмачиҳои Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин ва Балҷувон хабар дода, менависад: «Ин ҷамоаро ба истилоҳи бухороиҳо босмачиёни Шарқ меноманд. Маҳдумбек аз Қаротегин, аз ҷумлаи аҳли сулук ва соҳиби хонақову мурид буд. Бо ҳамроҳии ҳукумати шуро ҷиҳодро фарзи айн дониста, чандин муддат дар шаҳрҳои шарқи Бухоро

муҳориба ва муқобала намуда, оқибат дар сарҳади Кӯлоб бо дасти одамони худаш дар соли 1922-и милодӣ ба қатл расонида шуд. Фузайл Махсум сардори босмачиёни Қаротегин буд. Кори ӯ хунрезӣ, муҳориба ва бенизомӣ буд. Муддати як сол дар Қаротегин ҳукумронӣ карда, оқибат тоқат накарда ба Афғонистон гурехта рафт» [17, С.95].

Дар омӯзиши ин минтақа асари хотиравии донишманди тоҷик Садри Зиё бо номи «Рӯзнома» аҳаммияти хосса дорад. «Рӯзнома»-и Садри Зиё воқеаҳои давраи охири асри XIX ва аввали асри XX-ро дар бар мегирад. Дар муқаддимаи китоби худ Садри Зиё менависад, ки дар он тасвири воқеаҳо аз соли 1300 (1882) оғоз гардида, соли 1335 (1918) ба охир мерасад. Садри Зиё ба мисли Аҳмади Дониш аз равшанфикрони Бухоро буда, мехост, ки дар Бухоро ба мисли дигар кишварҳои пешрафтаи дунё парламентаризм бунёд гардад. Дар асари Садри Зиё «Таърих», ки он соли 1931 дар шаҳри Қаршӣ бо забони тоҷикӣ нашр гардида, аз давраи ҳукмронии Темур то давраи ба Афғонистон гурехтани амир Олимхон маълумот ҷамъоварӣ шудааст. Дар ин асар маълумот оиди ваҳшонияти амир Музаффар ҳангоми пахши исён дар Ҳисор ва зикри ҳокимони вилоятҳои Балх, Ҳисор, Қаротегин ва Дарвоз оварда шудааст [163, С.146].

Вобаста ба маводҳои зиёди ин асар арзиши он барои омӯхтани таърихи Осиён Миёна, аз ҷумла, Қаротегин аҳаммияти хосса дорад.

Маълумоти мухталифи таърихӣ ва ҷуғрофии минтақаи Рашт дар асари Қорӣ Рахматуллоҳи Возеҳ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» (Маълумот оиди кишварҳо), асари Мирзо Сироҷи Хаким «Туҳафи аҳли Бухоро» (Ҳадяи бухориён), асари Абдурауфи Фитрат «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» оварда шудааст.

Дар баробари манбаҳои таърихӣ диққати моро, инчунин, маълумоти дастнависҳои шоирони давраи тоинқилобӣ ҷалб намуданд. Аз ҷумла, шоир Мавлавӣ Шоҳидии Рашти дар асари худ «Гулшани

тавҳид», шоир Муҳаммад Қосимӣ оид ба ҳаёти сокинони минтақа дар шакли наср маълумот овардаанд.

Ҳамин тавр, гарчанде ки муаррихони маҳаллӣ характери муташаккил надоштанд, аммо таҳлили умумии онҳо нишон медиҳад, ки тамоми ин таҳлилҳо як раванди омӯзиши таърихи минтақаро ташкил ва тартиби муайяни таърихнигориро тақозо мекунанд.

Дар қисмати таърихнигорӣ ва тазкиранависии Рашт асарҳои донишмандони маъруф, ба монанди Афзалмахдуми Пирмастӣ («Афзалу-т-тазкор»), Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ («Туҳфат-у-лаҳбоб фи тазкират-у-ласҳоб»), Мир Муҳаммадсиддиқи Ҳикмат («Тазкирату-ш-шуаро»), Муҳаммадшариф Садри Зиё, («Тазкор-ул-ашъор», «Фузалои мутааххирин ва шуарои муосирин»), Аҳмади Дониш, («Наводиру-л-вақоеъ» ва «Путишествие из Бухары в Петербург») Абдулазими Сомӣ («Таърихи салотини Манғития»), Мирзо Ҳомид («Давраи охирини таърихи Бухоро»), Муҳтарам («Тазкиратушшуаро»), Ҳомид Бақоев («Таърихи амирони Манғития»), Абдурауфи Фитрат, Садриддин Айнӣ ва дигаронро бояд ёдрас шуд, ки ҷанбаҳои гуногуни давлатдории Бухороро таҳлил карда, минтақаи Қаротегинро ёдрас мешаванд.

Хулоса, муаррихони маҳаллии тоинқилобӣ вобаста ба ҳаводиси сиёсии охири асри XIX ва ибтидои асри XX асарҳо таълиф намудаанд. Дар ин сарчашмаҳо ҳаводиси сиёсиву иҷтимоии минтақи Қаротегин, ки дар ибтидо ҳамчун мулки ниммустақил ба хонигарии Қуқанд ва баъдан ба бекигарии Аморати Бухоро табдил ёфт ва дар он ҷангу хунрезиҳои зиёде ба миён омад, аз мадди назари бисёр муаррихон дур намондааст. Аммо бештари он муаррихоне, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, шоҳиди ҳодисаҳо набуда, ҳаводиси таърихиро аз нақлу гузоришҳои шоҳидони воқеаҳо инъикос намудаанд.

Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки бо вуҷуди ин, ахбори муаррихони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба ҳамдигар мувофиқ буда, ба ҳақиқат наздиканд. Ғайр аз ин, оид ба таърихи

индавраинаи Қаротегин асари алоҳидае аз муаррихони маҳаллӣ вуҷуд надорд.

Дигар масъалаҳои марбут ба таърихи Қаротегин, аз ҷумла, масоили иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангиву мадании Қаротегин дар манобеи хаттӣ пурра инъикос нашуда, гаҳу гузаре дар ин ва ё он манбаъ ишора шудааст. Аз омӯзиш ва таҳлили ҳаводиси таърихӣ дар сарчашмаҳои хаттӣ натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки Қаротегин то соли 1838 ҳамчун мулки мустақил қарор дошта, ба он мирони маҳалӣ сарварӣ мекарданд. Аз соли 1838 тохтутози лашкари Қуқанд оғоз мешавад, ки дар натиҷа на танҳо Қаротегин, балки Дарвозро низ забт менамоянд ва ин мулкҳо ба мулкҳои ниммустақил табдил меёбанд. Сипас, лашкари Аморати Бухоро ба ин мулкҳо лакар кашида, онҳоро ба итоати худ медарорад ва ин мулкҳо ниммустақилияти худро аз даст дода, пурра ба бекигарии Бухоро табдил меёбанд ва то лаҳзаи сарнагун шудани ҳокимияти амирӣ дар таҳти тасарруфи онҳо боқӣ мемонад. Оид ба масоили иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар осори муаррихони маҳаллии охири асри XIX ва ибтидои асри XX маълумот ниҳоят кам аст.

Дар натиҷаи баррасӣ ва таҳлили асарҳои таърихии муаллифони давраи тоинқилобии маҳаллӣ чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

- маълумот оид ба Қаротегин дар асарҳои муаллифони маҳаллӣ дар шакли порча, саргузаштгӯӣ, ривоёт, ҳамчунин, қисман мазмуни ёддоштӣ дошта ва дигар шаклҳои адабӣ ва илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки бевосита характери таърихии инъикоси ҳодисаҳоро дар бар мегиранд ва аз ҳамин лиҳоз, ҳамчун сарчашмаи таҳқиқот истифода мегарданд;
- доираи таърихнигории маҳаллиро, ки дар онҳо таърихи Қаротегин инъикос гардидааст, метавон ба се ҳавза тақсим намуд: муаллифони доираи адабии хонигарии Қуқанд, Аморати Бухоро ва

ёддошту хотирот, инчунин, насабномаву дастнависони дигар хусусиятдоштаи доираи адабии худи Қаротегин;

- дар асарҳои муаллифони маҳаллӣ нишондиҳандаҳои оморӣ, сохти сиёсӣ, мубориза ҳои сиёсӣ ва ҳаёти иқтисодии минтақа кам инъикос карда шуда, бештар ҳаёти сиёсии минтақа зикр шудааст;
- дар рафти таҳқиқот хусусияти хосси таърихнигории маҳаллӣ муайян карда шуд, ки асоси онро саргузаштгӯӣ ва насабшиносӣ ташкил медиҳад. Ҳар як муаллиф дар асари худ насабнома ва корномаи шахсиятҳои маъруфро бо хатти хешовандӣ нишон медиҳад, ки ин як навъи методологияи таърихнигориро дар худ таҷассум мекунад;
- дар миёни муаллифони маҳалии давраи тоинқилобӣ маълумоти васеътарро оид ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Қаротегин дар осори муаррих, сайёҳ ва ҷуғрофидони бухороӣ Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ пешкаш менамояд;
- таҳлили нашрияҳо ва асарҳои шоирон ва нависандагони маҳаллӣ нишон дод, ки дар асарҳои муаллифони маҳаллӣ нақли ҳодисаҳои таърихӣ аз нигоҳи муҳаббат ба ватан ва зодгоҳ тасвир шуда, характери эҳсосотиро доро мебошад. Ин гуна услуби таърихнависиро мо дар асари Мирзоасалбек «Таърихи Салимӣ» мушоҳида мекунем.

## 1.2. Қаротегин дар асарҳои муҳаққиқони руси охири асри XIX ва ибтидои асри XX

Пас аз ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ва таъсиси генерал-губернатори Туркистон барои муҳаққиқони равияҳои гуногуни рус имкониятҳои васеъ фароҳам омад, то ки онҳо иқтисод, таърих ва этнографияи тоҷикони минтақаҳои дурдаст, ба мисли Қаротегинро мавриди таҳқиқ қарор диҳанд. Тавассути маъмурияти генерал-губернатори Туркистон масъалаи бехатарӣ ва таъмини моддии олимон дар Осиёи Миёна танзим мегардид [143, С.32].

Аввалин маълумот доир ба мулки Қаротегин дар доираи таърихи хонигарии Қуқанд дар асарҳои олимони рус ба мушоҳида мерасад. Аз он ҷумла, доир ба ин масъала асарҳои А. Кун, В. Наливкин, П.Е. Кузнетсов маълумоти арзишмандро дар худ маҳфуз медоранд. Хусусияти хосси ин таҳқиқот дар он аст, ки дар онҳо муаллифон тамоми сарзаминҳои ҷанубӣ ва болооби Амударёро таҳқиқ намудаанд, ки Қаротегин қисме аз ин сарзаминро ташкил медиҳад.

Дар охири солҳои 90-уми асри XIX муҳаққиқ ва мардумшиноси рус М.С. Андреев ба омӯзиши минтақаҳои кӯҳистони Бухорои Шарқӣ оғоз мекунад. Таҳқиқоти ӯ аз пурсиши сокинони минтақаи Қаротегин, ки дар вилояти Фарғона ва шаҳри Тошканд кор мекарданд, ибтидо мегирад. М.С. Андреев ҳаноми суҳбат фарқияти лаҳҷаҳои мардуми Вахё ва Қаротегинро аз дигар тоҷикон ба инобат гирифта, таҳлил намуд.

Дар ҳамин давра муаррихи дигари рус А.А. Семенов ба омӯзиши масоили таърихии Бухорои Шарқӣ низ машғул мешавад. Ӯ солҳои 1900-1901 аз натиҷаи таҳқиқоти мардумшиносӣ ду ҷилд китоби худро доир ба лаҳҷаҳои мардуми кӯҳистон, бахусус, мардуми Дарвозу Қаротегин нашр кард [199, С.56]. Як сол баъд, яъне соли соли 1903 А.А. Семенов аз натиҷаи таҳқоқти худ доир ба минтақаи Дарвозу Қаротегин асари дигарашро нашр менамояд, ки дар он мавқеи ҷуғрофӣ, аҳолӣ, либос, тарзи сохтмони хона, забони маҳаллӣ, урфу одат ва дигар масоили мардумшиносии минтақа мавриди таҳлил қарор дод шудааст [202, С.112].

Охири асри XIX дар минтақаҳои Дарвозу Қаротегин антропологи рус С. Масловский таҳқиқоти илмӣ гузаронид, ки маркази таҳқиқи таҳлилҳои вайро асосан масъалаҳои алоқамандии антропологии тоҷикон ва ориёиён дар бар мегирифт [153, С.17-32]. Ӯ таркиби нажодӣ ва хусусиятҳои нажодии мардуми ин минтақаҳоро аз нигоҳи антрополгӣ тақиқ намуда, ба хулосае меояд, ки ин мардум ориёинажод мебошад. Ҳарчанд дар байни ин мардум одамон аз қавму

қабилаҳои туркӣ зиндагӣ мекарданд, аммо С. Масловский инро ба назар гирифта, эҳсос намудааст, ки онҳо мардуми таҳҷоии ин минтақаҳо набуда, аз дигар ҷо ба инҷо кӯчидаанд.

Як қатор муҳаққиққони дигари рус, ба монанди В.И. Липский, В.Ф. Новитский, Б.В. Литвинов, А.Е. Снесарев ва Д.Н. Логофет дар бораи паҳлуҳои гуногуни ҳаёти мардуми минтақаи Қаротегин таҳқиқот анҷом додаанд [145, С.291-331,698-729,1047-1089; 208; 173, С.1-30; 147; 146], ки осори онҳоро асосан оид ба омӯзиши масъалаҳои муҳими таърихии минтақа баррасӣ намудан мумкин аст. Ҳамчунин, зимни баррасии диссертатсия асарҳои муҳаққиқони русро дар омӯзиши минтақаро дар се самт таҳлил намудем, ки дар поён дар алоҳидагӣ оварда мешаванд.

**Ҳаёти сиёсӣ ва маъмурӣ.** Аввалин маълумотҳои оморӣ оид ба аҳолии минтақаи Қаротегин аз соли 1868 боқӣ мондааст. Яъне, пас аз ҳуҷуми Россия подшоҳӣ ба Осиёи Миёна, дар баробари масъалаҳои ҳарбӣ, мансабдорони ҳарбӣ дар бораи шумораи аҳолӣ, тарзи зиндагии онҳо ва дигар паҳлуҳои хоҷагии халқи мардуми минтақаҳои Осиёи Миёна маълумот ҷамъоварӣ менамуданд. Аз ин ҷиҳат, маълумотҳои ҷосусӣ бо фармони подшоҳони рус амалӣ шуда бошад ҳам, аз ҷониби дигар, чунин барӯйхатгирӣ ва ҳисоботҳои оморӣ борӣ нахуст сурат мегирифт. Масалан, тавре қайд гардид, соли 1868 генерал губернатори Самарқанд К.А. Абрамов аз беки Қаротегин Музаффархон мактуб мегирад, ки дар он чунин маълумотҳо ҷой дода шуданд: шумораи хоҷагиҳои маркази Ғарм - 800, шумораи аҳолии Қаротегин - 100 ҳазор нафар, артиши хон – 2000 нафар, шумораи деҳаҳо – 400 адад [139 С.10]. Албатта, беки Қаротегин ин маълумотро ба ихтеёри худ ба генерал губернатор пешниҳод накардааст. Зеро дар ягон манбаъ оид ба пешниҳод намудани ҳисоботҳои оморӣ ба амир ва ё дигар мансабдорон маълумот дастрас нест. Ин хабар, яъне пешниҳоди ҳисоботҳои оморӣ ба генерал губернатор аз он шаҳодат медиҳад, ки ин масъала бо тариқӣ фармоишӣ ва ё супоришӣ иҷро шудааст.

Соли 1879 антропологи рус В.Ф. Ошанин ва харитасози ҳарбӣ аз ситоди Туркистон штабскапитан Г.Е. Родионов минтақаи Ҳисор, Қаротегин ва Олойро то болооби Муксу ва Сурхоб ва то тарафи пиряхи Федченко таҳқиқ мекунанд. В.Ф. Ошанин мавқеи ҷуғрофӣ ва роҳҳои ин минтақаро таҳлил намуда, дар самти Қаротегин панҷ ағба: - Яғноб, Пакшиф, Вадиф, Паобрут, Ярхичро номбар мекунад, ки дар самти роҳи тарафи Зарафшон ҷойгиранд. Танҳо ду ағба - Пакшиф ва Ярхич барои кашондани бори асп мувофиқ мебошанд, дар дигар ағбаҳо танҳо пиёда рафтан мумкин аст [182].

Геологи рус И.В. Мушкетов дар ҳамроҳӣ бо Г.Ф. Романовский соли 1880 ба минтакаи Помир-Олой сафар намуда, сарҳади Қаротегинро то пиряххои Зарафшон таҳқиқ мекунад [186].

Муҳаққиқи дигари рус Б.Л. Громбческий тобистони соли 1889 бо отряди иборат аз 6 савора аз тарафи Олой ба Қаротегин сафар намуда, аз он ҷо ба ҷониби Қалаи Хумб ва Ванҷ ҳаракат намуда, ба ноҳияи Рӯшон нарасида, бо сабаби фишори афғонҳо ба Қаротегин бармегарданд ва аз он ҷо ба Мурғоб сафар менамояд. Ҳамин тавр, дар давраи аввали омӯзиши Қаротегин, ки соли 1870 оғоз гардида буд, топография ва харитасозии ин минтақа дар оянда низ идома ёфт. Дар ин давра Б.Л. Громбачевский харитаи Бухорои Шарқиро пурра тартиб дод. Солҳои 1888-1889 Бронислав Громбачевский аз Помир гузашта, ба водии Хунзо рафт ва дар он ҷо бо афсари англис Фрэнсис Янгхасбенд вохӯрд ва дар ҳамин ҷо бори нахуст англисҳоро бо харитаи Помир шинос намуд ва ин хатогии ҷиддӣ буд, зеро ин ба англисҳо имкон дод хатти Дюрандро таъсис диҳанд ва соли 1890 экспедитсияи ҳарбиро бо иштироки разведкачиёни англис Эрл Данмор ва Свен Хедин тавассути Помир барои муайян кардани роҳ то Дарвоз фиристанд [186].

Соли 1882 таҳқиқотчии рус Г.А. Арандаренко ба Қаротегин сафар мекунад, ки он ҳамчун аввалин таҳқиқоти комплексии минтақа дониста мешавад. Самти таҳқиқоти Г.А. Арандаренко соли 1882 аз

Каршишел оғоз шуда, тавассути Бухоро ба Чорҷӯй ва  аз он ҷо ба тарафи болооби Амударё - аз бекигариҳои Наразимим, Бордалик, Келиф, Широбод, Қубодиён, Қурғонтеппа, Кӯлоб ва Балҷувон гузашта, ба Қаротегин мерасад. Роҳ аз бекигарии Кӯлоб то Тавилдараро Г.А. Арандаренко тавассути ағбаи Полезак, ки баландиаш 12800 фут аст, убур мекунад. Ӯ аз Тавилдара ба тарафи Сағирдашт ва Қалъаи Хумб ҳаракат намуда, дар маркази деҳаи Қалъаи Хумб се рӯз истироҳат карда,  сипас, тавассути соҳили дарёҳои Хингов, Сафедсанг ва Шокав ба маркази Қаротегин – Ғарм равона мешавад. Охири моҳи майи ҳамин сол Арандаренко ва ҳамроҳонаш ба водии Сурхоб мерасанд ва   вазифаи сафари худро ба Қаротегин муайян карда, чунин менависад: «Азбаски сокинони маҳаллӣ ба системаи кӯҳҳо номи дарёҳои аз онҳо ҷоришударо медиҳанд, дар идомаи таҳқиқоти топографии Ошанин, Смирнов ва Регел мехостем характери умумии кӯҳҳои болооби Амударёро аниқ намоем» [93].

Ҳамин тавр, Г.А. Арандаренко муайян кардани топонимикаи мавзеъҳо, шохобҳои дарёҳо ва кӯҳҳои Қаротегинро мавриди таҳқиқи аниқ бо харитасозии онҳо қарор медиҳад. Мувофиқи маълумоти Г.А. Арандаренко дар асри XVI минтақаи Дарвоз ва Қаротегин зери ҳукмронии намояндаи хони Бухоро Абдуллохон (1538-1597) ва писари вай Қирғизхон буд. Аммо бо сабаби камдаромад будани ин минтақа намояндаи Бухоро ин мавзеҳоро тарк мекунад ва он ба дасти шоҳони маҳаллӣ мегузарад [93].

Ба ақидаи Г.А. Арандаренко топонимикаи Қаротегин аз номи аввалин ҳокимони қирғизи минтақа Қаро ва Тегин гирифта шудааст: «То соли 1868 ин минтақаро шоҳони маҳаллӣ идора мекарданд ва шоҳшаванда хеле зиёд буд. Ҳар даъфа баъди марги шоҳ байни онҳо барои ишғоли ҳокимият ҷанг сар мезад. Ин ҷангҳо ба сустшавии шоҳони Дарвозу Қаротегин оварда мерасонд. Аз чунин вазъият амирони  Қуқанду Бухоро огоҳ шуда, бо истифода аз чунин фурсати мусоид, ҳар кадоми онҳо нақшаи ишғоли онҳоро тарҳрезӣ менамуд.

Бинобар ин, онҳо бо ҳар баҳона мехостанд, ин сарзаминро ишғол намоянд. Тавре дар боло қайд гардид, хони Қуқанд тавонист аввалин маротиба ҳардуи ин минтақаҳо, яъне Дарвозу Қаротегинро ба даст орад. Аммо бо вуҷуди ин, амири манғитӣ Музаффар низ умедашро аз ин минтақаҳо наканда, оқибат онҳоро ишғол карда, ба ҳокимияти худ ҳамроҳ намуд. Бо вуҷуди ин, низоъҳои дохилии мулкҳои Қаротегин ва Дарвозу Кӯлоб рух медод. Соли 1868 Сарахон (Сарахо, Сарабеки 3) - шоҳи Кӯлоб ба шоҳи Дарвозу Қаротегин Музаффар мактуб навишта, ӯро барои муттаҳид шудан бар зидди амири Бухоро даъват мекунад. Аммо шоҳи Дарвозу Қаротегин Музаффаршоҳ мактуби Сарахонро ба амири Бухоро Музаффар мефиристад. Баъди ин воқеа Сарахон ба Қаротегин ҳуҷум карда, Музаффаршоҳро асир мегирад. Аммо баъди розигӣ ба ҳайати давлати шоҳи Кӯлоб дохил шудани Қаротегин ва Дарвоз, Сарахон Музаффаршоҳро аз сари нав ба ҳокимияти ин сарзамин мешинонад. Аммо дар ин маврид ба Қаротегин гурӯҳи ҳарбиёни хони Қуқанд ҳуҷум карда, Сарахон ба тарафи Кӯлоб ақибнишинӣ менамояд. Сарбозони хони Қуқанд Музаффаршоҳро асир гирифта, ба назди хони Қуқанд Худоёрхон мефиристанд. Намояндаи хони Қуқанд Шералӣ Понсад волии Қаротегин эълон мешавад. Дар ҳамин давра урдуи амири Бухоро Кӯлобро ишғол карда, ба тарафи Қаротегин ҳаракат мекунанд. Намояндаи хони Қуқанд Шералӣ Понсад тавассути ағбаҳо ба Қуқанд фирор намуда, ҳокими Қаротегин волии амири Бухоро Муҳаммад Раҳим Пшук таъин мешавад» [93, С.447].

Умуман, ба андешаи Г.А. Арандаренко нақши мавзеъҳои Қаротегин ва Дарвоз дар муборизаҳои сиёсии амирон он қадар зиёд набуд, ба ҷуз он ки дар ин ҷо фирориёни водиҳои Амударё ва Яхсу дар давраи ҷангҳо барои худ паноҳгоҳ пайдо мекарданд. Ба андешаи Г. А. Арандаренко дар ин минтақа авлодҳои Искандари Мақдунӣ низ мушоҳида мешуд ва яке аз онҳоро муаллиф Шоҳ Авлоди Искандар ном мегирад [93, С.447]. Аммо ба андешаи мо ин ахбори Г. А.

Арандаренко ҳақиқат надошта, муаллиф ба муболиға роҳ додааст. Зеро ягон нафар аз авлодони Искандари Мақдунӣ ҳатто дар сарзамини Осиёи Миёна боқӣ намонда буд.

Г.А. Арандаренко менависад: «…гуфта метавонем, ки мардуми Дарвоз ва Қаротегин дар таърихи умумии минтақаи Осиёи Миёна ширкати бевосита надоштанд. Дар дараҳои касногузар қабилаҳои қадимаи форсзабон, дорои маданияти Зардушт ва боқимондаи лашкари Искандари Макдунӣ, ки барои онҳо унвони Шоҳ авлоди Искандарро боқӣ гузоштааст, аз ҳуҷуми халқҳои гуногуни кӯчманчӣ пинҳон шудаанд» [93, С.443]. Ба андешаи мо ин ақидаи Г.А. Арандаренко аз диди устуравӣ берун буда наметавонад, зеро ин халқҳо барои нигоҳдории анъаноти қадима, аз ҷумла, забон ва фарҳанги маҳаллӣ буда, ҳамеша аз ғоратгарон ҳифз намудани диёри худ талош меварзиданд.

Соли 1878 мақолаи Г.А. Арандаренко бо номи «Қаротегин» нашр гардид, ки дар он маълумоти муҳим оиди қалъаҳои ин минтақа оварда шудааст. Аз ҷумла, шумораи хоҷагиҳоро муаллиф 63672 адад нишон медиҳад. А.Г. Арандаренко тобеияти пурраи Қаротегинро дар соли 1875 ба Аморати Бухоро тасдиқ мекунад. Маълумоти А.Г. Арандаренко дар маҷмӯаи ҳарбии рус соли 1878 нашр мешавад, ки бештар характери этнографӣ дорад [91, С.115-136].

Таҳлилҳои Г.А. Арандаренко бо мақсади ҳарбӣ ҷамъоварӣ шуданд, зеро вай ин маълумотҳоро бо супориши штаби генералии Россия дастрас намуда буд. Дар ахбороти капитан Г.А. Арандаренко, ки он бо номи «Досуги в Туркестане» (Фароғат дар Туркистон) нашр гардид, доир ба манотиқи кӯҳистон ва бахусус водии Қаротегин маълумоти ҷолиб оварда шудааст [93]. Дар ду боби китоб, ки ба унвони «Дар кӯҳҳои Дарвозу Қаротегин» [93, С.437-479] (дар болооби Амударё), Дарвоз ва Каротегин (Очерки мардумшиносӣ) [93, С.437-479] маълумоти зиёде доир ба ҷуғрофия, вазъи иқтисодӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва нишондиҳандаҳои омории маъмурии ин ду бекигарӣ, аз

ҷумла, маълумоти саҳеҳ доир ба амлокдориҳои Қаротегин оварда шудааст.

Дар ин радиф бояд аз қайдҳои капитан Г.А. Арандаренко дар шакли китоби алоҳида бо номи «Бухоро ва Афғонистон дар солҳои 80-уми асри XIX. Маҷаллаҳои сафарҳои корӣ» ёдовар шуд [94, С.137]. Г.А. Арандаренко дар хусуси идоракунии бекигарӣ менависад, ки минтақаи Қаротегин аз 7 амлокдорӣ (уезд) иборат аст ва дар ҳар яки он аз хешони бек маъмур таъин мешавад. Ба ғайр аз ин, аз байни аҳолӣ навкарҳо таъин мешаванд, ки ҷамъиятро назорат мекунанд. Сардори навкарон-бий дар як сол 100 батман (400 пуд) ва навкари оддӣ 48 батман ғалла музд мегиранд. Ин маблағ низ аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ дар шакли андоз ҷамъоварӣ мешавад. Дар маҷмуъ дар Қаротегин 4000 навкар хизмати бекро адо мекард, ки ин барои мардум гаронӣ меовард. Илова бар музд, барои ҳар як навкар мардум бояд хоҷагии навкарро бо ҳезум ва алафи чорво таъмин мекарданд. Агар навкар аз ҳудуди Қаротегин берун фиристонида мешуд, ҳар як хоҷагӣ маблағи 20 тин (копейк) танга барои вай сафарпулӣ ҷамъоварӣ мекард» [93, С.449].

Тавре дар боло қайд гардид, Арандаренко шумораи умумии амлокдориҳои Қаротегинро ҳафт адад нишон додааст. Вале аз чи бошад, ки дар рӯйхати деҳоти дар ҳудуди маъмурии онҳо ҷойдошта ҳамагӣ панҷ номгӯи амлокдориҳо – қирғизҳо, Қалъаи Лаби Об, Ғарм, Навдонак ва Оби Гарм оварда шудааст. Тибқи маълумоти муаллиф дар итоати амлокдориҳои номбурда дар маҷмуъ 512 деҳа бо 2022 хоҷагӣ қарор дошт [93, С.474-479]. Арандаренко инчунин аз тарзи ҳаёти мардум таҳлилҳо оварда, қайд мекунад, ки дар фасли зимистон мардум дар аловхонаҳо ҷамъ меомаданд. Арандаренко оиди аловхонаҳо дар Қаротегин маълумот дода, онҳоро шакли ҷамъомади мардони деҳа медонад, ки барои ҳалли масъалаҳои деҳа ё барои фароғат таъсис мешуданд.

Соли 1876 В.Ф. Ошанин ба Қаротегин сафар мекунад. Аммо дар сафари аввалини худ олими рус танҳо то сарҳади шарқии ин минтақа мерасад ва пас аз ду сол, яъне, соли 1878 дар ҳамроҳӣ бо харитасозон Руднев ва Невеский вай ба минтақаи Қаротегин меояд. Натиҷаҳои экспидитсияи В.Ф. Ошанин дар соли 1882 дар маҷаллаи «Ҷамъияти ҷуғрофии рус» чоп гардиданд. Вобаста ба маълумотҳои ҷуғрофии минтақа, инчунин, маводи И.П. Минаев ва Регел низ аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд, ки дар солҳои 70-уми асри XIX ҷамъоварӣ гардиданд. Регел соли 1881 ба Қаротегин сафар карда, харитаи минтақаҳои Қаротегину Дарвозро тартиб медиҳад[186]. Соли 1882 П.Е. Косяков ба Қаротегину Дарвоз омада, натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар маҷаллаи «Ҷуғрофиёи рус» нашр мекунад [186].

Охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри XIX ба минтақаи Қаротегин муҳандиси кӯҳӣ Д.Л. Иванов, ҷуғрофияшинос Г. Грум-Грижимайло, Покотило, Юхновский ва дигар тадқиқотчиёни рус сафар намуданд [109]. Натиҷаи ин сафару омӯзишҳо буд, ки маълумоти ҷуғрофӣ ва этнологии ҷамъоварӣ шуда, дар шакли мухтасар ба тасвиб расонида шуданд. Олими рус Д.Л. Иванов ҳангоми сафари худ ба Дарвоз, Қаротегин, Рушон навиштааст, ки мардуми ин ҷо комилан аз дигар халқҳои Осиёи Миёна фарқ мекунанд. Онҳо на ба қирғиз ва на ба муғулҳо монандӣ доранд, балки чеҳраи ориёӣ доранд [120].

Тадқиқотҳои илмии олимони рус дар соҳаи илми таърих ва мардумшиносии сокинони водии Рашт, характери ҳарбӣ доштанд, зеро онҳо аксаран муқовимати геополитикии Англия ва Россияро дар минтақаи Осиёи Миёна инъикос мекарданд. Ин бархурди абарқудратҳо мавзуи на танҳо олимони рус, балки ходимони англис низ гардид. Қисми зиёди тадқиқотҳои олимони русро минтақаҳои куҳистон дар бар гирифт, зеро ин мавзеҳо бевосита сарҳади манфиатҳои Англия ва Россия ба ҳисоб мерафтанд. Бояд гуфт, ки англисҳо то соли 1892-1894 дар бораи минтақаи Бухорои Шарқӣ ва аз

он ҷумла Қаротегин маълумоти дақиқ надоштанд. Дар соли 1879 аз тарафи Ҷамъияти ҷуғрофиявии Руссия аввалин маълумотномаи библиографӣ дар бораи омӯзиши Осиёи Миёна нашр гардид, ки дар он феҳристи асарҳо, ҳисоботҳо ва мақолаҳои кормандони Ҷамъияти ҷуғрофиявии Руссия ба тасвиб расид. Аммо дар библиографияи мазкур маълумотҳо дар бораи Қаротегин хеле кам оварда шудаанд.

Дар қатори таҳқиқоти давраи охири асри XIX фаъолияти капитан Василев ва капитан Кузнетсов аҳаммияти калон доранд, зеро дар осори онҳо ахбори соҳаҳои мухталиф, ба монанди иқтисод, омор, хоҷагидорӣ, роҳҳо ва инфрасохтори бекигарии Қаротегин ва дигар самтҳои ҳаёти минтақа инъикос гардидааст [107, С.8-58].

Соли 1895 дар як маҷаллаи илмии «Россия» маълумот дар бораи Қаротегин оварда шуданд, ки онҳоро Штаби генералӣ ба номи капитан Кузнетсов мансуб медонад [196, С.234].

Бино ба иттилои капитан Василев мавзеи Қаротегин дар қисмати шимоли шарқии бекигарии Кӯлоб ва Ҳисор ҷойгир шудааст. Масоҳати умумии онро Василев 9800 кв. верст (Ченаки русӣ то давраи Шуравӣ. Баробар ба 500 сажен ё 1,0668 км.) (9800 км.кв.) муайян кард. Аҳолии Қаротегинро вай 51 ҳазор нафар нишон медиҳад [107, С.8-58]. Ин маълумотҳои Василевро маълумотҳои Н. Юхновский тасдиқ карда, аҳолии Қаротегин ва Дарвозро дар якҷоягӣ 100 ҳазор нафар мешуморад [229, С.4]. А.Е. Снесарев дар соли 1906 шумораи аҳолии Қаротегинро 120 ҳазор нафар нишон медиҳад [ 208, С.73-74]. Дар манбаъҳои дигар, аз ҷумла асари «Қомусу-л-олам» аҳолии Қаротегин 100 ҳазор нафар тоҷикон ва 15 ҳазор қирғиз ёдрас мешавад [10, С.362]. Н. Кисляков бошад, дар асари худ «Очерки по истории Каратегина» маълумоти А.Е. Снесарев илова мекунад, ки дар ин давра зичии аҳолӣ ба як км$^2$ 18-20 нафар дар пастиҳо ва баландиҳо шумораи замин камтар буда, зичии аҳолӣ зиёдтар буд.

Бояд гуфт, ки ба шумораи аҳолӣ муҳоҷирати меҳнатӣ таъсир мерасонид. Чунончи, А.П. Федченко ва В.П. Наливкин дар бораи

тартиби идоракунии минтақа ишора менамоянд. Хусусан, В.П. Наливкин дар асари худ «Краткая история Коканского ханства» (С.22) шароити вазнини рӯзгор мардумро маҷбур месохт, то ба шаҳрҳои калон – Фарғона ва Тошкент ба муҳоҷирати меҳнатӣ раванд. Мавриди қайд аст, ки аввалин маълумотҳо аз тариқи суҳбат бо мардикорони Қаротегин дар шаҳрҳои калон ҷамъоварӣ мешуданд. Ҳамин тавр, дар аввали солҳои 70-уми асри XIX олими рус А.П. Федченко аз рӯи суханони мардикорони қаротегинӣ, ки дар Қуқанд ва дигар шаҳрҳои водии Фарғона кор мекарданд, харитаи ин минтақаро тартиб медиҳад [212].

Олими рус В.И. Липский солҳои 1896, 1897 ва 1899 дар экспедитсияи Ҳисор иштирок дошта, ҳавзаҳои шохобҳои Амударё - дарёҳои Сурхон, Кофарниҳон, Вахш, Қизилсу, Зиғар, Хумбоб ва дигар дарёҳои кӯҳиро таҳқиқ намуда, маълумотҳои ҷамъовардаашро дар шакли китоб бо номи «Бухорои кӯҳӣ» аз чоп мебарорад. Муаллифи асар дар баробари масъалаҳои ҷуғрофию геологӣ, инчунин дар бораи сокинони Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла, бекигарии Қаротегин маълумот медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аҳолии минтақаро олимони рус дар охири асри XIX ва аввали асри XX аниқ муайян накарданд ва ин маълумотҳо характери тахминӣ дошта, ҳар як сайёҳ шумораи аҳолиро аз рӯи шумораи хоҷагиҳо муайян кардааст. Аввал шумораи хоҷагиҳоро аниқ карда, баъд онро ба шумораи аъзои хонавода, ки тахминан гирифта мешуд, зарб ва бо ҳамин усул аҳолии ин ё он мавзеъро муайян мекарданд. Ин усули омор нисбати аксарияти минтақаҳои Осиёи Миёна истифод мешуд. Дар ахбороти ҳарбиён бошад, таҳлили сохти идоракунӣ ва характери амалдорони амир инъикос гардид.

Яке аз ҳарбиёни Россия капитан Н. Юхновский бо беки Қаротегин Мир Мурод Парвоначӣ суҳбат доир намуда, таасуроти худро чунин овардааст: «Мурод одами қасдгир ва золим буда, аз

ҳарбиёни рус бисёр метарсидааст. Одами пурхӯр ва бемеъёр буд. Парча ва ҷомаҳои қиматбаҳо мепӯшид ва он қадар беҳавсала буд, ки бо нуги доманаш биниашро пок карда, баъзе вақт меафшонд, гарчанде пир бошад ҳам, лекин хеле чолок ва ҷасур буда, доимо аспсавор мегашт. Ҳабдаҳ зан дошт, панҷ занаш дар Ғарм ва чор занаш дар Қалъаи Лаби Об, ҳашт зани дигараш дар маҳаллаҳои гуногуни аҳолинишини Сақов, Пилдон, Занкун ва водии Олой буданд. Бо ордени «Станислави Муқаддас» (Святой Станислав) дараҷаи дуюм мукофотонида шуда буд. Дар байни аҳолӣ обурӯ надошт, лекин ба ҳар хел дурӯғу фитна ва қавииродагии худ Қаротегинро оромона роҳбарӣ мекард» [228, С.72-73].

Дар солҳои 90-уми асри XIX таҳлили умумии корҳои таҳқиқотии олимони рус аз тарафи маҷаллаҳои илмӣ оғоз гардид. Дар ин давра дар таърихнигорӣ мавзуи ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия ва муқовимати Россия ва Англия дар таҳқиқоти ба минтақа иртиботдошта, ҷои асосиро ишғол мекард, ки онҳо бевосита ба ҳарбиёни рус тааллуқ доштанд. Тамоми ин маълумот, ки дар штаби генералии Россия ҷамъоварӣ мешуд, на танҳо дорои маълумоти ҳарбӣ, балки бо далелҳои ҷолиб, фактҳои таърихӣ, иқтисодӣ ва этнографӣ дар таърихнигории он давра нақши калидиро мебозид.

Ҳамин тавр, маводи фаровони таҳқиқотӣ, ки онро намояндагони ҳарбӣ-дипломатӣ, олимони мухталиф, сайёҳони тоинқилобии рус ба мерос гузоштаанд, барои омӯзиши ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Қаротегин аҳаммияти хосса дорад. Ин маълумоти нодир ба муҳаққиқони замони муосир имкон медиҳад, ки вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маъмурии Қаротегини охири асри XIX - аввали асри XX - ро дар асоси ин сарчашмаҳои муҳим мавриди таҳлил қарор диҳанд.

**Вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.** Аввалин маълумот оиди вазъи иқтисоди минтақаи Қаротегин дар асри XIX, аниқтараш соли 1849 дар

«Маълумотномаи хонигарии Кӯқанд» нашр гардиданд, ки муаллифи он номаълум буд. Тибқи маълумоти дар он ҷойдошта Қаротегин дар болооби Амударё ҷойгир шудааст ва мардуми он бо тоҷирони Қуқанд ҳамеша робитаи иқтисодӣ дошт. Сокинони Қаротегин маблағи молҳои тоҷиронро бо тилло харидорӣ мекарданд, ки онро аз соҳилҳои дарёи Сурхоб меёфтанд [108, С.130-131]. Чи тавре ки дар боло ишора гардид, соли 1878 мақолаи Арандаренко «Қаротегин» дар шумораи панҷуми «Маҷмуаи ҳарбӣ» нашр гардид, ки дар он муаллиф шароити ҷуғрофӣ ва иқтисодии ин минтақаро таҳлил намудааст [91, С.116-136].

Г.А. Арандаренко системаи ҷамъоварии андозро таҳлил намуда, онро чунин муайян намуд: аз 10 як ҳиссаи ҳосил аз тамоми намудҳои зироат ва меваҷот ва як гӯсфанд, новобаста аз шумораи чорво дар хоҷагӣ рӯёнида мешуд. Хоҷагиҳое, ки дар дарёҳои маҳаллӣ бо ҷустуҷӯӣ шуғл доштанд, дар як сол 5 рубл андоз медоданд. Умуман, андози бекигарии Қаротегин 43700 рублро ташкил медод. Дар якҷоягӣ аз тамоми бекигариҳои минтақа – Қаротегин, Дарвоз, Балҷувон ва Кӯлоб ҳокими ин заминҳо Худойназар Девонбегӣ барои хазинаи амир ба маблағи 300 000 рубл андоз ҷамъоварӣ мекард [93, С.450].

Тиҷорат дар минтақаи Қаротегин ба мисли дигар минтақаҳои кӯҳистон ба таври мубодилаи мол сурат мегирифт. Аммо чуноне ки Арандаренко ва Граф Бобринской низ қайд мекунанд, дар Ғарм бозори фурӯши молҳо ва дӯконҳои доимамалкунанда фаъолият доштанд, ки ин ҳолат дар минтақаҳои Дарвоз ва Помир дида намешуд. Ин нишон медиҳад, ки дар ин минтақа муносибатҳои тиҷоратӣ тараққӣ карда, буд ва ин минтақа нисбат ба мавзеъҳои кӯҳистони ҳамсоя нисбатан аз ғалла ва маводҳои ғизоӣ худкифо буд. Бинобар ҳамин, ба ин ҷо аз тарафи Зарафшон ва Дарвоз сокинон барои хариди ғалла ва дигар маводи озуқаворӣ меомаданд. Мувофиқи маълумоти Г.А. Арандаренко дар соли 1882 дар бозори Ғарм чунин нархҳо амал мекарданд: нархи як гов баробар ба 10-15 рубли русӣ, барзагов – 10-30 рубли русӣ, асп – 20-

40 рубли русӣ, гӯсфанд - 2-1 рубли русӣ, буз 1 – 0,60 рубли русӣ, ғалла 0,20 барои 1 пуд (Ченаки вазн баробар ба 40 фунт ё 16,58 килограмм).

Солҳои 1898-1901 ба минтақаи Дарвозу Вахиё экспедитсияи граф А.А. Бобринской ташкиш мешавад, ки онро Семенов ва Богоявленский ҳамроҳӣ мекарданд. Граф А.А. Бобринской дониши хуби топографӣ дошт, зеро вай бе ягон душворӣ тамоми қаторкӯҳҳои минтақаи Дарвоз, Зарафшон ва Қаротегинро бо роҳҳояшон хуб медонист. Ӯ менависад, ки роҳҳои тиҷоратӣ тавассути Қаротегин ва шаҳри Балх мегузаштанд ва аз ҳамин сабаб мардуми Помир, Дарвоз ва Вахон аз баҳраҳои ин роҳҳо маҳрум буданд [100, С.52].

Соли 1910 дар шаҳри Тошкент асари А.П. Разгонов «Дар Бухорои Шарқӣ ва Помир» нашр гардид [189, С.30]. Муаллиф ба тарзи зиндагонии аҳолии болооби Панҷ мароқ зоҳир карда, зиндагии мардуми Дарвоз ва қисми Қаротегинро инъикос мекунад. Вай аҳволи моддии мардуми таҳҷоии Дарвозро хеле душвор нишон медиҳад. Ин хулосаи худро вай аз тарзи либоси мардум баҳогузорӣ мекунад. Вай хонаҳои мардум ва ғизои онҳоро хеле фақирона мешуморад [189, С.30]. Қисми муҳимми ғизои мардумро бутта ва мева ташкил медод. Муаллиф қайд мекунад, ки дар тобистон занон ва пиронсолон ба айлоқҳо рафта, мардони деҳот дар саҳро кор мекарданд [189, С.37]. Шуғли асосии онҳоро кишоварзӣ ташкил дода, зироатҳои гандум, ҷав, арзан, беда, пахта ва лӯбиёгиҳоро дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки машғулияти сокинони Дарвоз ва Қаротегину Зарафшони кӯҳӣ ба ҳам монандии хос доштанд, зеро иқлими ин минтақаҳо бо ҳамдигар шабоҳат доранд. Муаллиф дар бораи хӯроквории аҳолӣ сухан ронда, менависад, ки аз тути маҳаллӣ дар шакли хушкшудааш орди тут омода мекарданд, мехӯрданд ва баъзан аз он нон ҳам тайёр мекарданд [189, С.149].

Доир ба вазъи иқтисодии Бухорои Шарқӣ ва махсусан, Қаротегин Д.Н. Логофет маълумоти ниҳоят ҷолиб овардааст. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки тоҷикон асосан деҳқон буда, гандум, ҷаву,

арзан, кунҷит, пахта, юнучқа, ҷуворимакка, наск, тамоку ва дигар зироатҳоро мекоранд [146, С.96-98]. Муаллиф, инчунин, дар бораи тараққиёти сабзавоткорӣ, полизкорӣ, токпарварӣ ва боғдорӣ дар минтақаҳои Бухорои Шарқӣ маълумот медиҳад [146, С.101-104].

Бояд гуфт, ки тоҷикон дар деҳот ба таври доимӣ зиндагӣ карда, ҳеҷ гоҳ танҳо намезистанд. Дар ҳолатҳои истисноӣ, вақте ки имкони машғул шудан ба кишоварзӣ набуд, ба ҳунармандӣ ба сифати мадад дар хоҷагиашон рӯ меоварданд, ки ин махсусан, дар Дарвоз ва Қаротегин ба назар мерасид. Сабаби ин ҳолат набудани замини корам дар ин минтақаҳо буд. Дар ин маврид тоҷикон дар лаби дарёву ҷӯйҳо зар мешустанд ё бузҳоро зиёд парвариш мекарданд ва ё ба бекигариҳои ҳамсоя ва инчунин, ба вилояти Фарғона ба кор мерафтанд [146, С.157].

Доир ба рушди ҳунармандӣ ва косибӣ дар минтақаҳои кӯҳистони Қаротегин Д. Логофет менависад, ки дар ин мавзеъҳо истеҳсоли гилеми абрешимӣ ва нимабрешимӣ, чармгарӣ, оҳангарӣ, кулолӣ, зардӯзӣ, пойафзолдӯзӣ, нуқраю мискашӣ, ордкашӣ, собунпазӣ ва шамъдӯзӣ, кандакории чӯб инкишоф ёфтааст [146, С. 263-306]. Муаллиф дар бораи тафаккури тоҷикон суҳбат карда, қайд мекунад, ки тоҷикон нисбат ба сокинони водӣ ва шаҳрҳо покии ахлоқи худро нигоҳ доштаанд ва аз ин рӯ то ҳоло дар миёни онҳо дуздӣ мушоҳида нашудааст [146, С.159-160]. Либоси тоҷикон куртаю шими аз матои пахтагин духташуда, халати аз матои ноҳамвор дӯхташуда, салла ва чумбус (як навъ пойафзоли аз чарми мулоим дӯхташуда) иборат буд.

Дар таҳқиқоти олим чорводорӣ низ зикр ёфтааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки гӯсфандпарварӣ бештар дар ин минтақаҳо рушд карда, онро асосан бодиянишинон (қирғизҳои води Қаротегин) анҷом медоданд. Ба ин муносибат муаллиф менависад: «Тоҷикон асосан деҳқон буданд ва бо чорводорӣ нисбатан кам машғул мешуданд.

Маҳсулоти асосии хӯрокаро шир, қатиқ, кулчаҳои орди гандумӣ ва тут ташкил медод. Гӯштро хеле кам мехӯрданд [146, С.161].

Асари дигари Д.Н. Логофет «Дар кӯҳҳо ва водиҳои Бухоро. Очеркҳо оид ба Осиёи Миёна» (В горах и равнинах Бухары. Очерки Средней Азии), ки соли 1913 нашр шудааст, дар омӯзиши масоили этнографии минтақаи таҳқиқшаванда аҳаммияти калон дорад. Муаллиф дар он типи антропологии тоҷикони кӯҳистонро тавсиф намуда, қайд мекунад, ки онҳо ҷисми қавӣ доранд [147, С.345]. Муаллиф дар бораи дини аҳолии болооби Панҷ сухан ронда, мисли дигар муҳаққикони рус қайд мекунад, ки дар байни тоҷикони кӯҳистон боқимондаҳои ақидаҳои динии то исломӣ, бахусус, ақидаҳои анимистӣ боқӣ мондаанд [147, С.364-365].

Соли 1913 мақолаи Д. Н. Логофет «Дар водиҳои дарёҳои Хингоб ва Арзинг. Очеркҳои сайёҳӣ дар Бухорои Шарқӣ» аз чоп баромад. Дар ин мақола вай доир ба дини аҳолии болооби Панҷ маълумот медиҳад ва сокинони онро пайрави исмоилия медонад. Д.Н. Логофет, инчунин, ба бозиҳои мардумӣ, санъат, бахусус, сурудҳо, рақсҳо, озмунҳои мусиқии аҳолии маҳаллӣ таваҷҷуҳ дошт. Маълум аст, ки дар туй ва идҳо мардум мерақсиданд, суруд мехонданд, аксар вақт озмуни навозандагон баргузор мешуд. Дар байни бозиҳо вай бозиҳоеро мушоҳида мекард, ки дар онҳо танҳо писарон бозӣ мекарданд. Духтарон дар дигар бозиҳо ва калонсолон алоҳида ба бозҳо машғул буданд. Дар ин ҷо бозиҳои бо санг андохтан ба ҳадаф, бозӣ кардан бо косахона, қалъа гирифтан, пинҳонбозӣ, сангпушт, туббозӣ, ҷангидани паррандаву ҳайвонот ва ғайра маълум буданд.

Хусусияти хосси таҳқиқоти олимони рус дар он буд, ки онҳо ба тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, иқтисодиёт диққати худро равона месохтанд. Шояд ин супориши ҳукумати подшоҳӣ буд, ки мехост, захираи ҳарбиёни худро тавассути иқтисодиёти маҳаллӣ

таъмин намояд. Барои ҳамин мо гуногунсамтӣ будани ин таҳқиқотҳоро мушоҳида мекунем.

Машғулияти асосии аҳолии минтақаи Қаротегин аз рӯи маълумоти тадқиқотчиёни рус зироаткорӣ буд. Д. Н. Логофет шакли заминдориро таҳлил карда, заминҳои маҳаллиро аз се қисм- мулкӣ - султонӣ, мулки хурри холис ва вақфӣ маҳсуб медонад. Д. Н. Логофет якчанд намуди андозҳои иловагиро низ ёдрас мешавад, ки аз давраи бекигарии Худойназар боқӣ мондаанд: «қушпулӣ» - дар давраи оғози кишти баҳорӣ деҳқон мебоист аз ҳар чорвои корӣ аз 4 то 8 танга, барои асп - 4 танга, 60 коп., барои барзагов – 8 танга андоз супорад; «кафсан» - як батман ба фоидаи амлокдор аз ҳосили рӯёнидагии деҳқон, «обҷувозпулӣ» - андоз аз майда кардани биринҷ ва гандум аз 20 то 100 танга ба фоидаи бек, «миробона» - ҳаққи мироб аз як барзагови корӣ як батман ҳосили зироати ғалладонагӣ ё пули он, «кафсан-тарака». Академик Б. Искандаров онро ҳамчун тудаи ҳосили ғалла медонад, ки ҳаққи амлокдорро ташкил медиҳад. Азбаски Қаротегин бекигарии Аморати Бухоро маҳсуб мешуд, дар ин ҷо ченакҳои аморат амал мекарданд.

Диққати бештари олимони русро гардиши тиллои маҳаллӣ дар байни мардум ба худ ҷалб мекард. Ин машғулият, бахусус дар соҳилҳои рости дарёи Сурхоб васеъ паҳн гардид. Аммо дар бораи истифодаи он дар муомилоти тиҷоратӣ маълумоти русҳо хеле кам мушоҳида мешавад. Мардумшиноси шуравӣ Ершов менависад, ки дар муомила тангаи тиллоӣ истифода мешуд, ки қимати он 4 рубл нарх дошт [117, С.56]. Тангаи тиллоӣ дар муомилаи мардуми оддӣ қариб, ки истифода намешуд. Инчунин, риштаи пашм дар муомилот нархи калон дошт, зеро барои истеҳсоли либосворӣ ашёи хоми ягона маҳсуб мешуд ва 1 пуд риштаи пашм 12.20 рубл нарх дошт [117, С.56].

Рубли русӣ ба таври ченак танҳо дар тиҷорати русҳо истифода мешуд. Арандаренко қайд мекунад, ки кӯҳистониён аз пул истифода намекарданд ва бештари молҳоро ба тариқи мубодила бо ҳамдигар

иваз мекарданд. Дар чунин мавридҳо беҳтарин моли мубодила чорво, матоъ ва замин маҳсуб мешуд, ки аз арзиши дигар молҳо бартарӣ дошт [93, С.450].

А.А. Бобринской роҳҳои тиҷорати мардуми Дарвозу Қаротегинро нишон дода, менависад: «Кӯҳнаколаи хонагӣ, дег, қумғон, зарфҳои мисину чӯбин аз Балҷувону Кӯлоб, қолину намад аз кӯчманчиён, ашёҳои ороишӣ, зару зевари занона, овезаҳои нуқрагин, гӯшвор, ангӯштарин, дастпона, гарданбанд, матоъу рӯймолҳои шоҳӣ, ресмонҳои шоҳӣ аз шаҳрҳои калони Фарғона ва қисман аз тарафи кӯҳистониён аз Қаротегин (ресмонҳои абрешимӣ ва рӯймолҳои шоҳӣ) аз Кӯлобу Балҷувон харидорӣ карда мешаванд» [101, С.15].

Машғулияти асосии аҳолиро А.А. Бобринской кишоварзӣ муайян намуда, қайд мекунад: «Кишоварзӣ – асоси ҳаёти мардуми кӯҳистонӣ аст, вале бо вуҷуди меҳнати монданашаванда ва муборизаи қатъии вай табиати атроф, қувваи барои ин кор сарфшударо ҷуброн намекунад. Норасоии коркарди замин, шумораи начандон зиёди чорво, иқлими сахт ва якбора тағйир ёфтани ҳаво сабаби ин мебошад» [101, С.15].

Дар бораи зиндагии мардуми Қаротегин граф А.А. Бобринский менависад: «Он қисмати Қаротегин, ки дидани он ба мо муяссар гашт, кишвари пурнеъмату хушманзараи дорои иқлими муътадил мебошад. Гандум дар ин ҷо бо фаровонӣ мерӯяд ва ба сокинон имконият медиҳад, ки қисме аз онро бо ҳамсояҳои бенавои худ, кӯҳистониёни Яғноб Мастчоҳ ва Дарвоз, бифурӯшанд» [101, С.19]. Бобринской роҳҳои асосии тиҷоратро чунин муайян кард: Дарвоз-Қаротегин-Яғноб ва тавассути Зарафшон ба водиҳои Фарғона ва шаҳрҳои Самарқанду Бухоро расидани он.

Мо мушоҳида мекунем, ки дар таҳқиқотҳои олимони рус самти иқтисодӣ ва иҷтимоии Қаротегин хеле дақиқ таҳқиқ шуда, дорои аҳаммияти муҳим мебошанд. Таҳлили таърихнигории Қаротегин дар асарҳои таҳқиқотчиёни руси охири асри XIX-ибтидои асри XX нишон

медиҳад, ки олимон ва саёҳони рус аввалин шуда саҳифаҳои омӯзиши васеи таърихи минтақаро ба роҳ монданд. Аз ҳамин лиҳоз, дар таърихнигории Тоҷикистон асарҳои олимони рус мавқеи муҳим доранд.

Хулоса, масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақи Қаротегин дар асарҳои муҳаққиқони руси охири асри XIX-ибтидои асри XX ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Ҳарчанд бештари ин муҳаққиқон ҳамчун ҷосус ба минтақаҳои гуногуни Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла, водии Рашту Дарвоз ворид шуда, маълумоти дастраскардаашонро ба сохторҳои низомӣ ва институтҳои таҳқиқотӣ пешниҳод мекарданд, аммо аввалин таҳқиқотҳои илмӣ дар омӯзиши минтақаи Қаротегин ба ҳисоб мерафтанд. Ба ин восита, масоили гуногуни таърихиву ҷуғрофии минтақа баррасӣ гардида, ба муҳаққиқони оянда маълумоти арзишманд ба мерос гузошта шуд.

Осори муаррихони муҳаққиқони руси охири асри XIX-ибтидои асри XX дар омӯзишу таҳлил ва баррасии масоили таърихии нимаи дуюми асри XIX-ибтидои асри XX-и Қаротегин аз манбаҳои муҳим ва арзишманди таърихӣ ба ҳисоб меравcovered.

Ҳамин тарик, аз натиҷаи омӯзишу баррасии саҳми олимони рус дар омӯзиши таърихи минтақаи Рашт чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

- раванди омӯзиши минтақаи Рашт аз тарафи олимони рус танҳо баъди ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия оғоз гардид. Дар ин давра аввалин мутахассисони харитасози ҳарбӣ ба ин мавзеъ сафар карда, маълумотҳои омориро ҷамъоварӣ намуданд;
- дар марҳилаи дувум ба минтақаи Рашт олимони соҳаи таърих ва этнография сафар карданд, ки супориши асосии онҳоро институтҳои илмӣ таҳқиқотии Москва ва Санкт Петербург ташкил медод;
- дар марҳилаи севум олимон ба таҳлили муқоисавӣ ва нашри аввалин натиҷаҳои таҳқиқоти худ шуруъ намуданд. Яке аз муҳимтарин

натиҷаҳои таҳқиқоти олимони рус ин оғози таҳқиқи таърихи қадимаи тоҷикон буд, ки дар ин солҳо аз тарафи олимони рус ба роҳ монда шуд;

- дар баъзе мавридҳо, олимони рус ба хатоҳои муайян роҳ доданд, аммо дар маҷмуъ натиҷаи ин таҳқиқот ҳамчун маъхази боэътимод хизмат мекунад, зеро тавассути онҳо омор, самти инкишоф, сохти хоҷагидорӣ, инфрасохтори замони тоинқилобӣ, ҳаёти маънавӣ ва дигар маълумотҳои муҳим барои мо дастрас гардиданд, ки қимати баланди илмӣ доранд.

# БОБИ 2. ҲАРАКАТҲОИ МАРДУМӢ ВА ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ДАВРАИ ТОИНҚИЛОБИИ МИНТАҚА ДАР АДАБИЁТИ ТАЪРИХӢ

## 2.1. Ҳаракатҳои мардумӣ бар зидди низоми амирӣ ва инъикоси он дар адабиёти таърихӣ

Дар замони ҳукмронии амирони манғит, хусусан, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар натиҷаи зиёд гардидани андозҳо ва паст гардидани сатҳи зиндагии мардум дар минтақаҳои гуногуни Аморати Бухоро, бахусус, дар ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ шӯришҳои зиёдӣ халқӣ сар заданд. Аз ҷумла, Шуриши Восеъ дар Ховалинг бар зидди беки Балҷувон ва чандин ошӯбҳои дигар дар минтақи Кӯлоб рух доданд.

Албатта, бедодгариҳои ҳукумати амирӣ дар ҳама минтақаҳо яксон сурат мегирифт. Мардуми минтақаи Қаротегин бар зидди зулми амирони манғитӣ ва амалдорони амир дар Ғарм ошӯб бардоштанд, ки ин масъалаҳо дар адабиёти таърихӣ то андозае инъикоси худро ёфтаанд. Яке аз чунин шӯришҳо Шӯриши Қаландаршоҳ мебошад, ки соли 1908 бар зиддӣ беки Қаротегин - Мир Раҳмонқулбек сар зада, дар осори баъзе аз муҳаққиқони тоинқилобӣ, адабиёти илмии замони шуравӣ ва донишмандони маҳаллӣ тасвир гардидааст. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоинқилобии рус Д.И. Логафет дар осори худ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, омилҳо ва сабабҳои сар задани шӯришҳоро дар Бухорои Шарқӣ таҳқиқ кардааст. Бино ба санади ӯ, муҷиби тамоми норозигии мардум андозҳои амирӣ, бетартибиҳо ва ҷиноятҳои амалдорони бек ва амир буд, ки бар мардуми оддӣ раво медиданд. Аз ин ҷабру зулми мансабдорони бек ва амири Бухоро сабри мардуми Қаротегин лабрез шуда, баъзан амлокдоронро таъқиб ва латукӯб менамуданд. Ин боис мешуд, ки бек ин гуна норозигиҳои мардумро бераҳмона пахш намояд.

Муаррихи дигар В. Липский дар асари худ «Горная Бухара» ба Д.И. Логафет ҳамфикр буда, аз ғоратгарӣ, андозҳои гарони амирӣ, ҷиноятҳои бекҳо ва инчунин, истисмори мардум ёдовар шуда, ин гуна рафтори амлокдорон ва беки Қаротегинро омили асосии сар задани ошӯбҳо дар Қалъаи Лаби Об ва Ҷиргатол, ки ба амлокдориҳои Ҳоит, Ясманд, Шингиличи Қаротегин доман густурдаанд, медонад. Бино ба таҳқиқоти профессор О. Маҷлисов, бисёри ошӯбҳо дар қисми болоии бекигарии Қаротегин рух медоданд, ки роҳбарони онҳо тоҷикон буданд [150, С.95]. Аз ин таҳқиқоти О. Маҷлисов бармеояд, ки дар ин шӯришҳо дар баробари тоҷикон дигар қавму қабилаҳои туркиву муғулие, ки дар ин минтақа зиндагӣ мекарданд, иштирок менамуданд.

Аз омӯзиши адабиёти таърихӣ бармеояд, ки Қаландаршо (1857-1931) деҳқони камбағал аз деҳаи Кӯли Мирзангии амлокдории Қалъаи Лаби Об буд. Падари Қаландаршоҳ дар замони ҳукумронии Алмосбек бо сабаби пардохт накардани андоз ба давлат ҷарима шуда буд. Падари Қаландаршо маҷбур гашт, ки барои пардохт кардани қарз 3 ман замини худро ба Мирзо Раҳим «мирохӯр» бо ивази 1500 танга ба гарав диҳад. Қаландаршоҳ ин гуна бетартибиҳои бекҳову амлокдоронро дида, нафраташ ба онҳо зиёд мешуд. Аммо бо вуҷуди ин, ӯ ба деҳқонӣ машғул шуда, сипас, чанд маротиба ба Фарғона, Тошкент ва дигар шаҳро ба муҳоҷират рафта буд.

Соли 1905 дар Қаротегин хушксолӣ омада, деҳқонон ҳосили кам гирифтанд. Аммо ҳукуматдорон андозҳоро кам накарда, баръакс, деҳқононро барои супурдани андозҳо маҷбур мекарданд. Дар ҳамин вақтҳо Қаландаршоҳ дар Давотқурғон, ҳангоми аз муҳоҷират баргаштанаш аз ҷониби амалдорони амир ғорат гардид. Ин ҳама мушкилиҳо сабаб шуд, ки бо ибтикори ӯ навиштани аризаи даъвогӣ ба номи амири Бухоро аз ҷониби деҳқонон ба миён омад ва онро ба амири Бухоро фиристоданд. Ин гуна аризаҳои шикояти чанд маротибаи дигар низ сурат гирифт, аммо аҳволи мардум беҳтар нашуда, балки боиси

дастгир шудани Қаландаршоҳ ва Мирзо Раҳмат ва ба Ҳисор фиристодани онҳо гашт, ки дар он ҷо ба ҳар кадоми он 75 зарба заданд.

Қаландаршоҳ Соли 1908 ба Қаротегин баргашта, исён бардошт. А. Маҷлисов қайд менамояд, ки Қаландаршоҳ мардумро ба шӯриш даъват карда, нахуст сарнагун кардани амлокдори Қалъаи Лаби Обро мавриди ҳадаф қарор дода буд [150, С.99]. Қаландаршоҳ тамоми ҳаммаслаконашро ба деҳаҳо барои тарғиб намудани деҳқонон бар зидди амлокдорҳо фиристонд. Инчунин, таъкид менамуд, ки аз додани андозҳои иловагӣ ба мансабдорон худдорӣ намоянд. Дар қишлоқҳои Дараи Назарак ва Қулло шӯриш бар зидди амлокдор Шоҳимардонқул оғоз шуда, ӯро сарнагун намуданд. Хабари сар задани шӯриш ба амлокдори Қалъаи Лаби Об ва Капалӣ Раҳмонқулбек ва Халилбек расид, онҳо фармон доданд, ки тамоми шӯришгарон, аз ҷумла, Қаландаршоҳ барои ҳабс ба Ғарм фиристонида шаванд. Аммо Қаландаршоҳ пинҳон шуд. Амлокдор аз ҳар деҳа шахсони дар шӯриш иштироќнамударо ба ҳабс гирифт.

Шӯришгарон чандин нафар аз амлокдорон ва мансабдорони бекро ба қатл расонида, ба деҳаи Капалӣ наздик шуда, дар якҷоягӣ бо деҳқонони дигар ба Қалъаи Лаби Об рафтанд. Бо фармони Қаландаршоҳ ҷиҳози сипоҳиёни мансабдор мусодира ва дар байни деҳқонони камбағал тақсим карда шуд. Пас аз омадани 200 нафар аскарони Раҳмонқулбек аз Ғарм шӯришгарон ба Дараи Мазор гурехта, дар он ҷо пинҳон шуданд. Қисме аз ошӯбгарон ба Фарғона фирор намуданд. Бек ба ҷойи шӯриш омада, як қисми молу мулки ёфтаи сипоҳиёнро ба соҳибонашон баргардонд ва фармуд аз чизҳои ёфтнашуда ба фоидаи сипоҳиён аз шӯришгарон ҷарима ситонида шавад.

Профессор О. Маҷлисов дар асари худ «Каратегин накануне установления советской власти» қайд менамояд, ки пас аз 3 моҳи ин шӯриш, яъне, моҳи октябри ҳамон сол дар қишлоқҳои Дараи Мазор

шӯриши деҳқонон ба амал омад. «Деҳқонони баъзе деҳаҳо, ки дар он ҷо намоиши аввалин барпо гардид, иштирок карданд. Сабаби шӯриши нав он буд, ки Қаландаршоҳро дар Дараи Мазор дастгир карда, ба Ғарм бурданд, вале ӯ тавонист аз зиндон ба Фарғона фирор кунад. Мансабдороне, ки дар ин шӯриш молу мулки худро аз даст додаанд, мехостанд аз иштирокчиёни он сокинони ин деҳаҳо барои пинҳон доштани Қаландаршоҳ интиқом гиранд. Дар ҳама ҷо латукӯб ва ҷаримаи деҳқонон сар шуд. Дар ҷавоби ин, деҳқонони деҳаҳои Лангари Шоҳ, Дараи Мазор, Деҳаи Гилмон ва Қулло амлокдоронро зада пеш карда, аз додани андоз саркашӣ карданд. Деҳқонони исёнгар дар деҳаи болооби Дараи Мазор ҷамъ шуда, худро бо санг муҳофизат карданд. Қишлоқ дар ҷои баланде воқеъ буд ва роҳ ба он аз Ғарм ва Қалъаи Лаби Об боло мерафт. Деҳқононе, ки бо он пеш мерафтанд, сангборон карда шуданд. Бинобар ин, сипоҳиён чанд рӯз ба дасти шӯришгарон расида натавонистанд. Онҳо бо ҳамроҳии як миёнарав ба дараи куҳ паноҳ бурданд. Вақте ки деҳқонони шӯришгар ба ҳамвории Лангари Шоҳ фуромаданд, аскарони мусаллаҳ ба онҳо ҳуҷум карданд. Шӯришгарон бетартибона гурехтанд. Дар рафти ҷанг 40 нафар ярадор, 6 нафар кушта ва 25 нафар ҳабс карда шуд» [150, С.100].

Муҳаққиқ Н.А. Кисляков ба рафти ин шӯриши Қаландаршо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, менигорад, ки «Баъди пахш гардидани шӯриш амалдорони Бухоро ба ғорат кардани деҳаҳои иштирокчиёни шӯриш машғул шуданд. Як қисми деҳқонон аз ғоратгарӣ ва зӯроварӣ гурехта, ба Вахё (бекигарии Дарвоз) ва Тошканду Фарғона рафтанд». [140, С.110-111]. Қаландаршоҳ ба Фарғона фирор намуда, пас аз соли 1924 ба Дараи Мазор баргашта, дар соли 1929 дар мубориза бо дастаи Фузайл Махсус иштирок намуд.

Дигар аз шӯрише, ки дар ин манқа сар зад, Шӯриши Усмон буд. Ин шӯриш низ дар осори муаррихони тоинқилобӣ ва замони шӯравиву

истиқлолияти давлатӣ инъикос ёфтааст. Сабабҳои асосии сар задани шӯриш ҷабру зулми беки Қаротегин ва амлокдорон ба ҳисоб мерафт.

Дар ҷунбиши дорои характери эътирозии Усмон, ки бо интиқоди шадиди мақомоти ҳокимияти амирӣ  рӯ ба рӯ мешавад, бархӯрди нерӯҳои миллӣ озодихоҳӣ ва ҳокимияти мутлақи амирӣ дида мешавад, ки мубрамияти ин мавзуро боз ҳам барои  омузиши он муайян мекунад. Дар давраи шуриши Усмон бо рад кардани инқилоб ҳамчун усули мубориза, бо усули миллии мубориза бар зидди зулми амирӣ бархурд намуд. Дар баробари ҳами ба назар гирифтани дониши ангезаҳои фаъолияти шуришгарон бе ба назар гирифтани чунин омилҳои муҳим, монанди анъанаҳои дар доираи муайян инкишофёфта, меъёрҳои рафтор, иерархияи идоракунии расмӣ ва ғайрирасмӣ ва дигар сабабҳои фаъолияти инқилобчиён барои муйян кардани он муҳим мебошанд. Дар таърихнигории солҳои 90-уми асри XX  падидаи хеле муҳими ру овардани муаррихон ба таҳқиқи таърихи водии Раштонзамин зиёд гардид.

Аз назари таърихнигорӣ таърихи шӯриши Усмонро ба якчанд давра ҷудо намудан мумкин аст:

- марҳилаи аввали омӯзиши Шӯриши Усмон  ба солҳои 20-40-уми асри XX рост меояд. Дар ин давра таърихи ин ҳодисаро бевосита худи иштирокчиёни ин шӯриш ба қалам додаанд. Тафовути таърихнигории ин давра аз таърихнигории тоинқилобӣ дар фаҳмиши сабабҳои шӯриш, инъикоси аҳволи оммаи халқ, нақши роҳбари шӯриш ва муносибат ва мавқеи худи таърихнигорон ба ҳаракати мардумӣ буд. Бинобар ин, барои таърихнигорони солҳои аввали давраи шуравӣ на танҳо истифодаи методологияи марксизм, балки мавқеи онҳо нисбати характери синфӣ доштани илми таърих низ муҳим буд.

- марҳилаи дувуми омӯзиши таърихи Шӯриши Усмон ба давраи солҳои 50-80-уми асри XX рост меояд. Дар ин давра таҳқиқотҳои фундаменталии таърихи халқи тоҷик аз тарафи олимони Тоҷикистон

оғоз гардида, дар доираи он Шӯриши Усмон аз нигоҳи нав таҳқиқ гардидааст;

- марҳилаи севуми омӯзиши Шӯриши Усмон замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад;

Аввалин маълумот оиди Шӯриши Усмон дар асари Шестопалов инъикос шудааст. Яъне, соли 1934 зери таҳрири Шестопалов китобчаи хурде ба забони тоҷикӣ ва ҳуруфи лотинӣ чоп гардид, ки дар он муаллиф дар ҳаҷми 20 саҳифаи чопӣ сабабҳо ва рафти Шӯриши Усмонро таҳлил намуда, омилҳои шикасти хӯрдани онро нишон додааст. Дар муқаддимаи ин китобча гуфта мешавад, ки муаллифи он Шестопалов соли 1931 аз тарафи босмачиҳо дар натиҷаи иҳота шудани Ҷиргатол кушта мешавад [86, С.20]. Аз ин бармеояд, ки Шестополов пеш аз маргаш ин асарро таълиф намудааст.

Муҳаққиқи дигар М.С. Андреев солҳои 1916-1920 дар мақолаҳои оид ба Шӯриши Усмон маълумот додааст. Эҳтимол меравад, ӯ нахустин маротиба ҳангоми суҳбат бо мардуми Қаротегин дар Фарғона аз ин шӯриш хабар ёфта, минбаъд ҳангоми омадан ба Қаротегин рафти онро пайгирӣ намудааст. Тавре қайд гардид, М.С. Андреев аз суханони мардикорони раштӣ, ки дар Фарғона ва Тошкент бо ӯ ҳамсуҳбат шуданд, оиди расму оин ва ҳаёти маънавии мардуми Қаротегин маълумот ҷамъоварӣ намуда, аз натиҷаи он очерки этнографӣ таҳия ва нашр мекунад. Аммо дар баробари маълумоти этнографӣ муаллиф оиди зулму ситами ҳокимони маҳаллӣ нисбати мардум ёдрас мешавад [89, С.56].

Солҳои 50-уми асри XX як қатор таҳқиқотҳои олимони тоҷик нашр гардиданд, ки дар онҳо ҳаракатҳои зидди сиёсати амири Бухоро ва муборизаи мардум ба муқобили ҷабру зулми амалдорони Бухоро дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, дар асарҳои М.Э. Эркаев, Ю. Николаев, Я. Шарапов дар шакли таърихи муборизаи сиёсӣ-ҳарбӣ лаҳзаҳои шӯриши Усмон инъикос гардидааст [123, С.45-72; 125, С.136; 127, С.54]. Дар китоби дастаҷамъии «Очеркҳои таърихи Тоҷикистон» солҳои

1917-1957 заминаҳо, сабабҳо ва рафти шӯриш, инчунин, оқибатҳои Шӯриши Усмон инъикос шудааст, ки дар он низ сабаби асосии шӯришро зулму ситами амирони манғитӣ, беки Қаротегин ва амлокдорон ба қалам додаанд.

Академик Б.И. Искандаров дар доираи таҳлили шӯришҳои мардумӣ дар бораи вазъи сиёсӣ ва иқтисодии Аморати Бухоро ва аҳволи мардуми одии Бухорои Шарқӣ таҳқиқоти муҳим анҷом дода, онро дар китоби худ бо номи «Шӯриши оммаи деҳқонон дар Тоҷикистон (Бухорои Шарқӣ)» ҷой додааст. Ҳарчанд дар ин асар Б.И. Искандаров ба масоили ҷанги гражданӣи солҳои 20-ми асри XX таваҷҷуҳ мефармояд, аммо на танҳо масъалаи Шӯриши Усмон, балки таърихи ҷанги гражданиро дар Қаротегин ва Дарвоз, инчунин, вазъияти душвори мардуми Қаротегинро дар ибтидои асри XX, яъне, замони тоинқилобӣ инъикос менамояд [129, С.131; 131, С.11-40]. Аз ҷумла, муаллиф дар саҳифаҳои 14 то 28 китоби «Аз таърихи Аморати Бухоро» таърихи муборизаи мардуми минтақаи Раштро баррасӣ мекунад ва сабабҳои онро бо андозҳои баланди бекигарӣ алоқаманд медонад.

Солҳои 50-уми асри XX силсилаи корҳои илмии О. Маҷлисов нашр гардид, ки дар онҳо муаллиф шӯришҳои маҳалии Қаландаршо ва Усмонро аз нуқтаи назари синфӣ ва сиёсӣ таҳлил намуда, аҳаммияти ин муборизаҳоро барои озодии мардум аз зулми амири Бухоро нишон медиҳад [150, С.78]. Дар таҳқиқоти О. Маҷлисов, ки дар китоби «Қаротегин дар арафаи барпокунии Ҳокимияти Шуравӣ» ҷамъоварӣ шудаанд, муаллиф тамоми самтҳои ҳаёти давраи тоинқилобиро, ки барои шӯриши Усмон сабаб гардиданд, мавриди таҳлил қарор медиҳад. Профессор О. Маҷлисов аз мавҷудияти 32 намуди андоз дар Бухорои Шарқӣ ёдовар шудааст [150, С.78].

Сохтори идоракуниро таҳлил намуда, мазкур менависад, ки намояндагони дин ба корҳои судӣ дода шуда, ба онҳо вазифаҳои қозӣ, муфтӣ, раис ва ноибони онҳо супорида мешуд. Қозии бекигарӣ якумра

аз тарафи амир таъин мегардид. Расман идораи қозиёт аз давлат ҷудо бошад ҳам, амалан бо фармоиши мир кор мекард. «Муфтӣ» бошад, бо тавсияи қозикалон аз тарафи мир таъин мешуд. Вазифаи ӯ дида баромадани ҷиноят ва дар асоси китоби шариат ба қозӣ ҳуҷҷат пешниҳод намуда буд. Муфтӣ дар тамоми амлокдориҳо ноибони худро дошт, ки шариатро нағз медонистанд.

О. Маҷлисов аз шӯришҳои халқӣ ва эътирози аҳолӣ маълумоти дақиқро дар асари худ овардааст.

Лаҳзаҳои шӯриши халқӣ, хусусан, шӯриши Усмон дар китоби А. Макашов «Таъсисёбии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ» баррасӣ шудаанд. Дар саҳифаи 79–уми ҳамин китоб, А. Макашов шӯриши Усмонро ёдрас шуда, аҳаммияти сиёсӣ ва иҷтимоии онро барои ҳаракатҳои минбаъда дар роҳи барпокунии ҳокимияти нав таҳлил мекунад ва онро ҳамчун ҳаракати синфӣ ва прогрессивӣ барои он давра муайян мекунад [151, С.98].

Профессор Ҳайдаршо Пирумшоев дар таҳқиқоти худ таърихи омӯзиши шӯришҳои халқиро дар Тоҷикистон таҳлил намуда, дар асоси маъхазҳои муътамад, омӯзиши сарчашмаҳои зиёди бойгонӣ заминаҳои иқтисодию иҷтимоии шӯришҳои мардумиро асоснок карда, сабабҳои воқеию ҳаётии сар задани онҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Чуноне ки Ҳ. Пирумшоев менависад, шӯришҳои мардумӣ тасодуфӣ набуданд, зеро зулми мардум, махсусан, баъди ба Аморати Бухоро ҳамроҳ кардани мулкҳои мустақил ва ниммустақили Бухорои Шарқӣ рӯ ба афзоиш ниҳод. Ҳ. Пирумшоев сабабҳои сар задании шӯришҳоро дар сарзамини Бухорои Шарқӣ таҳлил карда, диққати асосиро ба масъалаҳои омӯзиши сохти маъмурии бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, сиёсати андозситонии аморат ва алоқамандии ин омилҳоро бо шӯришҳои мардумӣ нишон медиҳад. Ҷабру ситам нисбати халқи заҳматкаш шиддати муборизаи синфиро муқобили феодалон торафт

зиёд намуд ва дар заминаи он норозигии омма авҷ гирифта, ба шӯришҳои маҳаллӣ оварда расонд.

Дар солҳои 80-90-уми асри XX як қатор таҳқиқоти Ҳ. Пирумшоев нашр шуданд, ки дар онҳо мавқеи муборизаи мардум бар зидди Амири Бухоро инъикос гардидааст. Вазъияти вазнини зиндагии мардуми Бухорои Шарқӣ, ки ба шӯриши Усмон ва дигар ҳаракатҳои зидди аморати Бухоро оварда буд, дар асарҳои вай чи аз нуқтаи назари таърихнигорӣ ва чи аз ҷиҳати таҳлили таърихӣ оварда шудаанд. Муаллиф маълумоти олимон ва тадқиқотчиёни рус ва маҳаллиро дар доираи илми таърихнигорӣ муфассал таҳлил карда, давраи шӯриши Усмонро дар баробари дигар воқеаҳои ин давра мавриди таҳлил карор медиҳад [185, С.137; 186, С.156].

Дар замони истиқлолият дар хусуси шӯриши Усмон таҳқиқоти зиёд ба анҷом расиданд. Хусусан, ин масъала дар асари «Таърихи Дарвоз» -и профессор Ҳ. Пирумшов инъикос шудааст. Муаллиф дар ин асар ду самти кори илмиро ба роҳ мондааст: аввалан дар таҳқиқот маълумоти пурра ва дақиқ оиди таърихи минтақаҳои Дарвозу Қаротегин ҷамъоварӣ шудааст. Дувум дар китоб фикру ақидаҳои олимони машҳури рус, ки дар ин минтақаҳо таҳқиқот гузаронидаанд, оварда мешавад ва ин аҳаммияти таърихнигории ин таҳқиқотро дучанд зиёд мекунад. Ин ҷанбаҳо имкон медиҳанд, ки тарзи ҳаёти мардуми минтақа дар давраи шӯриши Усмон ва сабабҳои ин шӯриш бо таҳлили муқоисавии фикру ақидаҳои мухталиф мавриди омӯзиш қарор гирад. Муаллиф ҳаёти душвори мардумро инъикос намуда, аз ҷумла, 33 намуди андозро ёдрас мешавад, ки бевосита ба норозигии мардум сабаб гардидаанд [186, С.98].

Омили бадбахтии мардуми ин минтақаро муаллиф бо аз даст додани истиқлолияти шоҳигариҳои маҳаллӣ вобаста медонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки муаррихи дигар Э. Муҳиддинов дар таҳқиқоти худ сабабҳои шӯришро муфассал чунин шарҳ додааст: «Ҳамин тавр, Худойназар-додхоҳ, ки ӯро амир мири Ғарм ва худашро

ин ҷо беки Қаротегин номад, шумораи сарварони тобеаш ва ушру андозгирандагонро дар тамоми водӣ ба 4 ҳазор нафар расонд. Акнун хӯрондану пӯшондани дарбори бекӣ, ҳама амалдорони маҳаллӣ, тортуқу ушрҳо ба дарбори амири Бухоро ба зиммаи халқи водӣ бори гарон гардид. Андозҳо баъди тағйири сохти ҳукмронӣ як бар чорсад афзуданд» [164, С.33].

Э. Муҳиддинов андозҳои вазнини ин давраро таҳлил карда онҳоро сабаби асосии шӯриши Усмон мешуморад. Байнашон хироҷ (андоз аз замин), закот (андоз аз чорво), муҳрпулӣ, ҳақулло, кафсан (аз хирмани ғалла), қушпулӣ ва ҷуфтпулӣ (ҷуфти барзаговҳои ҷуфтӣ доштан), чароғпулӣ ва дудпулӣ (агар дар хона чароғат сӯзад ва аз равзан дуд барояд), харбузапулӣ, чӯбпулӣ, алафпулӣ, хаспулӣ, боғпулӣ, ҳавлипулӣ, обпулӣ, осиёбпулӣ фарсахпулӣ (роҳпулӣ) ва ғайраҳо буданд.

Ғайри хироҷи замин деҳқон аз хирмани кӯфта уҳдадор карда шуда, аз ҳар ман замини ғаллаи кӯфтааш (як ман 0.76 га) аввал ҳаққи мироб, оқсақоли деҳа, домулло, имоми масҷид, назри дарвешону қаландарҳоро медод. Баъди ин ҳама ҳақҷудокуниҳо, ки зери назорати ушргирандаҳо мегузашт, аз даҳ як ҳиссаи ғаллаи кӯфта ба деҳқон мемонд. Дар закоти чорво ҳам закоти иловаи чорво ҷорӣ карда шуданд. Баъди адои андозҳои яклухт ҳар хонавода илова ба сари гову аспу шутур 10 тангагӣ, ба сари гӯсфандон ду тангагӣ ва сари бузҳо як тангагӣ медоданд. Худойназарбек андози «саруна» ҷорӣ кард, ки онро андози «меҳмондорӣ» ҳам меномиданд. Яъне, барои меҳмоне, ки аз Бухоро меомада ё меҳмони аз дарбори мирӣ ба маҳалҳо мерафта аз ҳар сари аҳолӣ (аз навтаваллуд то пири дар ҷойгаҳи маргбуда) пули нақда меғундоштанд. Андозҳои натуравӣ ҳам ҷорӣ шуданд, «Ҳар буна-хонавода соле як сар гӯсфанд, як пуд равғани маска ё обкарда (равғани зард), як сар мурғ ё кабк, 10 тухми мурғ, чаккаи хушк (қурут), қоқи тут, зардолу, чормағз, пашм, пӯсти сафедмол, ҷуроби пашмин, ҳатто

кафши чӯбин ва кӯрчак медод» [164, С.39]. Чуноне ки мебинем, чунин ғоратгарӣ тоқати мардумро тоқ гардонида, ба шӯриш оварда расонд.

Рафти шӯришро Э. Муҳиддинов чунин таҳлил кардааст: «Мир аз ин қувваи бешумори шӯришгарони ҳанӯз ба Ғарм надаромада сахт ба ваҳм афтод. Ба назди Усмон эшикбошиҳояш Абдулмаҷид ва Ҳақназарро фиристод, то аз номи мир ба Усмон, ҷонишинонаш Одина ва Мулло Тош, ба сардори таъминотии озуқаи шӯришгарон Файзиддин, роҳбари ҳарбии шӯришгарон Саъдӣ ваъдаҳои амалҳои дарборӣ диҳанд ва ҳама мардуми ба шӯриш бархостаро аз роҳашон баргардонанд. Дар рафти гуфтушунид муфтӣ Мулломирзо Умед ҳам, ки худро тарафдори Усмону шӯришгарон хонда буд, ба вакилони мир ҳамроҳ шуд ва ба Усмон ваъдаи ба ҷои Мамадсаид мартабаи байнро ваъда кард ва розӣ кунонданӣ шуд. Усмон ҳама ин таклифҳоро рад кард ва ба одамони мир фармуд: «Ба мир гӯед, ки аз мансабаш даст кашад, ҳукуматашро қатъ гардонад ва ҳамаашон таслим шаванд». Усмон монеи ҷавоби мир нашуда, рӯзи 21 декабр ба Ғарм даромад. Бе ҷангу хунрезӣ миру ҳама амалдорони дарборашро ба асирӣ гирифт. Ҳама зиндониҳоро озод карда, ба ҷои онҳо миру дарбориёнро ба зиндон партофт, ҳама ҳуҷҷатҳои миригарииро пеши чашми шӯришгарон оташ зад. Қаротегинро аз васояти амирӣ озод эълон кард ва ҳукумати халқӣ ташкил дод. Худашро раиси ҳукумат, Одина ва Мулло Тошро ҷонишинонаш, Мулло Абдураҳим судурро раиси суд, Мулло Мирзо Умедро муфтӣ, Саиди Саидро сардори Қалъа, Давлатбекбийро ба корҳои таъминотӣ эълон намуд» [164, С.93].

Профессор Н. Ҳотамов оғози шӯришро бо воқеаи сафарбаркунӣ алоқаманд мекунад, «зеро маҳз баъди ин воқеа Усмон вазъияти ба амаломадаро ба инобат гирифта, роҳи ягонаи халосиро дар шӯриш дида, ҳатто, ба дӯсти худ - Одина, ки дар Ҳоит мезист, барои кумак, бо мактуб муроҷиат кардааст. Одина низ ҷавобан ба ин мактуб деҳқонони Ҳоит ва Қалъаи Лаби Обро ҳамроҳи худ гирифта, ба кумаки Усмон ба деҳаи Янғолик, ки маркази шӯриш буд,

шитофтааст» [223, С.310]. Баъдтар миқдори шӯришгарон ба 2500 нафар пиёда ва 650 нафар савора расид [223, С.312]. Шӯришгарон аз деҳаи Янғолик ба маркази бекигарии Қаротегин-Ғарм ҳаракат карда, Ғармро забт мекунанд [223, С.313].

Ҳамин тавр, дар маркази Қаротегин-Ғарм ҳокимият пурра ба ихтиёри шӯришгарон гузашт, ки он дар таърих бо номҳои «ҳокимияти халқӣ» ва «ҳокимияти халқии Усмон» маълум аст. Дар он ҳокимият Усмон-раис, Одина ва Мулло Тош ҷонишинони ӯ гардиданд. Вале онҳо бо гирифтани ҳокимият ором гардида, дигар аз чӣ сар кардани корро намедонистанд. Бинобар ин, шӯришгарон маҷбур шуданд, ки қисме аз амалдорони ҳокими собиқро аз ҳабс озод намоянд ва ба онҳо амалҳои гуногунро доданд. Яъне, бо ном «ҳокимияти коалитсионӣ» барпо намуданд. Аз ҷумла, аз амалдорони собиқ Давлатбекбий - сарвари таъминот, Мулло Абдураҳим Судур-қозӣ, Мулло Мирзо Умед - муфтӣ таъин гардиданд. Шикасти Усмонро низ таърихнигорон бо надоштани таҷрибаи ҳукуматдорӣ мансуб медонанд. Ин шӯриш, ки бо номи «Ҳукумати халқии Усмон» маълум гардид, баъди 10-15 рӯзи мавҷудияташ амалан барҳам хӯрд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ таҳлили шӯриши Усмон дар мақолаи дотсент Ғолибшоҳ Наврӯзов аз нуқтаи назари таърихи қаҳрамониҳои миллат баррасӣ гардидааст. Муаллиф дар мақолааш сабабҳои ин шӯришро чунин нишон медиҳад: «Дар водии Қаротегин, бинобар сабаби зиёд шудани андозҳо, мардум ба ҷон омада буданд, яъне ҳаракати зиддиамирӣ пухта расида буд. Нусратулло Махсум, ки вазъиятро хуб медонист, барои мубориза дӯстонашро фиристод, то ки ба муқобили намояндагони амир дар маркази водии Қаротегин муборизаро сар кунанд. Аз ҷумла, ӯ Усмонро бо ҳамроҳии дӯстону ҳамкорони фарғонагиаш Мулло Икром (аз деҳаи Мазори Ясман), Сафӣ (аз Ҳисорак), Улуғ (аз Ҷафр), Мулло Тош (аз Нимич) сафарбар кард, ки то мардумро ба муқобили мири Қаротегин ба мубориза бархезонад» [170, С.39].

Ғ. Наврӯзов қайд мекунад, ки баъзе аз таърихнигорон дар баррасии ин шӯриш ба хатогиҳо роҳ додаанд. Аз  ҷумла, дар мақолаи Ғ. Наврӯзов «Оғози фаъолияти сиёсӣ - инқилобии Нусратулло Махсум» масъалаи хатои Кисляков оид ба ҳамин шӯриш чунин таҳлил шудааст: «Н. А Кисляков дар қисми 2-юми асараш «Очерки таърихӣ оид ба Қаротегин», ки аз забони мардуми минтақа гирифта буд, доир ба ин шӯриш хулосаи нодуруст баровардааст. Гӯё Усмон мирохӯри мир Абдулҳафиз буд ва мехост ба воситаи ин шӯриш мансаби баландтар гирад.

Лаҳзаҳои қаҳрамонии Усмонро муаллифони дигар низ ёдрас мешаванд. Аз ҷумла, Диловари Мирзо дар асари «Борон изҳоро мешӯяд» давраи зулми манғитиҳоро таҳлил карда, қаҳрамонии Усмонро дар жанри романи таърихӣ тасвир мекунад.  Алӣ Хуш низ дар жанри ҳикоят воқеаҳои реалии ин давраро тасвир мекунад. Ҳикоятҳои вай дар бораи муборизаи Усмон бо беки Қаротегин, ки дар китоби «Шӯриши Усмон» ҷамъоварӣ шуданд, мазмуни таърихиятро доранд ва ҳисси нафрати мардум нисбати беки Қаротегин ва амалдорони амири Бухороро бо эҳсосоти зиёд ба хонанда мерасонад [85, С.111]. Бо омадани ҳокимияти Шуравӣ муносибати нафратовари мардум нисбати бойҳо авҷ гирифт, ки мехостанд сохти Шуравиро барҳам дода, зулми халқро идома диҳанд. Нимаи дувуми солҳои 20-ум барои бойҳо, эшонҳо, амалдорони собиқи амири Бухоро ҳуқуқи иштирок кардан дар интихобот манъ карда шуд. Ин гурӯҳи одамон мардумро нони садақа дода, дар охир ташфиқот мебурданд, ки сохти шуравӣ гуноҳ аст ва агар дар байнатон ягон пуштибони шариат набошад, гуноҳи шумо гарон хоҳад буд. Мақсади онҳо ҷой кардани намояндаи худ дар шуроҳо буд. Дар Ҳоит рӯйрост халқро мегуфтанд, ки агар дар интихобот иштирок кунанд, босмачиён аз нав омада, онҳоро сар мебуранд.

Сабабҳои норозигии мардум аз сиёсати амири Бухоро бештар аз истилогарии бекҳои маҳаллӣ сар мезад, ки мансабро харида, нисбати мардум ҳамчун манбаи даромад муносибат мекарданд. Чунин аҳвол дар амлокҳо низ дида мешуд, ки ба онҳо амлоки қирғизӣ, Қалъаи Лаби Об, Ҳоит, Ғарм, Навдонак, Комаров, Оби Гарм, Муҷихарв, Пумбачӣ ва Яфуч дохил мешуданд. Аммо Логофет дар солҳои 1900-1910 8 амлокро нишон медиҳад. Идоракунии амлокҳоро шарҳ дода, муаллифони номбаршуда, менависанд, ки амлокдор масъули ин системаи идоракунӣ буд.

Дар сохтори поёнии ин низоми идоракунӣ «миразор» меистод, ки дар ихтиёри худ ҳазор навкар дошт. Системаи идоракунии Қаротегин ва миразорҳо чунин сохтор доштанд: Қаротегин – 13 миразор, минтақаи қирғизӣ – 3 миразор, Оби Гарм – 4, Ҳоит - 4, Қалъаи Лаби Об – 5, Пумбачӣ – 5 миразор. Аз ин маълумотҳо бармеояд, ки дар ин минтақа 34000 навкар хизмати амирро адо мекарданд. Н.А. Кисляков калимаи «миразор»-ро бо мири 1000 вобаста мекунад [140, С.134]. Дар ин сохтор, ҳамчунин, қозиҳо ва саломчиҳои шоҳ мавқеъ гирифтанд. Дар ҷои аввал дар системаи идоракунӣ «бек» меистод, баъди вай «девонбегӣ» - раиси дафтари бек, ки тамоми корҳои идоракуниро пеш мебурд.

Дар таърихнигории шуриши Усмон якчанд нуқтаи асосӣ диққати муаррихонро ҷалб намуданд:

- шахсияти Усмон;
- сабабҳои шуриш;
- таркиби ғоявии шуриш;
- мақсади шуришгарон;
- таҳлил рафти шуриш;
- таҳлили хатогиҳои шуришгарон;
- таҳлили натиҷаи шуриш;
- аҳамияти шуриши Усмон барои ҳисси миллии сокинони минтақаи Қаротегин.

Воқеаҳои таърихии водии Рашт ва аз он ҷумла шуриши Усмонро дар доираи таърихнигорӣ таҳлил намуда, олимон принсипи муҳимтарини таҳқиқи таърихнигорӣ - истифодаи манбаъҳои аслӣ ва дастрасро риоя намуданд, ки он истифодаи ҳуҷҷатҳои таърихӣ, шоҳидон, манбаҳои хаттӣ ва дигар сарчашмаҳоро дар назар дорад. Ҳамаи ин ба таърихнигорон имконият дод, ки маълумотро аз сарчашмаҳои дақиқ дастрас намуда, рафти воқеаҳоро дуруст инъикос намоянд.

Таърихнигории водии Рашт ва кишваршиносии минтақа, бевосита ба таҳқиқ ва омӯзиши омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ниёз доранд, зеро ин раванд таърихи гузаштаи ин маконро аз нигоҳи олимон ба воқеаҳои таърихӣ, ҷараёнҳои сиёсӣ, тарзи ҳаёти гузашта, рушди иқтисод, фарҳанг ва рушди ҷомеаро таҳлил менамояд. Мақсади асосии диссертатсияи самти таърихнигорӣ маҳз дар фаҳмидани сабабҳо ва натиҷаҳои ҳодисоти таърихӣ, инчунин таҳлили муносибатҳои ҷомеаи водии Рашт дар давраҳои гуногуни таърихиро дар бар гирифт.

Дар рафти таҳлили мавзуъ, асарҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки дар бораи гузашта маълумот медиҳанд, мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Вобаста ба ҳамин, таърихнигории водии Рашт ба таҳқиқи минбаъдаи объективӣ ва илмӣ дар самти таърих ниёз дорад, то ки воқеаҳо ва равандҳои таърихӣ бидуни субъективизм баррасӣ шаванд. Таҳлили таърихнигории водии Рашт барои омузиши таърихнигории таърихи халқи тоҷик мусоидат мекунад. Таърихнигории таърихи водии Рашт нуқтаи назари олимони маҳаллӣ ва ғайримаҳаллиро руи кор оварда, афкори онҳо мавриди муқоиса гузошта шу два ин имкон дод, тарзи таърихнависии маҳаллиро бо дигар олимон муқоиса намоем.

Таърихнигории таърихи Рашионзамин ва асосан шӯришҳои мардумӣ натиҷаҳои таҳқикро мураттаб месозад ва моро водор мекунад, ки консепсияҳои таърихнигории шӯришҳоро низ баррасӣ

намоем. Охири солҳои 1990 - ибтидои солҳои 2000-ум, таърихнигорӣ пурра аз марксизм берун гардид ва методологияи ленинии таҳлили шуришҳо тайғир ёфт, аммо аҳамияти миллӣ озодихоҳӣ боқӣ монд. Таърихнигории консервативӣ, марксистӣ ва муосир дар заминаи баҳо додан ба ҳаракати миллӣ озодихоҳӣ ақидаи ягона доранд. Аммо дар баъзе мавридҳо, намояндагони консерватизм ба монанди шӯришро низ омили зидди таърих меномиданд, зеро таърих ба ақидаи онҳо моли Илоҳӣ (Руҳ) мебошад. Гарчанде ки дар солҳои 60-уми асри XX кушишҳои тоза кардани таърих аз догмаи мавҷуда ба миён омаданд, аммо ин ҳама таърихнигориро аз идеология пурра озод накард. Хусусияти ин давра дар он аст, ки муаррихони пешкадам муносибати догматикиро нисбат ба баҳои ленинй нисбат ба воқеаҳои таърихӣ бартараф намуданд. Аммо хеле зуд олимон дарк карданд, ки таърихи ислоҳшуда ба манфиати идеяи давлат мухолиф аст ва аз пушти пардаи чунин таърихнависӣ дар асл душманони давлати Шуравӣ қарор доранд. Маҳз бо кушиши душманони Шуравӣ, илми таърих аз афкори мубориза синфӣ ба таърихи классикӣ ва субъективизм баргашт. Аммо ин принсипҳои таърихсозиро олимони тоҷик напазируфтанд ва таърихи муборизаҳои миллӣ бар зидди ҳама гуна зулму истибдод, пеш аз ҳама манфиати халқи мазлумро дар назар мегирад.

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи омӯзиш ва баррасии шӯришҳои халқӣ дар минтақи Рашт дар ибтидои асри XX дар адабиёти илмӣ ва адабӣ ба таври васеъ инъикос шуда, ба андешаи мо сабаби асосии сар задани онҳо андозҳои гарон, норозигии мардум аз сиёсати золимонаи давр мебошад. Гарчанде адабиёти нашршуда ва маводи публитсистӣ рафти ин шӯришро дар доираи таърихи ҷумҳурӣ ва минтақа таҳлил мекунанд, аммо аҳаммияти таърихии ин шӯриш ба такмили мукаммал ниёз дорад. Ҳамзамон, осори муаррихони тоинқилобии рус, ки дар онҳо шӯришҳои халқӣ инъисос шудаанд ва адабиёти илмиву ёддошӣ

ҷиҳати омӯзиши шӯришҳои халқии минтақи Қаротегин манбаъҳои муҳимми таърихӣ мебошанд.

### 2.2. Инъикоси ҳаёти фарҳангии минтақа дар таҳқиқотҳои таърихӣ

Яке аз самтҳои асосии таърихнигориии минтақаи Раштро дараҷаи таҳқиқи масоили фарҳангӣ ташкил медиҳад. Ҳанӯз дар асри XIX муҳаққиқони рус ин самти таърихи тоҷикон, аз ҷумла, тоҷикони водии Раштро мавриди омӯзиш қарор доданд. Аз ҷумла, А.А. Семёнов дар асоси маводҳои сафари худ ба Қаротегин нахустин шуда фарҳанги мардуми ин минтақаро аз нуқтаи назари этнографӣ меомӯзад. Вай дар мақолаи худ «Муносибати тоҷикони кӯҳистон бо кӯдакон» ва дар мақолаи дигар бо унвони «Доир ба эътиқодоти динии тоҷикони кӯҳистон» урфу одат ва анъанаҳои миллии мардумро баррасӣ мекунад.

Соли 1903 А.А. Семенов китоби аввалини худ «Очерки мардумшиносии кӯҳистони Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз»-ро, ки дар он натиҷаи таҳқиқоти экспедитсияи соли 1893 ворид шудааст, ба нашр расонд. Дар ин асар А.А. Семенов бештар ба фарҳанг, урфу одат, сохти ҷамъияти он давра ва этнографияи минтақа диққати бештар медиҳад [ 202, С.112].

Дар ин китоб А.А. Семенов, инчунин, маълумотҳои ҷуғрофӣ оиди кӯҳистони Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз, дин, эҷодиёти маънавии мардуми минтақа, дигар маълумоти таърихӣ ва фарҳангиро ҷой додааст. Дар хусуси сохти сиёсии ин минтақа вай қайд мекунад, ки Шоҳони Қаротегину Дарвоз, Шуғнон, Рушон ва Вахон насаби худро бо Искандари Мақдунӣ пайваста медонистанд. Иқлими ин минтақаро (Қаротегин) таҳлил карда, онро дар муқоиса бо дигар мавзеъҳои Туркистон хуб меҳисобад ва онро «Кунҷи шукуфони Кӯҳистони Осиё» меномад. Вай миллати мардуми кӯҳистонро ба эрониҳо мансуб дониста, мефармояд, ки «хато намекунем, агар сокинони ин минтақаро

эронӣ хонем» [202, С.19]. Дар асар муаллиф ба шакли антропологии тоҷикони кӯҳистонро ишора намудааст. Аз ҷумла, ӯ менависад, ки сокинони ин минтақаҳо косахонаи сарашон калон буда, дар қафо назар ба пеш кӯтоҳтар аст. Чашмонашон тез, одатан сиёҳ, қаҳваранг мебошанд. Ғайр аз ин, қайд мекунад, ки дастҳо ва пойҳо андозаи миёна доранд, дастҳо ба афзоиш мутаносиб мебошанд. Ба гуфтаи олим, шеваи сайру оҳиста ва бесаросема хосси тоҷикони кӯҳистон мебошад.

А.А. Семёнов дар бораи маданияти моддии мардуми баландкӯҳ, сару либос таҳқиқот анҷом дода, менависад, ки дар фасли зимистон дар болои курта ҷома - пӯстин ё чакман - ҷомаи ғафси пашмини маҳаллие, ки ранги хокистарранг ё сиёҳ дорад, мепӯшанд. Сарпӯши тоҷикон аксаран аз тоқӣ иборат буд, ки гоҳе аз Бухорову Фарғона оварда мешуд. Дар баъзе мавридҳо тоқиро худашон дӯхта, онро бо гулдӯзӣ оро медоданд [202, С.129]

Муҳаққиқони замони Шуравӣ, аз ҷумла, Н. Кисляков низ ба А. Семёнов ҳамфикр буда, шакли тоқиҳоро тавсиф мекунад, ки бино ба андешаи вай тоқии конусшакли бо тасмаи (шерозӣ) мудаввар барои ноҳияҳои кӯҳистон хос буд. Тоқиҳоро дар бештари мавридҳо бо нақшҳои наботот ё геометрӣ гулдӯзӣ мекарданд. Куртаи занона нисбат ба мардон дарозтар (аз зону поёнтар) буда, гиребонашро дар шакли вертикалӣ медӯханд, то ки барои ғизо додани кӯдакон қулай бошад. Гиребони духтарон бошад, шакли горизонталӣ дошт ва дар баъзе ҷойҳо бо гулдӯзӣ ва шакли ороишҳои абрешимӣ оро дода мешуд. А.А. Семенов шакли мӯзаҳоро тасвир намуда, бино ба тиҳқиқоти ӯ онро аз пӯсти гов медӯханд ва дарозиашон то зону мерасид. Поёни чунин мӯзаҳо қаиқшакл буда, дар пеш васеъ мешаванд [202, С.129].

А.А. Семёнов менигорад, ки занон аз оилаҳои сарватманд гарданбандҳо аз садаф, гӯшворҳои мису нуқрагӣ, ангӯштарин ва дастбандҳоро ҳамчун маснуоти ороишӣ мавриди истифода қарор дода, дасту пойҳоро бо ҳино ранг мекунанд [202, С.229]. Муаллиф ба тарзи

сохтмони хонаҳо дар Қаротегин диққат дода, менависад, ки деворҳои хонаро аз хишти гилин, чоркунча месохтанд. Баландии деворҳо ба ҳисоби миёна аз се-чор метр зиёд набуд [202, С.34].

А.А. Семенов дар бораи шакли шифт, сохт ва аҳаммияти оташдон дар хона ва ғайра, инчунин, дар бораи ҷиҳози даруни хона маълумот медиҳад [202, С.36]. Қисми камбағали аҳолии маҳаллӣ дар Қаротегину Дарвоз бо сабаби нарасидани ҳезум дар як хонаи калон зиндагӣ мекарданд. Дар чунин хонаҳои зимистонӣ се-панҷ оила якҷоя зиндагӣ умр ба сар мебурданд. Хусусияти фарқкунандаи чунин хонаҳои зимистонӣ он буд, ки деворҳои онҳо ғафс буда, берун ва дарун бо гил хуб андова карда шуда, бомҳои беҳтар доштанд ва аз ҷиҳати ҳаҷм онҳо аз хонаҳои мукаррарӣ чандин маротиба калонтар буданд. Ҳар як оила як дегчаи калони оҳанин, чойник барои оби ҷӯш, чанд зарфи сафолин, кордҳое, ки мардон бо худ мебурданд ва кордҳои калони нӯги кунди каме каҷ - барои тақсим кардани хамир доштанд. Амволи оиларо сандуқи чӯбини бо кандакорӣ орододашуда ва рангуборёфта ташкил медод.

А.А. Семёнов дуруст қайд кардааст, ки тоҷикони кӯҳистон ба ғайр аз гӯшт, шир, равган, қаймоқ ва дигар маҳсулоти хӯрока, инчунин барои либосворӣ матоъ, ҷуробҳои пашмин, пойафзол, зарфҳои сафолӣ ва дигар маҳсулоти истифодаи рӯзгорро истеҳсол мекарданд.

А.А. Семёнов дар асари худ дар бораи шикорчигӣ ва характери анъанавӣ доштани он низ ёдрас мешавад. Фаровон будани буз, хирс, харгуш, кабк, кабутар, мурғобӣ дар табиати ин мавзеъ барои шикор шароити хубро фароҳам месозад. Бояд қайд кард, ки дар маҷмуъ ин асари А.А. Семёнов дар бораи маданияти суннатии тоҷикони кӯҳистон дар замони пеш аз инқилоб яке аз аввалин ва муҳимтарин таҳқиқот ҳисоб меёбад.

Яке аз аввалин таҳқиқотҳои мукаммал дар бораи фарҳанги моддӣ ва маънавии тоҷикон дар давраи охири асри XIX ва ибтидои

асри XX асари А. Шишов «Сартҳо» мебошад, ки соли 1904 ба табъ расид. Ӯ омӯзиши тоҷиконро идома дода, соли 1910 китоби дигаре бо номи «Тоҷикон» аз чоп баровард [225, С.353]. Ин таълифот аввалин асари мукаммал оид ба этнографияи тоҷикон ба забони русӣ мебошад, ки дар он оиди фарҳанги суннатии тоҷикон, ҷуғрофиё, таърихи муносибатҳои тоҷикон бо дигар халқҳои Осиёи Миёна маводи зиёде гирд оварда шудааст. Асар аз сӣ боб иборат аст, ки муҳимтарини онҳо дар мавзуъҳои «Маънии калимаи «тоҷик» ва «ғалча», «Пайдоиши тоҷикон», «Шумораи тоҷикон», «Нишонаҳои зоҳирии тоҷикон», «Манзил», «Либос ва аслиҳа», «Хӯрокворӣ ва нӯшокӣ», «Кишоварзӣ», «Чорводорӣ», «Дин ва расму оин», «Идҳо ва фароғатҳои халқӣ» ишора ёфта, ҳамчунин, дар он дигар самтҳои ҳаёти мардумӣ дар маърази таҳлил гузошта шудаанд. Дар ин асар муаллиф баробари дигар тоҷикон роҷеъ ба ҳаёти фарҳангии тоҷикони Қаротегин низ маълумоти муҳим медиҳад.

Ҳудуди ҷуғрофии омӯзиши тоҷикон дар таҳқиқоти А. Шишов минтақаҳои водии Зарафшон, саргаҳи Зарафшон (Мастчоҳ, Яғноб), Фалғар, Киштут, Мағиён), Қаротегин, Вахиё, Дарвоз, Шуғнон ва Рушонро дар бар мегирад. Муаллиф дар боби «Хусусиятҳои тоҷикон» дар ин бора муфассал андешаашро баён карда қайд мекунад, ки тафаккури тоҷикони кӯҳистонӣ аз тоҷикони водинишин фарқ мекунад. [225, С.254]

Соли 1911 асари Д.Н. Логофет «Хонигарии Бухоро дар зери протекторати Русия» ба табъ расид, ки дар он муаллиф дар баробари масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ  дар асари худ оид ба ҳаёт ва зиндагии аҳолии Бухорои Шарқӣ ва Помир низ маълумот медиҳад. Вай, пеш аз ҳама, ба типи антропологии тоҷикони кӯҳистон ишора карда, қайд мекунад, ки тоҷикони Вахиё қоматбаланд ва тавоно мебошанд. Мувофики мушоҳидаҳои Д.Н. Логофет дар ибтидои асри XX тоҷикон, ки намояндагони аҳолии бумии кишвар буданд, дар саросари хонии

Бухоро пароканда зиндагӣ мекарданд. Вале оммаи асосии онҳо дар Дарвоз, Қаротегин, Кӯлоб, Балҷувон сукунат доштанд.

Д.Н. Логофет таъкид мекунад, ки «Тоҷикон дар байни кӯҳҳои дастнорас зиндагӣ карда, забон ва расму оинҳои қадимаи худро дар шакли пок нигоҳ доштаанд, ки ин, махсусан, дар Дарвозу Қаротегин беҳтар мушоҳида мешавад. Дар фарқият аз Дарвозу Қаротегин, тоҷикони Балҷувон, Кӯлоб ва бекигарии Ҳисор бо миллатҳои дигар омехта (ассимилятсия) шудаанд. Баъдан ӯ қайд мекунад, ки дар баъзе ҷойҳо тоҷикон дар Қаротегин дар сарҳад бо қирғизҳои бодиянишин зиндагӣ мекунанд» [146, С.158-159].

Муаллиф тадқиқоти антропологии тоҷиконро гузаронида, менависад, ки занони Қаротегин бо чеҳраи кушода ва зебо зиёданд. Намуди умумии тоҷиконро вай чунин шарҳ медиҳад: «Онҳо қоматбаланд, қафаси синаи хуб инкишоф ёфта ва мушакҳои қавӣ доранд. Мӯйҳои ғафс, аксаран сиёҳ, аммо баъзеҳо малламӯй бо чашмони хокистарӣ ва кабуд низ вомехӯранд. Онҳо пешонии васеъ ва бинии рости калон доранд» [146, С.158-159].

Д.Н. Логофет маданияти моддии тоҷикони кӯхистон, алалхусус, деҳа ва манзилгоҳро тавсиф намуда, кайд мекунад, ки манзилҳои тоҷикӣ дар деҳот асосан аз санг сохта шудаанд. Биноҳо паст, бе тиреза, танҳо як дари даромад доранд. Дар гирду атрофи он дар шакли санги паст ё девори чӯбӣ оғил барои чорво сохта мешуд [146-, С.160].

Оид ба забон ва гӯишҳои тоҷикони кӯҳистон Д.Н. Логофет менависад: «Дар забони тоҷикӣ се гӯиши умда вуҷуд дорад: Қаротегин – ки гӯиши бадахшонии забони форсӣ аст; лаҳҷаи Дарвоз - аллакай ба таври қобили мулоҳиза инҳирофшуда, бо иловаи вожаҳои зиёди забони вахонӣ ва лаҳҷаи шуғнонӣ, ки аз ду лаҳҷаи аввал комилан фарқ мекунад. Д.Н. Логофет аввалин шуда умумияти миллии тоҷиконро эътироф намуд ва қайд кард, ки тақсим кардани тоҷикон ба сарт,

ғалча, эронӣ, форсӣ ва бухороиву самаркандӣ танҳо ба тақсимшавии як халқ оварда мерасонад, зеро ҳамаи онҳо бо як забон ҳарф мезананд.

Ақидаи Д.Н. Логофет доир ба сокинони тоҷики кӯҳистони Қаротегин маълумотҳои баҳснокро низ ҷой медиҳад. Масалан, вай менависад, ки ғалча дар Қаротегин ва Дарвоз зиндагӣ карда, бо тоҷикони муқимӣ омехта нашуда, ҷудо зиндагӣ мекунанд. Лаҳҷаи онҳо бештар аз калимаҳои форсӣ иборат мебошад. Д.Н. Логофет мазҳаби онҳоро исмоилӣ мешуморад, ки ин фикри муаллиф таҳқиқоти иловагиро тақозо мекунад.

Барои пурра намудани маълумоти муаллифони тоинқилобӣ зикр намудан лозим аст, ки намояндаи маъруфи мактаби мардумшиносии Шуравӣ, Н.Н. Ершов оид ба фарҳанг ва дониши тиббии мардум маълумот дода, илова мекунад, ки то давраи инқилоби Октябр дар Қаротегин якчанд ихтисоси табибон низ амал мекарданд. Фаъолияти табибон се самти асосиро дар бар мегирифт: ҷарроҳ, ҷаҳҳол (табиби чашм) ва табиби дардҳои дарунӣ (терапевт). Адабиёти асосии соҳаи тибро китоби «Ал-Қонун»-и Абуалӣ Сино ташкил медод. Инчунин, табибон аз китобҳои «Тибби Юсуфӣ», «Тибби акбар», «Махзани Хоразмшоҳӣ» («Захираи Хоразмшоҳӣ») ва дигар сарчашмаҳо истифода мекарданд. Доруровириро аз дигар кишварҳо, ба монанди Афғонистон, Ҳиндустон ва Эрон ворид мекарданд. Атрфурӯшонро «аттор» меномиданд. Табибони маҳаллӣ дар аксари мавридҳо доруро худашон омода мекарданд. Дар вақти табобат маълумоти дақиқ дар бораи табиати бемор, унсурҳои табиӣ, парҳез ва дигар усулҳоро васеъ истифода мекарданд. Дар истеҳсоли доруворӣ табибон аз тарозу ва ченакҳои мисқол баробар ба 1/84 қисми фунт ва 4,87 грамм истифода мекарданд.

Н.Н. Ершов менависад, ки табибони маҳаллӣ аз услуби чен кардани набз бо усули ҳиндӣ истифода мекарданд. Онҳо се ангуштро дар набзи бемор гузошта мушоҳида мекарданд ва вобаста аз он ки

кадом ангўшт набзро ҳис мекунад, табиати ин ё он хилтро дар бадани бемор муайян мекарданд [115, С.349-357]. Қисми тадқиқотҳои Н.Н. Ершов бо таҳлили хўрокҳои маҳалии мардуми Қаротегин бахшида шудааст [116, С.225-233].

Масъалаҳои фарҳанги анъанавии давраи тоинқилобии минтақаи Қаротегин дар асарҳои муҳаққиқони замони шуравӣ ва истиқлол низ баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар очерки оммавии М. Амирбеков «Фарзонагони Раштонзамин» нисбатан муфассал хизматҳои намояндагони фарҳанг, илм ва маданияти сокинони ин минтақа нишон дода шудааст. Муаллиф аслу насаб ва тарҷумаи ҳоли шоири маъруфи узбек Ҳамза Ҳакимзода Ниёзиро таҳлил намуда, менависад, ки падари шоир Ибни Ямини Ниёзӣ (1836-1920) тахаллуси Қаротегинӣ дорад, ки донишманд ва табиби ҳозиқ буд. Ба андешаи муаллиф сокинони деҳаҳои Аввал ва Таҳигул, ки падару модари Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ зодаи он ҷойҳоянд, ҳама тоҷикони куҳистони Қаротегин дониста мешаванд.

Адибон ва рўзноманигорони маъруфи тоҷик Отахон Латифӣ ва Абдурофеъ Рабиев дар китоби «Рўзгори соҳибдилон» қайд мекунанд: «Дар тули асрҳои гузашта аз Қаротегин қувваҳо ба се тараф мерафтанд. Як қисм ба сўйи Суғд (Сух), ки оянда он ҷо ноҳияеро ташкил доданд, дигаре ба сўи Фарғона, ки ҳамроҳи онҳо падари шоири ояндаи тоҷику узбек Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ буд ва гурўҳе ба сўйи Самарқанду Бухоро ҳаракат мекарданд» [88, С.290]. Бародарзодаи Ҳамза писари Қорӣ Исроил, Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳодиҷон Ниёзӣ то соли 1992 дар деҳаи Гулзори колхози ба номи Ленини ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон ҳаёт ба сар мебурд ва мутаассифона охири соли 1992 ба шаҳодат расид. Тибқи шаҳодати ў, ки Ҳамзаро дида ва аз суҳбатҳояш лаззати маънавӣ бурда буд, ватани аслии бобоёни Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ ноҳияи Ғарм будааст ва онҳо то имрўз бо ҳамдигар равобити хешутаборӣ доранд.

Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ дар муқаддимаи нахуст маҷмуаи баъди инқилоб чопшудааш (соли 1924) ба тоҷик будани миллат ва авлодаш ишора мекунад. Ашъори тоҷикии Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ хеле кам ба табъ расидааст.

Дар воқеъ, чуноне ки пажӯҳишҳо нишон медиҳанд асарҳои ба забони модарӣ эҷодкардаи шоир ба табъ нарасидаанд. Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ шоир ва драмматурги маъруфи инқилобӣ буда, ҳамагӣ чиҳил сол умр дошт. Намоишномаҳои вай ба монанди «Бой ва хизматгор», «Найрангҳои Майсара», «Ҷазои туҳматгарон» ба хазинаи тиллоии адабиёти шуравӣ дохил гардиданд. Муаллиф менависад, ки номи Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ дар қатори Мухтор Ашрафӣ, Комил Ёрматов, академик Қорӣ Ниёзӣ ва дигар бузургмардони илму адаб бо «ҷурм»-и тоҷик буданашон аз муассисаву ташкилотҳои Ҷумҳурии Узбекистон барчида шуд ва ҳатто номи театри драмаи ба номи Ҳамзаи шаҳри Тошканд аз ин амал эмин намонд.

Муаллифи китоб рушди санъати мусиқиро дар давраи то инқилобӣ таҳлил мекунад. Ҳанӯз дар қаламрави бекигарии Дарвозу Рашт аз мактаби мусиқии суннатию халқии шашмақом, дувоздаҳмақом, мавригӣ, бурхӣ, хумбӣ, шикевӣ, рогӣ, фалакӣ, ҷазмӣ, рок ва дигар равияҳо истеъдодҳои зиёд рӯи кор омаданд. Муаллиф, инунин, аз ашъори шоирони маъруфи Қаротегин Бухорӣ, Хундил ва дигарон маълумот овардааст, ки бешубҳа аз қимати илмии асари ӯ гувоҳӣ медиҳад. Аз рӯи маълумоти дар даст доштаи ӯ  Бухорӣ аз шоҳзодагони Қаротегин буда, дар Қӯқанд низ замин доштааст. Хундил тахаллуси адабии шоири охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX Қаротегин Солеҳбадал мебошад [88, С.294]. Доир ба ин шоир Шарифхоҷаи Кӯҳистонӣ дар баёзаш маълумот дода, ӯро аз сокинони деҳаи Хуфаки ноҳияи Ғарми собиқ вилояти Ғарм зикр карда, номашро Солеҳбадал мегӯяд. Ҳамзамон эҷодиёти Шайх Абдулҳайи Домулло Муҳаммадсобири Абдулазим, ки соли 1284 ҳиҷрӣ, баробар ба соли

1867 милодӣ дар деҳаи Муҷихарфи ноҳияи Нурободи водии Рашт ба дунё омадааст, ёдрас мешавад. Худи Абдулҳай дар оғози рисолаи «Муфиз-ул-анвор» ҷойи истиқоматашро деҳаи Муҷихарф муаррифӣ намудааст. Дар оғози рисолаи «Канз-ул-мавоиз» муаллиф Абдулҳай ибни Мулло Муҳаммадсобирро сокини қарияи Муҷихарф аз тавобеоти Қаротегин номидааст. Вай бо тавсияи падар аз пири тариқат Шайх Шаҳобуддини Езғандӣ (деҳаи Ёзғанд дар минтақаи Тавилдара воқеъ аст) мудати 7 сол сабақи ботинӣ омӯхта, маърифати ирфониро аз бар менамояд ва дасти пир мегираду бо рухсати пири худ, чун орифи комил ва муршиди пухта ба зодгоҳаш бармегардад.

Доир ба ин шоир маълумоти муфассалтар дар бозчопи китоби Абдулҳайи Муҷахарфӣ, «Муфиз-ул-анвор» ва «Девони ашъор», ки аз тарафи Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ ва Бӯрӣ Бачабеки Карим ба нашр омода гардид, оварда шудааст. Ин китоб соли 2003 дар шаҳри Москва чоп шуд [8].

Аз хизмати А. Ҳабибов чун адабиётшинос ёдовар шуда, сипас, мазмун ва мундариҷаи китоб, маҷмуа ва ё рисола будани онро муайян кардан зарур аст, зеро китоби вай «Ганҷи парешон» дар инъикоси фарҳанги Қаротегин нақши муҳим дорад. Шакли маводи ҷамъшуда, ба фикри мо онро бештар ба маҷмуаи ашъор монанд мекунад. Дар маҷмуаи мазкур, ки соли 1984 нашр гардид, эҷодиёти 63 нафар шоирони Қаротегнн, Дарвоз ва Кӯлоб, ки дар асрҳои XVIII-XX зиндагӣ кардаанд, ҷамъоварӣ шудааст.

Шоирони Бухорои Шарқӣ барои ба Бухоро рафта шуҳрат пайдо кардан имконият надоштанд ва бинобар ин, дар атрофи ҳокимони маҳаллӣ дар деҳаву зодгоҳи худ истода, эҷод мекарданд ва аз ҳамин лиҳоз, номи онҳо хеле кам маълум аст. Соли 1940 шоир ва олими маъруфи тоҷик Абдусалом Деҳотӣ дар мақолаи худ «Шоирони кӯҳистонӣ» ба миён гузошта буд. Муаллифи мақола баъд аз қайд кардани сабабҳои омӯхта нашудан ва зарурати омӯхтани аҳволу

ашъори шоирони кӯҳистонӣ ба тариқи хулоса навишта буд: «Маҳалҳо, таърих ва тазкираҳоро ҷустуҷӯ карда, зинда гардонидани номи шоирони кӯҳистони тоҷик ва омӯхтани эҷодиёти онҳо яке аз вазифаҳои муҳимми мо, ходимони адабиёти советии Тоҷикистон мебошад» [217, С.56]. Муаллифи китоб А. Ҳабибов онро аз рӯи минтақаҳо ба се қисм ҷудо кардааст ва дар қисми аввал ашъори шоирони Дарвоз, дар қисми дувум шоирони Қаротегин ва дар қисмати севум эҷодиёти шоирони Кӯлобро баррасӣ намудааст.

Дар ин замина, доираи адабии Бухорои Шарқиро дар асри XIX ва ибтидои асри XX бо 26 шоири пой ба арсаи шеъру шоирӣ гузошта ва баъзан соҳибдевон қайд намуда, исми бисёри онҳоро ба монанди Гулханӣ, Ғармӣ (Абдураҳим), Хазонӣ (Мирзо Сафармуҳаммад), Ҳаҷрӣ (Азизбек), Ғабро, Бухорӣ (Муҳиддин), Обиддини Муҳаммадзода, Зайниддин Ранҷа (Сафо Ошурзода), Сайфуллоҳи писари Хазонӣ, Абусаиди Насимӣ, Хундил, Валей, Раҳмат, Саид, Насриддин, Нуриддин, Рафиқӣ, Малеҳо, Самео, Саид Аҳмад Абдураззоқ, Абдуваҳҳоб, Абдулҳай, Мулло Давлат, Додӣ (Халифа Худойдод) ёдовар мешавад. Аз девони Ҳаҷрӣ (Ҳаҷрӣ Мирзо Азизбек) мисол оварда, шоири дигар бо номи Мир Абдураҳмонбекро ишора менамояд.

А. Ҳабибов дар ин рисолаи худ дар бораи шоироне, ба мисли Хазонӣ (Мирзо Сафармуҳаммад), Насимӣ (Мирзо Абусаид Мирзо Юсуфзода), Ҳаҷрӣ (Азизбек), Ранҷа (Сафо Ошурзода), Бухорӣ (Муҳиддиншоҳи Туқсоба валади Музаффариддиншоҳи Қаротегинӣ), Шайх Абдулҳай, Обиддин (Обиддин Муҳаммадзодаи Қаротегинӣ) ва дигарон дар ҳудуди аз як то чор саҳифа ба ҳар кадоми онҳо маълумоти мухтасар овардааст. Аз рӯи ин маълумот шуаро девону осори мукаммал доштанд, ки қисмате аз онҳо бозёфту ошкор гардида, дар фонди дастхатҳои бойгонии шахсии ворисину мухлисон нигоҳдорӣ мешаванд. Аз ҷумлаи ин шоирон Ҳаҷрӣ Азизбек, Муҳиддини Бухорӣ, Ғабро, Сафо Ашурзода, Абдураҳими Ғармӣ ва Абдулҳайи Муҷихарфиро ном бурдан

мумкин аст, ки девони ашъори эшон мавриди мутолиаи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Дар ин миён соли 2003 асари мукаммали Абдулҳайи Муҷихарфӣ «Муфизу-л-анвор ва девони ашъор» бо сифати бисёр баланди китобсозӣ ба чоп расонида шуд.

Муаллиф доираи адабии Қаротегинро бо ишора ба нахустафроди маъруфи адабии он Маҳдии Қаротегинӣ бо тахаллуси «Шоҳидӣ» (асри XVI) ва Ҷомӣ ибни Камолиддини Қаротегинӣ маъруф ба «Мавлавӣ Ҷомии Сонӣ» (асри XVIII) ёд намуда, микдоре аз осори онҳоро аз рӯи тахмину гумон ба рӯи саҳифаҳои тадқиқотии худ ҷой додааст. Хушбахтона, дере нагузашта дар баробари чопи китоби «Муфизу-л-анвор ва девони ашъор» китоби «Гулшани тавҳид»-и Мавлавӣ Шоҳидии Раштӣ дар як ҷилд аз чоп баромад. Ду сол баъд аз ин, аниқтараш соли 2005 китоби «Осори мунтахаб»-и Мавлоно Ҷомии Сонии Қаротегинӣ низ дар таҳия, тарҷума ва таълифи муқаддимаву луғоти Саидраҳмон Сулаймонӣ дар як ҷилд ба хатти кириллӣ ба чоп расид. Дар пайравӣ ба ин иқдомоти наҷиб соли 2008 чоп шудани асари ирфонию ахлоқии «Муфиду-л-муъминин»-и Шайх Абдулҳайи Муҷихарфӣ аз воқеаи фараҳбахши фарҳангии ин минтақа дониста мешавад.

Таҳқиқот ва мушоҳидаҳои дастрас таърихи доираи адабии Қаротегинро аз асри XVI бо таълифоти бозмондаи Мавлавӣ Шоҳидии Раштӣ муайян менамоянд. Исми адибе чун Мавлавӣ Қосимӣ низ ёд мешавад, ки қабл аз Шоҳидии Раштӣ дар ин водӣ умр ба сар бурдааст. Вале аз Қосимӣ ва монанди ӯ чандин адиби дигар ба ҷуз оромгоҳу мазорҳои ба исми хоҷагону машоихи муътабару номдор, осоре боқӣ намондаасту дар маҳфили оммавии адибони ин замона то кунун муаррифӣ нашудаанд. Дар байни ин адибон, ки аксаран дар асрҳои XVIII ва XIX умр ба сар бурдаанд, қисмате ҳам дар дарбори бекигарии водӣ хизмат мекарданд. Шоирони ин водӣ низ дар ҳамгироӣ бо дигар афроди аҳли қалам дар эҷоди ғазал ба сабки бедилӣ рӯй овардаанд, ки

намунаи он дар осори намояндагони шуарои водии Ҳисор низ возеҳу равшан дида мешавад.

А. Ҳабибов эҷодиёти шоирони водии Қаротегинро ба гурӯҳи ашъори ишқии ирфонӣ ва восифони табиату иҷтимоӣ тақсим намуда, он ҷо мақоми Абдулҳайи Муҷихарфиро чунин ба қалам додааст: «Аз ин ҷиҳат, шоиронро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Гурӯҳи аввал бештар ба тавсифи ишқи илоҳӣ машғул буда, ба ҷараёни динию тасаввуфӣ майл доранд. Абдураҳими Кӯлобӣ, Қуллаи Дарвозӣ, Абдулҳайи Муҷихарфиро аз ҷумлаи ҳамин гуна шоирон шумоpидан мумкин аст» [217, С.59].

Ғайр аз ин, шоирони ин вилоятҳо (манзур Бухорои Шарқӣ) талаботи шеърӣ, дараҷаи дониш ва завқи хонандагони худро ба назар гирифта, кӯшиш кардаанд, ки мувофиқи фаҳми онҳо шеър гӯянд. Ҳатто баъзан шоироне, ки забони адабии тоҷикиро хеле хуб медонистанд, низ кӯшиш намудаанд, ба лаҳҷаҳои забони гуфтугӯии маҳалҳои худ шеър эҷод кунанд. Бо вуҷуди ин ҷустуҷӯ ва кофтуковҳои чандинсола натиҷаи хубе ба даст оварда, оинаи таърихи фарҳангу адаби ин минтақаро то андозае пурҷило намуд.

Муаллиф ба дурнамо ва олами беканори назму насри адабиёти форсу тоҷик боварии комил дошта, итминони азми худро дар муқаддимаи кораш чунин иброз доштааст:- «Аз сабаби парокандагии давлатҳои феодалии Осиёи Миёна ва набудани давлати мутамаркази тоҷикон, адабиёти он ба доираҳои хурд-хурди пароканда тақсим шуда буд. Аз ин ҷост, ки дар асри нуздаҳ ва ибтидои асри бист дар баробари доираҳои адабии шаҳрҳои бузурги марказӣ ҳамчун Бухоро, Самарқанд, Қуқанд, дар шаҳрҳои музофотӣ ва вилоятҳои нисбатан хурд, монанди Кеш (Шаҳрисабз), Хуҷанд, Уротеппа, Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз, Бадахшон ва ноҳияҳои дигар низ доираҳои адабии маҳаллӣ вуҷуд доштанд» [217, С.53]. Дар ин замина, доираи адабии Бухорои Шарқиро дар асри XIX ва ибтидои асри XX бо 26 шоири по ба арсаи

шеъру шоирӣ гузошта ва баъзан соҳибдевон қайд намуда, исми бисту панҷ нафари онҳоро ба монанди Гулханӣ, Ғармӣ (Абдураҳим), Хазонӣ (Мирзо Сафармуҳаммад), Ҳаҷрӣ (Азизбек), Ғабро, Бухорӣ (Муҳидин), Обиддини Муҳаммадзода, Зайниддин Ранҷа (Сафо Ошурзода), Сайфуллоҳи писари Хазонӣ, Абӯсаиди Насимӣ, Хундил, Валеӣ, Раҳмат, Саид, Насриддин, Нуриддин, Рафиқӣ, Малеҳо, Самео, Саид Аҳмад Абдураззоқ, Абдуваҳҳоб, Абдулҳай, Мулло Давлат, Додӣ (Халифа Худойдод) ёдовар мешавад. Аз девони Ҳаҷрӣ (Ҳаҷрӣ Мирзо Азизбек) мисол оварда, шоире дигар бо номи Мир Абдураҳмонбекро зикр менамояд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили маъхазу таҳқиқоти илмие, ки ба таърихи фарҳанги водии Рашт тааллуқ доранд, хулоса, зерин баровардан мумкин аст:

- Фарҳанги мардумӣ дар шакли урфу одат, анъана ва маданияти онтологӣ яке аз самтҳои асосии таърихнигориро ташкил медиҳад ва дар доираи ин самт дастовардҳои маънавии миллӣ аз охири асри XIX олимон ва тадқиқотчиёни русро ба худ ҷалб намуданд. Муайян гардид, ки олимон, тадқиқотчиён ва ҳарбиёни рус оид ба минтақаи Рашт маълумот ҷамъоварӣ карданд, ки он барои омӯзиши минтақаи Қаротегин аҳаммияти илмӣ доранд;
- олимон муҳимтарин маълумотро бевосита аз эҷодиёти мардум дастрас мекарданд, ки ба инҳо ривояту афсонаҳо, маданияти либос ва дигар унсурҳои фарҳангӣ дохил мешуданд. Таҳқиқот нишон дод, ки сайёҳон ва олимон дар асоси маводҳои саҳроӣ ҳақиқати объективии зиндагӣ ва инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаро дар доираи тарзи хоҷагидории маҳаллӣ ба тасвиб расонидаанд;
- агар дар доираи омӯзиши фарҳанг олимони рус бештар ба аломатҳои нақшу нигор, гулдузӣ, коркарди асбобҳои ороишӣ ва дигар элементҳои зебопарастӣ диққат медоданд, муаллифони маҳаллии давраи Шуравӣ ва муосир ба фарҳанги адабии минтақа

ва ашъори шоирони он бештар мурочиат мекарданд ва дар маҷмуъ омӯзиши ҳамаи ин унсурҳо аз фарҳанги хосси мардуми куҳанбунёди Қаротегин шаҳодат медиҳад.

# БОБИ 3. ТАЪРИХНИГОРИИ ВОДИИ ҚАРОТЕГИН ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ ВА ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## 3.1. Инъикоси вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии вилояти Ғарм дар солҳои 20-80-уми асри XX

Аввалин кӯшишҳо ҷиҳати омӯзиши масоили таърихии солҳои 20-30-юми асри XX ба марҳилаи сохтмони ҳокимияти Шуравӣ рост меояд, ки ин давраро дар таърихнигории Шуравӣ давраи баъди инқилобӣ ва ибтидои омӯзиши воқеан илмии таърихи халқи тоҷик меноманд. Солҳои 20-ум илми таърих методи назарияи материализмро ҳамчун методи асосии таҳқиқоти таърихӣ муайян намуд [129; 131, С.11-40].

Дар таърихнигории замони шуравӣ нисбати ҳаракатҳои инқилобӣ дар Бухоро ва умуман, Осиёи Миёна якчанд самти таҳқиқот рӯи кор омаданд, ки дар навбати худ онҳоро ба чунин бахшҳо ҷудо намудан мумкин аст:

- корҳои илмие, ки ҳаракатҳои инқилобии дорои характери сиёсиро инъикос карда, муаллифон ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои сиёсӣ, муқовиматҳои сиёсии қувваҳои гуногунро баррасӣ менамуданд;

-таҳқиқоте, ки ҳаракатҳои миллӣ ва миллатгароиро таҳлил менамуданд. Дар ин самт қисме аз олимон, аз ҷумла, таърихнигорони хориҷӣ нақши давлати Шуравиро дар сиёсати сохтмони ҷумҳуриҳои миллӣ роҳ ба сӯи шикасти миллатҳо дониста, мақсади давлатро аз таъсиси миллати шуравӣ медиданд. Дар маҷмуъ ин раванд дар таърихнигорӣ ҳамчун самти этносиёсӣ ҷой гирифт;

- корҳои илмие, ки тақсимоти маъмурӣ-ҳудудиро дар минтақа мавриди таҳлилу баррасӣ кардаанд;

- таҳқиқотҳое, ки ҳаракати босмачигарӣ ва рафти ҷанги гражданиро инъикос намудаанд.

12 августи соли 1920 Комитети Маркази Ҳизби Коммунистии Россия (б) ба тамоми коммунистони ҶСША Туркистон мактуб ирсол намуда, дар он сиёсати нави зиддимустамликавиро асоси пешрафти сохтмони иттиҳоди баробарии халқҳо эълон кард. Аммо интихоби чунин сиёсат барои авҷи ҳаракатҳои миллатгароии туркзабонон мусоидат кард. Дар таърихнигории Шуравӣ ин ҷумбишҳо дар доираи фаъолияти ҳаракатҳои реаксионии ҷадидизм, ҷавонбухориён, пантуркизм, панисломизм ва дигар равияҳо омӯхта шуданд. Албатта, мавқеи асосиро дар самти таҳлили характҳои сиёсии ин давра фаъолияти Ҳизби Коммунистии болшевикон ишғол менамояд, зеро он қувваи асосии созандаи давлати Шӯравӣ гардид. Бояд гуфт, ки дар инъикоси ин ҳаракатҳо на танҳо олимони соҳаи таърих, балки дигар илмҳои ҷомеашиносӣ фаъол буданд. Аз ҷумла, асарҳои Богоутдинов А.М. «Избранные произведения», «Очерки по истории таджикской философии» «Из истории общественно-политической мысли таджикского народа», китоби С. Улугзаде «Аҳмади Дониш», китоби И.С.  Брагинский «Очерки из истории таджикской литературы» ва дигаронро ном бурдан мумкин аст.

Масъалаи инъикоси раванди сохтмони давлати нави Шуравӣ дар Осиёи Миёна, хусусан, Бухорои Шарқӣ бештар аз ҷиҳати сиёсӣ тақсим карда шуд. Олимони Ғарб тамоми кӯшишҳои давлати Шӯравиро дар самти таъсиси ҷумҳуриятҳои миллӣ танҳо ваъдаҳо барои паст кардани шиддати ҳаракатҳои миллатгароӣ донистанд, Р. Пайпс ин масъаларо дар асари худ “The formation of Soviet Union, Communism and Nationalism” «мустамликадории нави мукаммал» номид. Назари таърихнигорони Ғарб ба ҳаракатҳои зиддишуравӣ комилан дигар буд, онҳо муборизаи босмачиёнро бар зидди аскарони сурх  ҳамчун ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ инъикос мекарданд.

Воқеаҳои сиёсӣ дар Бухоро пас аз сарнагун шудани ҳукумати подшоҳӣ дар Россия, ки моҳи феврали соли 1917 дар натиҷаи инқилоби буржуазӣ ба амал омада буд, оғоз гардид. Эътирозҳо дар шаҳрҳои

калони Осиёи Миёна сар зада, зина ба зина ба минтақаҳои дурдаст рафта мерасид. Мардум дар интизори дигаргуниҳои нави сиёсӣ буданд. Моҳи ноябри соли 1917 баъди чор рӯзи ҷанг ҳокимият дар Тошкент ба дасти тарафдорони Ҳокимияти Шуравӣ гузашт ва хеле зуд дар аксари вилоятҳои Туркистон паҳн гардид. Тавассути коргарони маҳаллӣ, ки дар Тошкент кор мекарданд, дар минтақаи Рашт низ аломатҳои эътирози мардум дар шакли пинҳонӣ ба мушоҳида мерасид.

Таърихнигорон қайд менамоянд, ки дар солҳои охири бекигарии Қаротегин 25 ҳазор хоҷагӣ вуҷуд дошт. Аз ин 17,142 хоҷагии деҳқонон буданд, ки ба давлат хироҷ ва закот медоданд; 6-ҳазор хоҷагии "танҳо" буд, ки ба мансабдорон хироҷ медоданд 458 адади дигараш ба феодалони калони руҳонӣ тааллуқ доштанд. 900 хоҷагӣ ба навкарони деҳотӣ ва 500-хоҷагии дигараш ба заминдорони миёна вобаста буданд. Ба ғайр аз ин, 50-хоҷагии дигар вуҷуд дошт, ки ба мансабдорони бевоситаи амир тобеъ буданд. Шоҳидон хабар медиҳанд, ки шумораи аҳолӣ аз 100-ҳазор зиёдтар буд [150, С.29].

Муҳаққиқони он давра ишора менамоянд, ки дар арафаи таъсисёбии давлати Шуравӣ дар тамоми водии Қаротегин ҳамагӣ 3 миллион пуд ғалла истеҳсол карда мешуд. Ҳосили бадастомада, махсусан, гандум ба Фарғона ва Самарқанд фурӯхта мешуд. Ҳамасола амир аз Қаротегин зиёда аз 100-ҳазор пуд ғалла, 60-ҳазор сар чорво, 30-ҳазор пӯсти ҳайвонот ва ғайра мегирифт. Соли 1920, вақте ки амир аз Бухоро мегурезад, фармон медиҳад, ки аҳолӣ тамоман ғорат карда шавад. Тирамоҳи соли 1920 амир аз беки Қаротегин талаб кард, ки ба ӯ 800-асп ва дастаи ҷангӣ фиристонад. Ҳамаи зулму қашоқии аҳолии водии Қаротегин то барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ давом мекард.

Дар байни водиҳои кӯҳии Тоҷикистон Қаротегин аз ҷиҳати истеҳсоли ғалла худро таъмин мекард ва ба бекигариҳои ҳамсоя ғалла мефурӯхт [150, С.60]. Аз рӯи маълумотҳои Маҷлисов дар Қаротегин 218,436 гектар замин вуҷуд дошт. 36 ҳазор ман замин дар ихтиёрдории

бек буда, аз тарафи бек тухфа мешуданд, ё ин ки онҳоро мефурӯхт. Ҳар кас метавонист аз ин заминҳо иҷора гирифт. Заминҳои вақф бошанд, ҳамагӣ 1500 манро ташкил мекарданд [150, С.60].

Аз рӯи маълумоти муҳаққиқони тоинқилобӣ ва дигар маъхазҳо ва хулосаҳои олимони давраи Шуравӣ профессор Ҳ. Пирумшоев чунин шаклҳои заминҳоро нишон медиҳад: 1. Замини шоҳӣ ё замини мирӣ. 2. Замини вақф; 3. Мулк ё мулки меросӣ; 4. Замини омма. Заминҳои умумӣ, обшинавӣ [186, С.122].

Таҳлили таърихи сохтори маъмурии Рашт (Қаротегин) монанди тамоми ҷузъиёти маъмурии ҷумҳурӣ ба давраи Шуравӣ рост меояд. Мувофиқи таҳлилҳои таърихнигорон бо қарори махсуси Ҷумҳурии Шуравии Халқии Бухоро (1920-1924) вилояти Ғарм аз ҳафт туман - Ғарм, Ҷиргатол, Оби Гарм, Тавилдара, Қалъаи Ҳоит, Дарвоз, Қалъаи Лаби Об иборат буд. Баъди таъсисёбии Ҷумҳурии автономии Тоҷикистон аз соли 1924 то соли 1927 вилояти Ғарм ба ҳайати он дохил гардид. Аз соли 1929 вилояти Ғарм мақоми минтақа ва аз соли 1939 вилояти Ғарм ном гирифт.

Доир ба таъсисёбии вилояти Ғарм ва инкишофи минбаъдаи он таҳқиқоти муфассали илмии Ғ. Наврӯзов аҳаммияти хосса дорад. Дар ин рисола тақсимоти ҳудудии вилояти Ғарм ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, Ғ. Наврӯзов қайд мекунад, ки соли 1924 ҳудуди вилояти Ғарм 25 675 кв. верстро (1 верст – 1,6 км) ташкил мекард [231,- с.80-100]. Ғ. Наврӯзов ба бойгонии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (Ф. 122. – Оп. 1. – Д. 257. – Л. 39.) такя намуда, менависад, ки 2 январи соли 1922 «Комиссияи диктаторӣ оид ба корҳои Бухорои Шарқӣ» ва 10 июни соли 1923 Комитети инқилобӣ таъсис ёфтанд ва дар фарқият аз дигар минтақаҳо муаллифон ва таърихнигорон дар Бухорои Шарқӣ дар комитетҳои инқилобӣ ҳарбиён зиёд буданд, зеро дар ин минтақа, бахусус дар Қаротегин аз тамоми қисматҳои ғарбии Туркистон босмачиҳо ҷамъ омаданд.

Муҳаққиқон Кошелев, Василев, Ҳ. Пирумшоев, Н.Б. Ҳотамов, Р.М. Маҷлисов, Ғ. Наврӯзов ва дигар муаллифон тақсимоти маъмурии вилоятҳои Бухорои Шарқиро ба 4 вилоят шарҳ додаанд: Душанбе, Сари Осиё, Қурғонтеппа, Кӯлоб ва Ғарм. Дар вилояти Ғарм амлокҳоро бо туман ва миразорҳоро бо кент иваз карданд.

Ҳамин тавр, мувофиқи маълумоти Кошелев, Василев, Ҳ. Пирумшоев, Н.Б., Ҳотамов, Р.М. Маҷлисов, Ғ. Наврӯзов ва дигар муҳаққиқон ба туманҳои Ғарм, Ҷирғатол, Оби Гарм, Тавилдара, Қалъаи Ҳоит, Дарвоз ва Қалъаи Лаби Об тақсим кардани вилояти Ғармро тасдиқ мекунанд.

Доир ба ин масъала таҳқиқоти Ш. Исмоилов низ қобили қайд аст, ки муаллиф дар бораи интихоботҳои органҳои маҳаллӣ дар Ғарм навишта, изҳор медорад, ки моҳи январи соли 1924 раиси комиҷроияи ноҳия Нусратулло Махсум ва намояндаи комитети инқилобӣ Ефименко ба интихоботи Ғарм баҳои мусбӣ доданд [132, С.82].

Ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва ҳуҷҷати №17 Анҷумани муассисони ҶАШС Тоҷикистон такя карда, муаллиф дар рисола фаъолияти ҳукумати махаллиро дар самти муолиҷаи беморони вараҷа ва дигар бемориҳои сироятӣ суханронии Нусратулло Махсумро мисол миёрад[132, С.82].

Солҳои аввали Шуравӣ дар асарҳои муаллифон ва таърихнигорон, аз ҷумла Р.А. Абулхаев, Н.Б. Ҳотамов, Х.М. Мухаббатов [177, С.28], А. Ҳакназаров [218, С.107], Ҳ. Пирумшоев [186, С.267] ва дигар муаллифон оварда мешаванд. Бояд гуфт, ки аксарияти таҳқиқотҳо характери биографӣ дошта, ҳаёт ва фаъолияти Нусратулло Махсумро инъикос мекунанд.

Дар китоби Ҳ. Пирумшоев «Таърихи Дарвоз» минтақаи Ғарм то Ҷанги Бузурги Ватанӣ – даврае, ки Дарвоз дар ҳайати вилояти Ғарм буд, ёдрас мешавад. Аз нуқтаи назари маълумоти таърихӣ, бештари далел дар рисолаи Наврӯзов оварда шудааст. Муаллиф аз бойгониҳои Ҳизби коммунистии Тоҷикистон истифода карда, доир ба душвориҳои

вилоят фактҳои зиёдро меорад. «Солҳои 1922-1924 танҳо аз тумани Оби Гарм 714 сар моли калони шохдор, 1569 асп, 7795 бузу гӯсфанд duздида шуд. Дар тамоми Тоҷикистон бошад, дар соли 1919 ҳамагӣ 56 000 асп буда, дар соли 1925 танҳо 7 663 то боқӣ монд. Аз 15 000 гов – 5 000, аз 5 000 000 гӯсфанд 20 000, аз 2 500 000 буз – 300 000 боқӣ монд» [231, С.95]. Наврӯзов Ғ. дар таҳлили чорводорӣ раванди пастшавии саршумори онро дар давраи мазкур нишон медиҳад.

Профессор Ҳ. Пирумшоев қайд мекунанд, ки маҳз аз сабаби дурдаст будан аз марказҳои сиёсӣ ва роҳҳои стратегӣ минтақаи Қаротегин хеле кам омӯхта шуд [185, С.36]. Кам омӯхтани ин минтақа ба фикри мо барканор мондани он аз муқовиматҳои Англия ва Россия низ алоқаманд буд, зеро дар асрҳои XIX-XX диққати бештари таърихнигорон дар минтақаҳои кӯҳистони назди Помир бештар ба ин масъала банд буд. Аз ҳамин лиҳоз, таҳқиқотҳои олимони маҳаллӣ дар таърихнигории таърихи минтақа ҷои сазоворро ишғол мекунанд.

Мувофиқи маълумоти О. Маҷлисов, Ғ. Наврӯзов ва инчунин, китоби «Материалы по районированию Средней Азии», шумораи аҳолӣ ва хоҷагиҳои Ғарм дар соли 1924 чунин буд:

1.Ҷиргатол - 9570 нафар, 2085 хоҷагӣ, 3889 км$^2$

2. Ҳоит - 21720 нафар, 3470 хоҷагӣ, 1699 км$^2$

3. Қалъаи Лаби-Об - 20910 нафар аҳолӣ, 3788 хоҷагӣ ва 1221 км кв

4. Ғарм - 41550 нафар аҳолӣ, 7108 хоҷагӣ ва 3121 км$^2$

5. Оби Гарм - 22765 нафар аҳолӣ, 3970 хоҷагӣ, 1681 км$^2$

Дар маҷмуъ аҳолии вилояти Ғарм дар соли 1924 116515 нафар, шумораи хоҷагиҳо - 20421 ва масоҳати вилоят 11611 км$^2$-ро ташкил медод [231, С.80-100]. Ин маълумотҳо характери тахминӣ доштанд, зеро дар он давра муҳоҷирати аҳолӣ зиёд дида мешуд.

О.Р. Маҷлисов дар давоми таҳқиқоти худ бо собиқ котиби бек – Сафаров вохӯрда, соли 1949 аз вай ҳуҷҷатҳои хироҷро барои таҳқиқот мегирад. Мувофиқи ин ҳуҷҷатҳо дар давраи охири бекигарӣ шумораи

хоҷагиҳо 25 000 будааст, шумораи аҳолӣ бошад, аз 100 ҳазор зиёд буд. Чуноне ки мушоҳида мешавад, байни ин маълумотҳо фарқият хеле кам дида мешавад.

Ғ. Наврӯзов дар рисолаи худ қаламравӣ собиқ вилояти Ғармро баррасӣ карда, чунин мефармояд: «Дар шарқ ин вилоят дар водии миёнаи самти дарёи Сурхоб (Вахш) - шохоби калонтарини Амударё, аз Олой то водии Ҳисор дар дарозии 600 км. ва дар масоҳати 11 611 км. ҷойгир шуда, шохобҳои зиёди он қувваи асосии дарёҳои Осиёи Миёнаро ташкил медиҳанд» [231, С.7]. Ба маълумоти сайёҳ Муҳаммад Гулшанӣ такя карда, масоҳати Қаротегинро чунин ҳисоб мекунад: «Аз кӯҳи Боми Ҷаҳон то Оби Гарм 32 фарсах (224 км), паҳноӣ 10 фарсах (70 км), ҳамагӣ 15680 км-ро ташкил медиҳад». Аз рӯи маълумоти А. Кисляков, дарозии Қаротегин аз Шарқ то Ғарб 200 км, паҳногии он аз Шимол ба Ҷануб 50 км масоҳати умумӣ дошта, 10000 км$^2$-ро ташкил медиҳад [139, С.40]. А.К. Маҷлисов масоҳати минтақаро 10456, 6 км$^2$ ҳисоб мекунад [150, С.19]. Сарҳади шимолии Қаротегин ба қаторкӯҳҳои Зарафшон ва Олой мерасад ва аз он ҷо ба Дашти Будана ва дар ҷануб бошад, то Балҷувон давом мекунад. Дар қисми ғарбии минтақаи Қаротегин водии Ҳисор ҷойгир шудааст.

Бояд қайд намуд, ки омӯзиши таърихи минтақаи Қаротегин дар солҳои 1917-1940 бештар аз базаи илмии Тоҷикистон вобастагӣ дошт, ки дар ҳамин давра рӯ ба инкишоф ниҳод. Дар омӯзиши таърихи тоҷикон дар солҳои 20-уми асри XX хизмати Осорхонаи Осиё (баъдтар Институти Шарқшиносӣ) ва махсусан, профессор Ф.А. Розенберг, Бартолд назаррас аст. Профессор Розенберг солҳои 1918-1927 таърихи суғдиёни кадимро омӯхта, дар этногенези тоҷикон маълумоти нав ба даст овард ва мансубияти тоҷикон ва суғдиёни кадимро исбот намуд. Соли 1930 дар назди Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ Комиссия оид ба омӯзиши таърих, фарҳанг ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Чуноне ки Р.М. Масов қайд кардаанд, аввалин таҳқиқоти таърихӣ дар солҳои 30-юми асри XX бештар характери ахборотӣ ва публитсистӣ дошта, нақши таблиғотиро мебозиданд, зеро давлат дар ин давра нав аз вартаи ҷанги гражданӣ ва мубориза бо босмачигарӣ озод шуда, ба сохтмони ҳаёти осоишта қадам мегузошт. Дар чунин ҳолат мавзуи муборизаи каҳрамононаи мардум ва аскарони сурх бо босмачиён дар тамоми самтҳои илми таърих ва воситаҳои публисистӣ мавзуи мубрами ҷомеа маҳсуб мешуд [154].

Масъалаи асосии таърихнигории давраи солҳои Шуравиро оғози сохтмони давлати Шуравӣ ташкил медиҳад. Ин мавзуро олимони тоҷик Б. Ғафуров, Б. Искандаров, Р. Масов, А. Мухторов, Н. Ҳотамов ва дигарон пурра таҳлил кардаанд.

Хронологияи инқилоби Бухоро дар соли 1920 оғоз шуд. Тобистони соли 1920 фармондеҳи фронти Туркистон М.В. Фрунзе масъалаи забт кардани Бухороро ба миён гузошт.

Оид ба ғалабаи инқилоб дар Қаротегин зарурат аст, ки онро дар пайвастагӣ ба воқеаҳои Бухоро ёдрас шуд. Шаби аз 31 август ба 1 сентябр тамоми қисмҳои аскарони сурхро барои ҳуҷуми қатъӣ омода намуданд. 2 сентябр, соати 10-и пагоҳӣ Арки Бухоро аз тарафи аскарони сурх забт карда шуд. То охири сентябри соли 1920 дар тамоми сарзамини Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ) тартиботи амирӣ барҳам дода шуд ва ҳокимият ба ихтиёри кумитаҳои инқилобӣ гузашт. Намоз Ҳотамов қайд мекунад, ки «Бо гурехтан аз Бухорои Ғарбӣ, амир дар Бухорои Шарқӣ ҳукумати муваққатии худро ташкил дод ва дар атрофи амир дар қатори Иброҳимбек боз Олимбой, Давлатманбий, эшони Султон, Фузайл Махсум, Раҳмонкул Додхоҳ ва дигарон аллакай аз ҷумлаи симоҳои номии «ҳарбӣ» ҷамъ омаданд» [223, С.280].

Барои ғалабаи инқилоб дар Қаротегин омили асосӣ ин норозигии мардум аз зулми бекигарӣ гардид. Моҳи ноябри соли 1917 ҳаракати инқилобӣ Хуҷанд, Панҷакент ва водии Зарафшонро фаро гирифт. Дар баробари авҷи ҳаракати болшевикон, инчунин, қувваҳои

зидди онҳо низ ба фаъолият оғоз намуданд. Рӯзҳои 26-27 ноябри соли 1917 Анҷумани мусулмонони Қуқанд даъват шуда, мухторияти Қукандро эълон намуд, ки онро англисҳо дастгирӣ мекарданд. Ҳамчунин, сиёсати ин ҳаракатро гурӯҳҳои зидди болшевикӣ, ба монанди гурӯҳи Турон, Иттиҳоди тараққӣ ва дигар равияҳо бо мақсади ташкил намудани Ҷумҳурии Туркистон ба Туркия муроҷиат намуданд. Чунин вазъияти номуайян то сарнагуншавии амири Бухоро - 2 сентябри соли 1920 идома ёфт. 5 сентябри соли 1920 Ҳукумати навтаъсиси Бухоро бо дастгирии армияи сурх отряди махсусро барои барпокунии ҳокимияти Шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ ташкил намуд, ки онро «Отряди экспидитсионии Ҳисор» номиданд ва роҳбарии онро ба Марсов вогузор карданд. Отряд моҳи декабри соли 1920 ба тарафи Бухорои Шарқӣ равона шуд ва танҳо моҳи феврали соли 1921 ба Файзобод расид. Дар ин минтақа бар зидди онҳо дастаҳои Фузайл Махсум, беки Дарвоз Эшони Султон, дастаи Кури Шермат меистоданд. 2 марти соли 2021 отряд бо дастгирии аҳолии маҳаллӣ ба Муҷихарв ворид шуд [231, С.54]. Бояд гуфт, ки барои дастаҳои босмачиён роҳи Ҷиргатол–Олой хеле мусоидат кард, зеро онҳо ба осонӣ метавонистанд ба Олой рафта, дар он ҷо пинҳон гарданд.

Оид ба сафари ин отряд муаллифони китоби «Таърихи халқи тоҷик» менависанд, ки 9 ноябри соли 1920 Турккомиссия барои озод намудани Бухорои Шарқӣ Шурои ҳарбии инқилобии фронти Туркистонро вазифадор намуд, ки аз ҳисоби қисмҳои аскарони сурх «Отряди ҳарбии эъзомии Ҳисор»-ро ташкил диҳанд. Вазифаи асосии отряд аз он иборат буд, ки он бояд бо амалиёти ҷангӣ дар сарзамини Бухорои Шарқӣ тартиботи амириро тамоман барҳам дода, дар ин ҷо низ Ҳокимияти Шуравиро барқарор намояд. Бо сабаби мураккабии вазъи иқтисодии давлати Шуравӣ, таъминоти иқтисодии ин эъзомияро ба уҳдаи Ҷумҳурии Бухоро гузоштанд. Амир Олимхон 20 феврал баробари шунидани хабари мағлубияти назди Ҳисор бо наздикони худ

гурехт. 21 феврал бригадаи якуми савора бо сарварии Я.А. Мелкумов Душанберо бе муқобилият ба даст даровард.

Аз Файзобод қисмҳои аскарони сурх боз ба ду самт: самти Қаротегин ва самти Кӯлоб тақсим шуданд. Қисмҳое, ки бояд ба сӯи Кӯлоб ҳаракат мекарданд, дар назди Пули Сангин камин гирифта, ҳар лаҳза ба ҳуҷум гузашта, интизори аз нав барқарор намудани кӯпрук буданд. Қисмҳое, ки ба самти Қаротегин ҳаракат мекарданд, 13 март ба роҳ баромаданд. Онҳо дар роҳи Файзобод - Оби Гарм муқобилияти отряди Нурулло Туқсабойро бартараф намуда, 16 март Оби Гармро забт намуданд.

18 марти соли 1921 қисмҳои аскарони сурх, баъди каме истироҳат аз Оби Гарм ба сӯи Ғарм ҳаракат карданд. Роҳ хело сербарф ва бо дараҳои танги кӯҳӣ мегузашт. Аскарони сурх бо чунин душвориҳо то ба деҳаи Муҷихарф, ки каме дуртар аз Ғарм воқеъ аст, омада расиданд. Дар наздикии Ғарм муҳорибаи сахттарин ба амал омад, ки дар он ҷо ба муқобили қисмҳои аскарони сурх отряди Кӯри Шермат ва қӯрбошиҳои ӯ Нурматмингбошӣ, Аскарполвон ва қӯшунҳои Фузайл Махсум меҷангиданд. Ин муҳориба низ ба фоидаи аскарони сурх анҷом ёфт. Кӯри Шермат бо дастаҳои боқимондаи худ ба сӯи водии Олой гурехта, аз он ҷо боз ба Фарғона гузашт. Аскарони сурх 23 март бе муқобилияти ҷиддӣ дохили Ғарм шуданд. Онҳо дар Ғарм кумитаи инқилобиро бо сарварии Умаров ташкил доданд. Сарвари комиссияи озуқа Нусратулло Махсум таъин гардид. Охири моҳи март маркази бекигарии Дарвоз - Қалъаи Хумб ҳам аз тарафи аскарони сурх ишғол гардид. Дар ин ҷо ҳам кумитаи инқилобӣ ташкил ёфт. То 9 апрели ҳамон сол қисмҳои аскарони сурх бо сардории Я.А. Мелкумов тамоми сарзамини бекигариҳои Қаротегин ва Дарвозро ба даст даровcovarданд [231, С.57]. Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро аз ҷиҳати маъмурӣ ба 4 округ, округҳои: Зарафшон, Бухорои Шарқӣ, Қашқадарё ва Амударё тақсим гардид.

Дар ин масир таҳлилҳои Муҳтарам Ҳотам ва М. Амирбеков боиси ёдоварӣ мебошад. Онҳо менависанд, ки таърихи навини Ғарм ба солҳои барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ рост меояд. Соли 1923 дар маркази шаҳраки Ғарм Кумитаи инқилобии Ғарм ба фаъолият шуруъ намуд. 10 марти соли 1931 ноҳияи Ғарм таъсис ёфт. Ноҳияи Ғарм дар ҳайати вилояти Ғарм буд. Ба ҳудуди ин вилоят ноҳияҳои Ғарм, Шулмак, Қалъаи Хумб, Ванҷ, Сангвор, Тавилдара, Комсомолобод, Обигарм, Ҳоит, Қалъаи Лаби Об ва Ҷиргатол дохил мешуданд. Аввалин роҳбар ва ё ба истилоҳи ҳамонвақта «Оқсақоли тоҷикон» - Нусратулло Махсум ҷиҳати таъсиси давлати тоҷикон, ҳамчунин, барои ба марзҳои Тоҷикистон ҳамроҳ кардани баъзе ноҳияҳои берун аз он монда хизматҳои бузург ва сарсупурдагӣ карда буд [88, С.348].

Доир ба барпо кардани ҳокимияти Шуравӣ дар Ғарм, инчунин, маълумоти Муҳиддинов боиси таҳлил мебошад, ки фактҳои зиёди таърихиро овардааст. Аз ҷумла, муаллиф рафти ҷангҳои отряди сурх ва босмачиёнро дар солҳои 20-уми асри XX нишон дода, менависад, ки баъди ишғол кардани Ғарм аз тарафи бригадаи якуми савора босмачиёни атрофи Қаротегин қувваҳояшонро гирди Ғарм ҷамъ намуданд, ки ба онҳо Фузайл Махсум бо дастаи 800-нафара, Эшони Султон бо 700 савора, писари беки Мастчоҳ Абдулҳофиз бо 2,5 ҳазор марди ҷангӣ дохил гардиданд.[164,-с.50] Аммо нақшаҳои босмачиён амалӣ нашуданд.

Муҳаққиқ Муҳтарам Ҳотам дар мақолааш «Қаҳрамони Тоҷикистон Нусратулло Махсум» чунин овардааст: «Соли 1921 аскарони сурх ба Ғарм даромаданд. Низоми Ҳукумати Шуравӣ дар ин маҳал ҷорӣ гардид. Кумитаи инқилобии Ғарм ташкил ёфт, ки Нусратулло Махсум раиси он таъин шуд. Баъдан вай масъули комиссияи ҷамъоварии озуқа барои аскарони сурх низ интихоб шуд. Вай то соли 1923 дар вазифаи намояндаи Кумитаи хӯрокворӣ

Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро оид ба таъмини қисмҳои Артиши сурх дар Ғарм ва баъд дар Душанбе фаъолият намуд» [176, С.26-57].

Бояд гуфт, ки аксарияти олимон ин воқеаҳоро аз нигоҳи қаҳрамониҳои халқ инъикос мекарданд, ки ин равияи умумии таърихнигории он давра ва муосирро ташкил медиҳад. Дар китоби Ҳ. Идиев «Аз барои ёдгорӣ», ки соли 2013 нашр гардид, ин воқеаҳоро муаллиф чунин тасвир кардааст: «Моҳи марти соли 1921 Аскарони сурх ба Ғарм омаданд ва бо ёрии калтакдорони сурх ҳукмронии миронро барҳам дода, Ҳукумати советиро ташкил доданд. Вале аз сабаби тохтутози дастаи Иброҳимбек ба аскарони сурхи дар Ғарм буда лозим омад, ки дар моҳи сентябри соли 1921 бо амри боло ба сӯи Ҳисор ҳаракат кунанд. Аз ин фурсат истифода бурда, Фузайл Махсум дастае ташкил карда, дар Ғарм касони ба аскарони сурх ва Ҳукуматӣ советӣ ҳизматкардаро аз дами шамшер гузаронида, хост ҳукми ҳудро дар Ғарм ҷорӣ намояд.

Баъд аз саркӯб шудани дастаи Иброҳимбек дар Ҳисор дар моҳи июли соли 1923 аскарони сурх боз ба Ғарм омада, дастаи Фузайл - Махсумро торумор карданд. Фузайл Махсум бо як қисми сарбозони худ ба мушкилӣ ҷон ба саломат бурда, дар кӯҳу дара пинҳон гардид ва аз он ҷойҳо шабона баромада, халқро талаву тороҷ мекард. Дар ин муддат муборизаи аскарони сурх ва калтакдорони сурхи маҳаллӣ ба муқобили босмачиён давом дошт [121, С.76-77].

Вобаста ба инкишофи минбаъдаи вилояти Ғарм дар давраи тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар рисолаи Ғ. Наврӯзов далелҳое оварда шудаанд, ки ба фикри мо дар муайян кардани нақшаҳои ғаразноки пантуркистон равшанӣ меандозад. Муаллиф қайд мекунад, ки моҳи апрели соли 1929 ин қувваҳо ба ҳуҷуми Фузайл Махсум ба Ғарм мусоидат карданд. Ду моҳ қабл аз ин ягона гарнизони ҳарбӣ дар ин водӣ ба Душанбе кӯчонида шуд. Ин далелро дигар муаррихоне, ки ба таҳқиқи ин масъала машғул шуданд, тасдиқ мекунанд. Аз таҳқиқоти онҳо бармеояд, ки дастаи Фузайл Махсум соли 1929 аз ҳудуди

Афғонистон ба мавзеи Қалъаи Хумб ҳуҷум мекунад. Бе ягон мамоният ба маркази вилояти Ғарм ҳаракат намуда, босмачиҳо фаъолони Ҳукумати Шуравиро қатл менамоянд. Аммо ин дастаҳо бо ёрии отряди аз Хоруғ фиристонидашуда маҳв мегарданд.

Дар рисолаи Наврӯзов омадааст, ки ин отрядҳо тавассути ҳавопаймо ба Ғарм партофта шуданд ва маҳз онҳо дастаи Фузайл Махсумро шикаст доданд [231, С.80-100]. Дар ин ҷо гуфтан ҷоиз аст, ки отряди аскарони гарнизони Хоруғ, Ванҷ ва Қалъаи Хумбро озод карда, дар дохили Ғарм бошад, бо аэроплан сарбозон фиристонида шуданд.

Мутаассифона, дар раванди инъикоси мубориза бо дастаҳои босмачиён муаллифон сабабҳои ҳамроҳшавии қисме аз аҳолиро ба ҳайати ин дастаҳо таҳлил накардаанд. Агар мо ба шумораи умумии дастаҳо таваҷҷуҳ намоед, маълум мешавад, ки сарбозони қатории онҳоро бештар деҳқонон ва аҳолии муқимӣ ташкил медод ва сабаби иштироки онҳо номаълум мемонад. Намоз Ҳотамов ин равандро бо дин, яккаҳизбии болшевикон, ишғоли заминҳои деҳқонони миёна ва дигар хусусиятҳои сиёсати ҳокимияти нав вобаста мекунад [223, С.280]. Оид ба сабаби шикасти Фузайл Махсум Н.А. Кисляков чунин менависад «Қайд кардан лозим аст, ки Фузайл Махсум ҳеҷ наметавонист ин қадар босуръат ба сарзамини Шуравӣ ворид шавад, агар дастгирии ватанфурӯшон ва миллатчиёни буржуазӣ бо сардории Нусратулло Махсум намешуд». Аз ин маълум мешавад, ки душманон хизматҳои Нусратулло Махсум ва шарикони ӯро чандон нек назар намекарданд.

Дар ин масир баъзе муаллифон нақши Нусратулло Махсумро дар баргардонидани мардуми гумроҳшуда аз ҳаракати босмачигарӣ ёдрас мешаванд. Аз ҷумла, Нусратулло Махсум дар байни аскарони сурх ва дастаҳои зиддишуравӣ аксаран бо талаби ҷониби муқобил нақши миёнаравиро ба хотири нарехтани хуни одамони бегуноҳ ва донистани забони русӣ иҷро мекард. Аз ҷумла, дар вақти набардҳои

артиши сурх бо роҳбар Я. А. Мелкумов бо дастаҳои Эшони Султон дар Тавилдара нақши миёнаравиро иҷро кард. Нусратулло Махсум бо боқимонда тарафдорони Фузайл Махсум, ки мусаллаҳ буданд, шуҷоатмандона рӯ ба рӯ истода, гуфтушунид намуда, онҳоро ба таслимшавӣ моил мекард. Яке аз саркардаҳои дастаҳои Фузайл Саттор Понсад бо як гурӯҳи босмачиён таслим шуданд. Дар асоси хотираҳои корманди ҳизбӣ дар водии Қаротегин Г. Насибулин Саттор ба тарафдорони худ дар даромадгоҳи деҳаи Самсолиқ барои гуфтушунид бо шуравиҳо омада буд. Онҳо аз дур гурӯҳи кормандони сохти навро дида, Нусратулло Махсумро, ки бо либоси миллӣ буд, ба назди худ мехонанд. Одамони ҳар ду тараф ба яроқҳо барои парондани якдигар тайёрӣ медиданд. Як ҳаракати беҷо боиси сар задани задухӯрди калон мешуд. Бо вуҷуди ин, Нусратулло Махсум ба назди онҳо рафта гуфтушунид намуд. Гуфтушунид тул накашида, пас аз соате аз роҳи байни деҳа галаи саворахо поён фаромаданд. Яъне, хизматҳои Н. Махсум ва мардикорҳое, ки ҳамроҳаш дар муборизаҳо буданд, дар як вақт ҳам барои сулҳ ва ҳам барои нарехтани хуни мардуми бегуноҳ калон аст [176, С.17].

Корҳои илмии сокинони маҳалии Рашт, ба мисоли корҳои илмии Ғ. Наврӯзов ва А.М. Махсудов оид ба таърихи минтақа боиси зикр мебошанд, ки дар онҳо таърихи минтақаи Қаротегин дар замони тоинқилобӣ, давраи шуравӣ ва замони истиқлолият таҳлил гардидааст [230]. Дар ин рисолаҳо маълумоти бойгониҳо, адабиёти илмӣ ва маводи воситаҳои ахбори омма таҳқиқ шуданд. Ин таҳқиқотҳо аз ҷиҳати таассуроти идеологӣ фарқият доранд, зеро ҳодисаҳои таърихро аз ду ҷиҳат – таъсири идеологӣ (О. Маҷлисов) ва муҳити ғайриидеологӣ (Наврузов Ғ.) баён мекунанд. Фарқияти дувуми ин рисолаҳо дар таҳлили хронологӣ аст, зеро рисолаи Ғ. Наврӯзов аз замони забт кардани Қаротегин аз тарафи амири Бухоро оғоз мешавад ва то давраи солҳои 50-уми асри ХХ-ро дар бар мегирад. Дар рисола системаи топографии маҳал муфассал оварда мешавад. Маълумотҳои

олимони русро таҳлил карда, Наврӯзов дар рисоли худ менависад, ки тавассути Пакшиф аз Қаротегин ба Зарафшон ғалла мекашонданд. Дар ҷануби Қаротегин дар қаторкӯҳи Пётри I, дар соҳили чапи дарёи Сурхоб роҳ ба тарафи ағбаи Сарган то Дарвоз ҷойгир аст. Ба воситаи ағбаҳои Камчирак ва Яфуч роҳ ба тарафи Чилдара, Тавилдара, Сағирдашт, Дарвоз ва роҳи дигар тавассути ағбаҳои Гардани Кафтар ва Люли Ҳарф ба тарафи Хатлонзамин мерафт. Дар тарафи ғарбӣ, инчунин, роҳ ба суи Ҳисор ва Оби Гарм ҷойгир буд. Мувофиқи маълумоти Ғ. Наврӯзов аз ин ҷо то Бухоро мусофирон дар 35 рӯз мерасиданд. Дар тарафи шарқии минтақаи Рашт роҳ ба тарафи Турпӣ, Ҳоит ва Ҷиргатол равона мешуд [231, С.23].

Давраи аввали сохтмони Ҳокимияти Шуравӣ солҳои 1920–1930 ва шуҷоату меҳнатдӯстии муҳоҷирони Ғарм дар азхудкунии заминҳои води Вахш дар солҳои 30-юми асри XX қисми асосии мазмуни асари нависанда Алӣ Хушро ташкил медиҳад. Муаллиф дар жанри ҳикоят воқеаҳои реалии ин давраро тасвир мекунад. Қимати илмии ин асар дар он аст, ки муаллиф бевосита иштирокчии ин воқеаҳо буд.

Дар китоби А. Ҳакназаров - «Нусратулло Махсум – ходими сиёсӣ», ки соли 2011 нашр гардидааст, сарчашмаҳо ва адабиёти зиёд истифода гардидааст ва муаллиф тавонистааст дар асоси сарчашмаҳои истифодашуда нақши Нусратулло Махсумро дар таърихи миллати тоҷик ва давлатдории тоҷикон нишон диҳад. Аз ҷумла, муаллиф баромадҳои Нусратулло Махсумро ба тартиби хронологӣ аз соли 1924 то соли 1934 дар китоб гирд овардааст. Қимати илмии ин китоб дар он аст, ки муаллиф дар тартиб додани воқеаҳои таърихӣ бевосита маводи бойгонии он давраро ҳамчун сарчашмаи асосии таҳқиқот истифода мекунад. Дар баробари суханрониҳои Нусратулло Махсум муаллиф, инчунин, баромади Ш. Шоҳтемур, А. Ҳоҷибоев, А. Раҳимбоев, Ч. Имомов ва дигар ходимони сиёсии солҳои 20-30-юми асри XX-ро дар китоб истифода намудааст [218] .

Дар таърихнигории собиқ вилояти Ғарм мавзуи террори сиёсӣ ҷои намоёнро ишғол мекукнад, зеро яке аз қаҳрамонони Тоҷикистон Нусратулло Махсум, ки дар натиҷаи таъқиботи сиёсӣ ҳабс ва ҳамроҳи Қаҳрамони дигари Тоҷикистон Шириншо Шоҳтемур қатл карда шуд, маҳз аз ҳамин минтақа фаъолияти сиёсии худро оғоз карда буд.

Муҳиддинов Э. дар китоби худ хотираҳои кормандони ниҳодҳои давлатиро оварда, ин мавзуъро чунин баён мекунад: «Суханони Насибуллин Г.А.: «Ман соли 1923, рӯзи 27 июл ҳамчун коркуни сиёсӣ дар ҳайати полки 9-уми савора ба Ғарм даромадам. Аскарон босмачиёнро аз шаҳру деҳаҳо пеш карда, аз қафои онҳо мо кори сиёсӣ — оммафаҳмониро бо мардум сар мекардем. Дар вақти яке аз ҳамин корбариҳо бо Маҳмадсолеҳ ҳамгап шудем. Вай «Шаҳодатнома — Шиноснома»-и имзои Я.А. Мелкумов ва муҳри штаби бригадаи якум доштаро ба мо нишон дод, ки аз он ба Маҳмадсолеҳ аз тарафи касе, ки набошад, амри дахлнопазирӣ дошт. Маҳмадсолеҳ, — суханашро идома дод Г. А. Насибулин, —то солҳои сиюм бо мо ҳамкорӣ дошт. Вале вақте навбаташ расид, он шаҳодатнома ҳам кор надод. «Тройка» соли 1937 ӯро гирифт ва бедарак нобуд шуд. Дар бораи тақдири минбаъдаи алоқачии якум - Исроил Г.А. Насибулин чунин шоҳидӣ дод: «Ман шахсан ӯро надида будам. Вай ба бригадаи Я.А. Мелкумов аз кадом заводи пахтаи Қуқанд ҳамроҳ шуда, чун тарҷумон — роҳбалад омада будааст. Лекин медонам, ки як сол пеш аз омадани мо ӯро баъди аз Ғарм баромада рафтани аскарони сурх босмачиён аз деҳааш Ялдамич дастгир карда, бо азоб куштаанд» [164, С.51].

Дар доираи таҳлили таърихи давраи мазкури Рашт асарҳои илмӣ-публитсистии Назархоҷаи Наботӣ ва Мирзо Олимов бо номи «Қаротегин кишвари обу офтоб» (соли 2002) ва соли 2008 бо номи «Раштонзамин» ва китоби Амирбеков М. «Фарзандони Раштонзамин» муҳиманд [167, С.56]. Инчунин асари «Диёри ошноӣ ва рӯшноӣ» доир ба таърихи ноҳияи Лахш маълумоти кофиро барои омӯзиши таърихи

Лахш дар бар мегирад [166, С.24]. Инчунин, асарҳои М. Шодӣ «Боргоҳи маърифат» (Душанбе, 2018), Н. Наботов ва Б. Абдусатторов зери унвони «Тоҷикобод диёри файзбор» (2006), Б. Абдусатторов «Файзи Тоҷикобод», Мирзохоҷаи Пирзод ва Туйчӣ Мирзод зери унвони «Даргоҳи маърифат» қимати илмию амалиро доро мебошанд [78, С.32].

Дар самти таҳлили таърихнигории Рашт таҳқиқоти Маъруфи Хушзод низ ҷолиби диққат аст. Муаллиф таърихи деҳаи Ғаввосиён, топонимикаи он, мавқеи ҷуғрофӣ ва дигар маълумотҳои мухталифро ҷамъоварӣ намудааст. Ин китоб соли 2008 дар ҳаҷми 300 нусха аз чоп баромад. Сохтори китоб дар шакли биографӣ тартиб дода шуда, бештар ба жанри бадеӣ монандӣ дорад. Аммо воқеаҳои овардашуда аз ҳаёти худи нависанда гирифта шудааст. Аз ҷумла, муаллиф таърихи сукунати ин маконро ёдрас шуда, менависад, ки аввалин сокинони он аз Сари Хосор ба ин макон дар аввали асри XIX кӯчида омаданд, ки 18 оиларо ташкил мекарданд [159, С.18].

Қисмати муҳимми таърихии китоби Қ. Партоевро саҳифаҳои ҳаёт ва фаъолияти Нусратулло Махсум ташкил медиҳад. Ҳамчунин, муаллиф таърихи давраҳои асри XX ва бахусус, инкишофи хоҷагии қишлоқи минтақаи Рашт аз тарафи муаллиф дар асари «Машконак – деҳае дар Раштонзамин» таҳлил карда шудааст. Муаллиф дар ин асар ба таърихи ҷамоати Нусратулло Махсум аҳаммияти бештар медиҳад, ки он ҷамоатҳои Чашмаи Кизӣ, Шул, Қазнок, Ғаввосиён, Вардуч, Машконак, Качамандӣ, Қаролуқ, Қизроқ, ва Лойобаро дар бар мегирад. Муаллиф қайд мекунад, ки дар давраҳои қадим дар деҳаи Қазнок мардуми самарқандӣ, мастчоҳӣ ва панҷакентӣ зиндагӣ мекарданд.

Ба бойгониҳои Ҳизби коммунисти Тоҷикистон такя карда, муаллиф менависад, ки солҳои 1930-1940 дар таърихнигории Ғарм ҳамчун давраи коллективкунонӣ маълум мебошанд. Соли 1940

мувофиқи маълумоти Ғ. Наврӯзов дар вилояти Ғарм шумораи колхозҳо аз 10 (соли 1930) то 562 расид. Инчунин, дар вилоят 65 ТОЗ ва 490 селхозартел амал мекард [231, С.45]. Муаллиф фактҳо дар бораи заминҷунбии сахти соли 1939 маълумот медиҳад. Бино ба санади ӯ, 30 майи соли 1939 дар Ҳоит заминҷумбии сахт рух дод, ки дар натиҷаи он 45 колхоз зарар диданд. Аз ин шумора 17 колхоз пурра хароб гардиданд ва аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ ба зарардидагон кумаки моддӣ расонида шуд [231, С.90]. Муҳиддинов Э. доир ба таъсисёбии колхозҳо чунин фактҳоро менигорад: «Нахустин колхозҳо (хоҷагиҳои гурӯҳии муташаккил) дар вилоят соли 1930 ташкил ёфтанд. Инҳо колхозҳои «Гулистон» дар Қалъаи Сурх - 31 нафар аъзо, «Заҳматкашон» дар Навдӣ - 30 нафар, «Артелобод» дар Ҳазорчашма - 14 нафар, «Меҳнаткаш деҳқон» дар Яхақпаст - 20 нафар аъзо, «Қизилдеҳқон» дар Ҷиргатол - 15 нафар, «Қизил юлдуз» дар Лахш - 18 нафар, «Комсомолская» - Лангари шоҳ - 20 нафар, «Калинин» дар Қалъа - 9 нафар, «Меҳнат» дар Ярхич - 20 нафар, «Заря» дар Дарвоз (Кеврун) - 24 нафар. Соли 1946 бошад, танҳо дар ноҳияи Ғарм 74 колхоз буд, ки аз ин шумора дар ҷамоаи Навдӣ – 11 адад, дар Қалъанак 8 - адад, дар Ҷафр - 5 адад, Ҳиҷборак 11 адад, Навдонак - 6 адад ва Қазноқ - 10 адад буданд» [164, С.58].

Баъзе муаллифон, аз ҷумла Н.Б. Ҳотамов, Ҳ. Пирумшоев дуруст қайд мекунанд, ки беадолатии давраи развёрсткаи озуқа, ки дар натиҷаи он деҳқон як ҳиссаи ҳосилро ба ихтиёри худ ва боқимондаашро ба давлат месупорид, обрӯи Ҳокимияти шуравиро паст кард ва ба фоидаи босмачиён гардид [186, С.69].

Доир ба масъалаи фаъолияти колхозҳо ва тарафи мусбӣ ва манфии кори онҳо Муҳиддинов чунин рақамҳои муқоисавӣ овардааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошанд: «Соли 1946 колхозҳо 7254 сар гов (1200 сар модагов), 20337 сар гӯсфанд, 430 сар асп, 290 сар хар, 12 сар шутур доштанд. Ширҷӯшӣ аз ҳар сари модагов 280 литр, пашм аз гӯсфанд 1,2 кг. буд. Чорвои шахсӣ чунин миқдорро ташкил мекард: Говҳо — 7027

сар, бузу гӯсфанд — 16085 сар, асп — 316 сар, хар — 548 сар, шутур — 40 сар. Аммо мувофиқи маълумоти Бойгонии марказии давлатии Душанбе (ф. 1966, оп-1, д-74) саршумори моли майда дар соли 1933 - 87892 сар ва дар соли 1946 дар якҷоягӣ бо чорвоҳои шахсӣ 36422 сарро ташкил медод. Яъне, дар муддати 13 соли ташкили хоҷагиҳои коллективӣ 51470 сар бузу гӯсфанд аз байн рафтааст.

Ҳамин тавр, аз 3073 сар аспи соли 1932 дар соли 1946 аз колхозӣ то шахсӣ 746 сар боқӣ мондааст. Эҳтимол меравад, ки қисме аз ин навъи чорво дар давраи ҷанги 5-сола нест шудааст, аммо на ба ин ҳад. Ҳақиқат ин аст, ки мардум аз тарси давлатӣ-коллективӣ накардан чорвои шахсӣ ба ҳар роҳ онҳоро нест карданд [164, С.58]. Дар баробари адабиёти илмӣ ва илмӣ-публитсистӣ дар маводи бойгонӣ низ оид ба масъалаи мазкур маълумот оварда шудааст. Аз ҷумла, дар як ҳуҷҷати бойгонӣ омадааст, ки шумораи умумии тамоми намуди чорво соли 1937 10000 сарро ташкил дода, соли 1939 ба 42000 сар, соли 1940 ба 47000 сар расид [24, Л.12].

Аз рӯи таҳлили маводи бойгонӣ муайян мегардад, ки аз соли 1930 то соли 1935 дар вилояти Ғарм беморхонаҳо бунёд гардиданд, дар минтақаҳои Ҳоит, Ҷиргатол, Тавилдара ва Обигарм ба табобати беморон машғул мешуданд. Дар онҳо 12 духтурони касбӣ ва 31 нафар ҳамшафақон кор мекарданд. Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати аз сатҳи баҳр дар ҷойи баланд қарор будани минтақа, барои духтурони вилояти Ғарм маоши баландро таъмин мекард [23, Л.20].

Ҳамчунин, омӯзиши ҳуҷҷатҳои бойгонӣ собит менамоянд, ки дар самти маориф низ дар вилоят дар ин солҳо корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд. Дар охири соли таҳсили 1947-1948 дар вилоят ҳамагӣ 563 мактаб, аз онҳо: 496- ибтидоӣ – 62 мактаби миёна сохта шуданд. Дар вилоят дар ин солҳо 2 интернат дар Ғарм ва дар Ҷиргатол ташкил карда шуданд. Нақши асосиро дар омода кардани кадрҳои нав,

Омӯзишгоҳи педагогии Ғарм гузошт, ки дар соли таҳсили 1947-48 дар он 147 донишҷӯ таҳсил мекарданд.

Тибқи ҳисоботи Котиби вилоятии ҲК Ғарм, агар дар солҳои таҳсили 1939-1940 дар вилоят 22948 нафар таҳсил мекард, дар охири соли 1940 ин шумора ба 11129 нафар расид. Барои омодакунии кадрҳои маҳалӣ, аз ҷумла, занон соли 1940 дар ташкилотҳои ҳизбию хоҷагӣ аз 83 нафар 37 нафарашонро занон ташкил медод. Дар маркази вилояти Ғарм курсҳо бо мақсади омода намудани коргарони шуравӣ бо иштироки 720 нафар ташкил гардида будааст.

Соли 1932 дар ҷумҳурӣ Базаи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ таъсис шуда, фаъолияти экспидитсияҳои илмӣ дар самти омӯзиши таърихи Тоҷикистон оғоз гардид. Солҳои 40-уми асри XX олимони Тоҷикистон ба омӯзиши таърихи минтақаҳои алоҳида ва аз он ҷумла, Қаротегин шуруъ намуданд. Дар ин давра мақолаи Н.А. Кисляков – «К истории жителей долины верховьев Пянджа» ва соли 1947 китоби Б. Ғафуров оиди таърихи тоҷикон ба забони тоҷикӣ нашр гардид. Доир ба маъракаи муҳоҷират таҳқиқоти профессор Р. Абулхаев боиси қайд мебошад [82, С.78]. Муаллиф менависад, ки солҳои 1927-1951 марҳила ба марҳила аз вилояти Ғарм сокинон ба Қурғонтеппа муҳоҷир шуданд. Аз ҷумла, соли 1927-1928 - 1575 хоҷагӣ, соли 1928-1929 1096 хоҷагӣ муҳоҷир шуданд. Барои чунин минтақаи хурд ба мисли Қаротегин ин шумора хеле таъсирбахш буд.

Доир ба ин маъракаҳои муҳоҷиркунӣ Р.А. Абулҳаев, Ҳ. Пирумшоев ва дигар муаррихон бо он ақидаанд, ки ин раванд характери маҷбурӣ дошт.

Дар охир ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар таърихнигории муосир набояд хизматҳои фарзандони миллатро фаромӯш кард [186, С.267].

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки доир ба давраи аввали ҳокимияти Шуравӣ дар минтақаи Ғарм фикрҳои назариявии

муаллифонро таҳлил карда, аз омӯзиш ва баррасии онҳо чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки дар маводи матбуоти даврӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва таҳқиқоти олимон муқовимати ду тараф – давлати Шуравӣ ва тарафдорони ҳаракати зиддишуравӣ баён гардидааст. Муаллифон воқеаҳои реалиро тасвир карда, саҳми фарзандони далери ин минтақаро дар барпо кардани Ҳокимияти Шуравӣ дар асарҳояшон инъикос намудаанд.

Қисми муҳимми таҳқиқоти таърихнигоронро доир ба ҳамин давра асарҳо ва таҳқиқотҳои ба фаъолияти Нусратулло Махсум бахшидашуда ишғол мекунад, ки асари «Фидоии миллат» бахшида ба 120-солагии Нусратулло Махсум, ки таҳти роҳбарии Р.М. Масов нашр шуд, ҳуҷҷатҳои зиёди бойгониҳоро дар бар мегирад, ки давраи мазкури таърихи Ғармро инъикос мекунад. Дар асарҳои муаррихони замони Истиқлол баъзе аз хатоҳои таҳқиқотҳои гузашта ошкор гардид. Аз ҷумла, танқиди беасоси Н.А. Кисляков нисбати фаъолияти Нусратулло Махсум дар асоси фактҳои асоснок нодуруст бароварда шуд. Инчунин, муайян карда шуд, ки поси хотири қаҳрамонон пояи асосии таърихи минтақаро ташкил медиҳад ва дар ин масир таҳқиқоти пурраи ҳаёт ва фаъолияти Нусратулло Махсум ва дигар фарзандони Раштонзамин предмети асосии таҳқиқоти олимон ва нависандагони маҳаллиро ташкил медиҳад. Инъикоси вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии вилояти Ғармро дар асарҳои таърихӣ таҳлил намуда, қайд кардан ба маврид аст, ки дар замони давлатдории Шуравӣ симои ҷомеаи вилояти Ғарм ба куллӣ дигаргун гардид. Вилоят дар тамоми самтҳо рӯ ба инкишоф ниҳод ва ин дастовардҳо дар китобҳо ва таҳқиқотҳои олимони соҳаи таърих сабт гардиданд. Дар ин давра дар доираи илми таърих аз ҳисоби олимони рус дар Тоҷикистон базаи калони моддӣ ва маънавии таҳқиқотӣ дар самти илми таърих таъсис ёфт ва имкониятҳои нав барои пешрафти илми таърих таъмин карда шуд.

Таҷрибаи илми таърих нишон медиҳад, ки таҳқиқоти минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя умумияти методологиро

тақозо мекунад, зеро то Инқилоби Октябр сокинони минтаҳаҳои куҳистон дар зинаи ҷамъияти патреархалӣ қарор дошта, дар равобити доимии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва қавмию авлодӣ қарор дошта, ба як маданияти таърихӣ ва дар доираи як сарҳади этникӣ зиндагӣ мекунанд. Аз ҳамин лиҳоз, маълумотҳое, ки дар як минтақа дастрас мешаванд, ба ҳар кадоми ҳамин минтақаҳо мансубият доранд. Ба ин минтақаҳои Помиру Дарвоз, Қаротегину Зарафшон, Кӯлобу Балҷувон ва Ҳисору Кофарниҳон дохил мешаванд, ки таърихи умумии онҳо то ба имрӯз идома дорад [154].

Нақлиёт барои инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, мустаҳкам намудани алоқаи байни шаҳру қишлоқ, саноат ва хаҷагии қишлоқ марказҳои калони саноатӣ ва аҳолинишин шароитҳои муҳимтарини зарурииро фароҳам меоварад. Барои ҳамин аз рӯзҳои аввали барқарор шудани ҳокимият дар Тоҷикистон барои сохтмони роҳҳо ҳаммаи чораҳоро медид.

Солҳои 40-уми асри XX яке аз дастовардҳои мардуми Ғарм ва Помиру Дарвоз ин сохтмони роҳи Сталинобод-Хоруғ буд, ки бо меҳнати шуҷоаткоронаи мардуми Ғарм, Комсомолобод, Оби Гарм, Сағирдашт, Ҳоит, Дарвоз ва Помир сохта шуд. Аз ҳамин ҷиҳат таърихи сохтмони ин роҳ дар таърихнигории Тоҷикистон мавқеи муайян дорад. Дар асарҳои Ҳ. Пирумшоев, рисолаҳои Ю. Саидасанов ва Ғ. Наврӯзов мавзуи сохтмони роҳи Сталинобод-Хоруғ нисбат ба дигар таҳқиқотҳо бештар инъикос гардидааст. Инчунин, мавзуи мазкур дар осори бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти яке аз ходимони сиёсӣ ва давлатии Тоҷикистон Хуҷам Шодмонов дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ таҳлил гардидааст [186; 231].

Ғ. Наврӯзов қайд мекунад, ки дар участкаи Лабиҷари Тавилдара, ки дарозиаш 55 км$^2$-ро ташкил мекард, 3000 колхозчиёни вилояти Ғарм иштирок карданд. Аз панҷ ноҳия – Ғарм, Комсомолобод, Шулмак, Обигарм ва Тавилдара дар сохтмони роҳ 487 комсомолон сафарбар

гардиданд [231, С.89]. Маъхазҳои бойгонишуда низ муайян менамоянд, ки дар сохтмони роҳи Сталинобод - Хоруғ низ колхозчиёни вилояти Ғарм фаъолона ширкат варзида, аз маҳалли Лабиҷар то Тавилдара дар сохтмони роҳ саҳми худро гузоштанд [30, Л.40].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар сохтмони роҳи мазкур занҳо ҳам ташаббус нишон донадд. Масалан ду дугона Давлатбибӣ Сафарова ва Сайлон Нодирова, ки то давраи ба ҷӯшу хуруш даромадани сохтмони роҳи мазкур муаллима шуда кор мекарданд, ба ташкилоти ноҳиявии собиқ ноҳияи Шулмак ариза дода, хоҳиш мекунанд, ки онҳоро ба сохтмони роҳ фиристонанд. Ташкилоти районҳиявӣ таклифи онҳоро ба назар гирифта, ҳарду муаллимаҳои мазкурро ба сохтмони роҳ мефиристонанд. Онҳо дар ду бригадаи сохтмонӣ ҳамчун ташвиқотчӣ шуда, кор мекарданд ва дар байни сохтмончиён корҳои оммавию-сиёсиро пеш мебурданд [231].

Дар солҳои 40-уми асри XX воқеаи даҳшатноктарин ин оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд, ки 22 июни соли 1941 бо ҳуҷуми Германия ба хоки давлати Шуравӣ оғоз гардид. Таърихи ин ҷанг дар таърихнигории Тоҷикистон нақши босазо дорад, зеро корнамоиҳои халқи тоҷикро дар солҳои душвори давлат ва миллат инъикос мекунад. Хотираи ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, қаҳрамонии ҷанговарони шуравӣ ва корнамоии мардум дар ақибгоҳ дар садҳо китобҳои ба ин ҷанг бахшидашуда боқӣ мемонад. Тамоми рафти Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон дод, ки омили муҳимми ғалабаи халқи советӣ дар ин ҷанг корнамоии меҳнатии меҳнаткашони ақибгоҳ мебошад.

Рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, аз ҷумла, вилояти Ғарм дар солҳои ҷанг дар асарҳои Д. З. Протопалов ва Ҷ. Усмонов инъикоси хуро ёфтааст. Ба ин мавзуъ асарҳои «Тоҷикистони Шуравӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ», ки аз тарафи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш мураттаб гардидааст ва маҷмуаи «Ягонагии фронт ва ақибгоҳ», дар

ҳаммуаллифии Вишневский, Ҷалилов ва Ш.В. Руднитский таҳқиқ гардидаанд. Таҳлили фаъолияти Партияи Коммунистии Тоҷикистон ва заҳматҳои тоҷикистониён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар асари «Ҳизби коммунисти Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ», ки аз тарафи Ш. Султонов, Ш. Ҷалилов, А. Маҳкамов, В. Руднитский, Л. Сечкина [203, С.57; 205, С.297; 204] ва А. Шералиев навишта шудааст, инъикос гардидааст. Таҳлил ва омӯзиши адабиёти илмии ба мавзуи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшидашуда нишон медиҳад, ки муаллифон дар асарҳои худ хизмати ақибгоҳро дар таъмини ғалаба бар душман хеле барҷаста инъикос мекарданд.

Таърихи корномаҳои фарзандони Раштонзамин дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар асари Н. Ҳотамов "Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ" дар шакли таҳлили таърихӣ инъикос шудаанд. Ҳамзамон, Р.М. Масов оид ба таърихнигории ин масъала тахқиқот анҷом дода, масоили мубрами ин масъаларо дар асари "Таърихнигории давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ" овардааст. Яке аз таҳқиқотҳои таърихнигорӣ, ки тамоми корҳои олимонро доир ба ин давра таҳлилу баррасӣ намудааст, диссертатсияи К. Қараев мебошад. Муаллиф тавонистааст дар доираи таҳқиқоти рисолаи докторӣ маводҳои илмӣ, мақолаҳо ва китобҳоро доир ба ин давра мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Дар рисолаи Ғолибшоҳ Наврӯзов омадааст, ки дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамагӣ 2 ҳазор нафар фиристодагони вилояти Ғарм ширкат намуданд, ки аз онҳо 200 нафарашон аз ҳисоби сокинони Дарвоз буданд. Аз миёни онҳо Раҳматов Аҳмад ва Лоиқов Сайдумар аз деҳаи Шула бо ордени «Шараф» дараҷаи 1 ва 2, мукофотонида шуданд. Ҳамунин Такдиров Қаноатшо, Зиевиддинов Муҳиддин, Маҳмудов Абдуқаҳҳор аз деҳаи Шул, Шарифов Хабир, Абдулов Абдулҳақ, Сатторов Абдуллоҷон, Абдулло Қодиров аз ҷамоатҳои Қалъаи Сурх, Камаров, Шулмак ва дигар деҳаҳо бо орден ва медалҳо мукофотонида шуданд. Сокини деҳаи Лангарак Бурҳонов

Тоҷиддин бо унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ мукофотонида шуд.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқон шумораи умумии фиристодагони вилояти Ғарм дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ муайн нашудааст, зеро қисми зиёди онҳо аз дигар мавзеъҳои ҷумҳурӣ даъват шуда буданд. Дар баробари ин шумораи беному нишон гумшудагон низ хеле зиёд буд. Масалан, аз Дарвоз аз шумораи умумии 700 нафар танҳо 154 нафар, аз деҳаи Шула аз 200 нафар танҳо 12 нафар ба ватан зинда баргаштанд.

Маълумоти муҳим дар рисолаи Ғ. Наврӯзов оид ба рушди хоҷагии қишлоқ оварда шудааст. Ӯ қайд менамояд, ки дар давоми се соли ҷанг истеҳсоли ғалладона то ба 54,2 ҳазор тонна расид. Аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ҳаҷми киштзорҳо барои ғалла ба 35 000 га расида, шумораи умумии заминҳои обӣ ба 53 950 га баробар шуд. Муҳаққиқи мазкур дар кори илмии худ дар ҷадвали алоҳида дар шумораи умумии киштзорҳоро 103214 га нишон додааст [231, С.65].

Баъди давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳаққиқон ба инъикоси таърихи қадимаи тоҷикони кӯҳистон пардохтанд. Дар солҳои 1948-1949 экспедитсияи этнографии Кӯлоб ташкил карда шуд. Солҳои 1952-1957 аз тарафи олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва этнография тадқиқотҳои этнографии дар водии дарёи Сурхоб – ноҳияи Ғарм гузаронида шуд. Ин экспидитсияро Н.А. Кисляков ва А.К. Писарчик роҳбарӣ мекарданд. Дар натиҷаи ин тадқиқотҳо маводи муҳимми таърихӣ ва этнографӣ дар бораи сукунати аҳолии минтақаи Қаротегин, фарҳанги моддӣ ва маънавии онҳо, муносибатҳои ҷамъиятии онҳо то давраи инқилобӣ ва дигар маълумотҳои таърихӣ ва этнографӣ ҷамъоварӣ карда шуданд. Дар натиҷаи ин таҳқиқотҳо монгорафияи сеҷилдаи олимон бо роҳбарии Н. А. Кисляков бо номи «Таджики Каратегина и Дарваза» нашр карда шуд [139, С.40]. Ин китоб аҳаммияти муҳими илмӣ дошта, маълумоти дар он оварда шуда, характери байнифанниву комплексӣ дорад ва соҳаи таърих,

этнография, харитасозӣ, иқтисод ва лингвистикаи минтақаро дар бар мегирад. Қимати илмии асари мазкур дар замони муосир ҳар чи бештар баланд гардида, барои эҳё ва барқарор намудани фарҳанг ва анъанаҳои асили миллати тоҷик хизмат хоҳад кард.

Оид ба соҳаи чорводории вилоят дар маводи бойгонишуда низ маълумоти дақиқ мавҷуд мебошад. Масалан, тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар солҳои ҷанг соҳаи чорводории вилояти Ғарм низ зарбаи сахт хӯрда буд, зеро дар ин давра баъзе колхозчиёнро ба дигар колхозҳо гузарониданд. Дар асоси маводҳои бойгонӣ соли 1932 дар колхозҳо 3027 асп ва дар соли 1933 ба 87 892 гӯсфанд ва буз мавҷуд буд. Вале соли 1946 шумораи аспҳо ба 746 ва бузу гӯсфанд ба 36422 шумора фаромад [22, Л.16-17]. Дар миёнаи солҳои 50-ум дар вилояти Ғарм ҳамагӣ 19255 нафар ба корҳои колхозӣ машғул буданд. Аз онҳо 4340 нафар ба таври доимӣ ба чорводорӣ банд буданд. Дар дигар корҳо 725 нафар ва дар колхозҳо 14190 нафарашон машғул буданд [23, Л.7].

Идомаи таҳқиқоти минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистонро экспидитсияи водии Зарафшон ташкил дод, ки охири солҳои 50-ум дар ноҳияҳои Мастчоҳ, Айнӣ ва Панҷакент амалӣ карда шуд. Натиҷаҳои ин экспидитсия нишон доданд, ки байни минтақаҳои Қаротегин ва Зарафшон муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ қавмию авлодӣ арзи вуҷуд доранд ва ин бори дигар собит мекунад, ки онҳо минтақаи ягонаи таърихию этнографӣ доранд. Дар маҷмуъ дар солҳои 1950-2010 як қатор китобҳо доир ба таърих ва этнографияи мардумони минтақаҳои кӯҳистон нашр гардиданд.

Соли 1948 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва соли 1951 Институти таърих, археология ва этнографияи Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (аввалин директории он А.А. Семенов то соли 1958) таъсис ёфтанд, ки онҳо барои омӯзиши таърихи Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи Рашт, имкониятҳои навро фароҳам сохтанд [154, С.78].

Соли 1965 бо роҳбарии академик Б. Искандаров (директории Институти таърих, археология ва этнография солҳои 1962-1988) 3 ҷилди китоби «История таджикского народа» нашр гардид, ки он таърихи тоҷиконро аз замонҳои қадимтарин то давраи Шуравӣ дар бар гирифт. Дар ин асар оид ба таърихи минтақаи Қаротегин низ маводи зарурӣ оварда шудааст [154, С.89].

Давраи индустрикунонии мамлакат, сохтмони колхозӣ ва таъсиси корхонаҳои давлатӣ дар хоҷагии қишлоқ қисми муҳими таърихнигориро ташкил медиҳад. Дар ин самт корҳои муштараки олимони Тоҷикистон бо номи «Очерк истории колхозного строительства Таджикистана» (соли 1968) ва «Историю рабочего класса Таджикистана (1917-1970 гг.)», ки аз тарафи гурӯҳи муаллифон – К.П. Марсаков, Ю.А. Николаев, Р. Масов ва дигарон нашр карда шуд. Дар ин монографияи ду ҷилда раванди инкишофи иқтисоди ҷумҳурӣ ва ташаккули синфи коргари он таҳлил карда мешавад.

Солҳои 60-уми асри ХХ якчанд китоб оиди фарҳанги мардуми тоҷик аз тарафи З.Ш. Раҷабов, М.Р. Шукуров ва дигар олимони соҳаи таърих нашр шуданд. Нақши асосиро дар таърихнигории тоҷик китоби Б. Ғафуров «Тоҷикон» мебозад [112]. Муаллиф дар ин асари худ ба масъалаи пайдоиш ва маскунияти мардуми тоҷик дар илми таърих нуқта гузошт.

Солҳои 70-80-уми асри ХХ дар омӯзиши таърихнигории давраи асрҳои миёна пешравии калон ба даст омад, ки нақши асосиро дар он профессор А. Мухторов мебозид. Дар ин давра дар ҳудуди давлатҳои Эрон, Афғонистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна сарчашмаҳо ва маводи гуногун ҷамъоварӣ ва нашр карда шуданд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигаре, ки дар солҳои 20-80-уми асри ХХ дар минтақаи Ғарм рух дод, ин муҳоҷиркунонии мардуми ин минтақа ба водиҳо буд.

Дар таърихнигории тоҷик масълаи муҳоҷирати мардуми минтақаи Рашт дар замони шуравӣ дар таҳқиқоти як қатор муҳаққиқон, хусусан,

М. Ҳамроев [221, С.328], Р. Абдулҳаев [82, С.479], Ф. Абдурашидов [77], А. Ҳақназаров, (Хусайнов А., Мусоев А.) [222], Ҳ. Пирумшоев [186; 187. С.61-64], Ҳ. Шодон [226], Ғ. Наврӯзов [170] ва дигаррон баррасӣ шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки 26 октябри соли 1917 дар анҷумани дуюми умумиросиягии шуроҳо бо таклифи В.И. Ленин «Декрет оид ба замин» қабул гардид ва мувофиқи он ҳама гуна шакли заминдорӣ бекор карда шуд. Аммо ин масъала дар Тоҷикистон, хусусан, минтақаҳои ҷануби он, ки ҳокимияти Шуравӣ дар ин ҷо дертар ғалаба кард, каме тул кашид.

Муҳаққиқи тоҷик Рақиб Абдулҳаев дар асари худ «Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1924-2000)» қайд менамояд, ки «дар ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон соҳаи асосии иқтисодиёти ҷамъиятӣ соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб мерафт. Зеро сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳӣ аз он иборат буд, ки ин кишварро чун дигар кишварҳои Туркистон ҳамчун манбаи ашёи хом ва пеш аз ҳама соҳаи кишоварзӣ ба фоидаи хеш нигоҳ дорад. Соҳаи саноат бошад, дар ин ҷо ниҳоят суст пеш мерафт ва асосан баҳри коркарди аввалии маҳсулоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама пахта равона гардида буд. Ҳатто баъд аз Инқилоби Октябр ҳам сиёсати мустамликадорӣ дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, кишоварзӣ аз байн нарафт. Гарчанде дар як муддати кӯтоҳ деҳқонони безамину камзамин соҳиби як қисми муаяни замин шуда бошанд ҳам, дар солҳои сохтмони колхозӣ онҳо боз аз воситаҳои истеҳсолӣ бенасиб гардиданд» [82, С.17-18]. Дар Бухорои Шарқӣ заминҳои бекорхобида ниҳоят зиёд буданд. Обёрӣ ва ба заминҳои кишт табдил додани онҳо ба рушди иқтисодиёти Ҳокимияти Шуравӣ кумак мекард. Хусусан, ин заминҳо барои пахтакорӣ мусоид буданд. Аммо барои обёрӣ ва ба заминҳои кишт табдил додани онҳо қувваи корӣ лозим буд. Аз ин сабаб, Ҳокимияти Шуравӣ мақсад гузошт, ки фирориён-деҳқононеро, ки дар натиҷаи ҷангҳои байни

армияи сурх ва босмачиён фирорӣ шуда буданд ва хоҳиши ба ватан баргаштанро доштанд, дар заминҳои водии Вахш ҷой кунанд.

Муҳаққиқони тоҷик А. Ҳақназаров, А. Хусайнов, А. Мусоев дар асари якҷояи худ «Вахшская долина- жемчужина советского союза (1924-1991 гг.)» қайд менамоянд, ки солҳои 1927 муҳоҷиркунии аҳолии қишлоқҷойҳои кӯҳистон ба водиҳои фарох оғоз гардид. Дар соли 1927 - 2725, соли 1928 - 4572 ва соли 1929 - 7980 хоҷагӣ ба водиҳо муҳоҷир гардиданд. Соли 1925 - 1926 дар вилоятҳои Қурғонтеппа, Кӯлоб ва Ғарм 6875 хоҷагиҳои фирориёни дар Афғонистон буда, баргардонида шуданд» [222, С.72].

Муҳаққиқони дигари тоҷик Р. Абдулхаев, Н.Б. Хотамов, Х.М. Мухаббатов ин масъаларо тасдиқ карда, дар такя ба маърузаи Нусратулло Махсум менигоранд, ки «солҳои 1925 - 1926 дар вилояти Ғарм ва дигар минтақаҳо 40 ҳазор оилаҳои деҳқонон баргаштанд, ки аз ин шумора 25% деҳқонони баргашта, беҷойи зист ва ҳатто хӯрока буданд. Аз тарафи ҳукумат барои деҳқонон ба маблағи 1 миллиону 500 ҳазор рубл, барои хӯрока ва барқарории хоҷагӣ 300 ҳазор рубл, барои харидани маҳсулоти донагӣ 160 ҳазор рубл ёрдампӯлӣ дода шуд» [177, С.35]. Ғайр аз ин, ҷиҳати сохтмони иншоотҳои саноатӣ, обёрӣ, сохтмони неругоҳҳои обӣ-барқӣ ва ғайраҳо мардуми зиёде, ки дар куҳистонҳо зиндагӣ мекарданд, ба тариқи иҷборӣ ба водиҳо, ки дар он ҷо заминҳои бекорхобида зиёд буданд, муҳоҷир карда шуданд. А. Ҳақназаров, А. Ҳусайнов, А. Мӯсоев дар таҳқиқоти худ менигоранд, ки «дар вилоятҳои Ғарм ва Кӯлоб қариб 6-9% оилаҳо 30% заминҳоро ишғол менамуданд. Дар Ғарм бар сари деҳқон 0,2 десятин замин рост меомад. Дар баъзе қишлоқҳо ва вилоятҳои ҷумҳурӣ низ чунин нишондод аз ин ҳам бадтар буд» [222, С.149].

Дар асоси съезди 1-уми советҳои ИҶШС муҳоҷиркунии хоҷагиҳое, ки дар кӯҳҳо ҷойгир буданд, аз соли 1926 ба водиҳо амалӣ гашт. Аз ҷумла, солҳои 1925-1926 460 хоҷагии вилояти Ғарм водии

Вахши вилояти Қурғонтеппа муҳоҷир гардид. А. Ҳақназаров, А. Хусайнов А. Мусоев дар асари дастаҷамъии худ менависанд, ки «дар съезди 2-юми советҳо моҳи апрели соли 1929 қатъиян дарҷ гардид, ки дар мӯҳлати 5 –сол аҳолии қишлоқҳои кӯҳӣ ба водиҳо, махсусан, водии Вахш муҳоҷир карда шаванд [222, С.154].

Профессор Ҳ. Пирумшоев бо ишора ба ин масъала дар мақолаи худ «Бобоҷон Ғафуров ва ҳалли масъалаи муҳоҷирати дохилӣ» мефармояд, ки аз сабаби нодурурст ба роҳ мондани ин маърака ва мушкилиҳои дар ҷойҳои нав пеш омада, соли 1929 2 ҳазор хоҷагии ба Қурғонтеппа аз Ғарм муҳоҷир намуда, ҳазор хоҷагӣ ба ҷойҳои авлодии худ баргаштанд. Чунин мисолҳо аз дигар ноҳияҳо низ ба назар мерасиданд» [187, С.61-64]. Аммо бо сабаби пайдо шудани бемориҳои сироятӣ дар соли 1931 қисме аз онҳо фирор намуд.

Дар Анҷумани IV шуроҳои Тоҷикистон, ки моҳи феврали соли соли 1931-ум доир шуд, масъалаи муҳоҷират мавриди муҳокима қарор гирифта, паҳлуҳои мусбиву манфии ин масъала баррасӣ шуд. Тибқи маълумоти бойгонӣ Нусратулло Махсум дар баромади хеш изҳор менамояд, ки ҳукуматҳои маҳалливу ноҳиявӣ дар ҷобаҷогузории муҳоҷирон масъулияти ҳис намуда, инчунин, дар баробари аҳолии минтақаҳои кӯҳии Дарвозу Қаротегин сиёсати ҳукумат минбаъд ба васеъ кардани ҷуғрофиёи муҳоҷиркунӣ равона карда шавад» [27, В.41]. Дар ҳамин ҷаласа намояндаи округи Ғарм Холназар Хошмуҳаммадзода оид ба муҳоҷиркунии мардуми Ғарм ба водии Вахш изҳор менамояд, ки дар ин масъала ташкилотҳои болоиву маҳаллӣ беэътиноӣ зоҳир менамоянд [28, В.37].

Р. Абулҳаев дар асоси санадҳои бойгонӣ оид ба муҳоҷиркунии мардуми минтақаи Рашт чунин мефармояд: «Маъракаи муҳоҷиркунии деҳқонон ба заминҳои бекорхобидаву навкорам ба мисли пештара дар округи Ғарм нисбатан муташаккил мегузашт. Масъалаи мазкурро шахсан худи раиси КИМ Тоҷикистон Нусратулло Махсум назорат

мекард. Аввали моҳи марти соли 1931 аз ноҳияҳои Ғарму Ҳоит, Ҷиргатолу Тавилдараи округи Ғарм 500 хоҷагии деҳқонон ба водии Вахш муҳоҷир карда шуданд, ки ин 170% нақшаи ҷумҳурӣ ва 125% нақшаи округро ташкил медод. Аз байни ноҳияҳо аз ҳама бештар аз ноҳияи Ғарм, яъне 210 хоҷагӣ муҳоҷир карда шуда буданд» [27, В.67; 112]. Инчунин, ӯ ба масоили ирригатсионӣ-милеоративии водии Вахш, муҳоҷир кунонидани коммунистону комсомолон, теъдоди онҳо ва ғайраҳо таҳқиқоти муҳим анҷом додааст, ки қариб тамоми паҳлуҳои масоили муҳоҷирати дохилаи кишварро дар бар мегирад.

Муҳаққиқи дигари тоҷик Ш. Қурбонова дар хусуси сабабҳои муҳоҷирати мардум ба водии Вахш, теъдоди муҳоҷирон аз минтақаҳои кӯҳӣ ва чорабиниҳои ҳукуматӣ доир ба роҳҳои ҳалли масъалаҳои муҳоҷират таҳқиқоти муҳим анҷом додааст, бисёри ин масъалаҳо дар асари ӯ аз нигоҳи илмӣ баррасӣ гардидааст. Бино ба андешаи ӯ бо вуҷуди ба роҳ мондани тамоми чорабиниҳо ва маъракаҳои муҳоҷиркунӣ дар сохтмони канали водии Вахш дар тобистони соли 1931 қарор дар бораи фиристонидани 4 ҳазор нафар коргар аз ноҳияҳои кӯҳӣ ба водии Вахш қабул карда шуд ва дар асоси ин қарор 500 нафар аз аҳолии Ғарм ба водии Вахш муҳоҷир карда шуд [144, С.58].

Дар давраи дуюми муҳоҷиркунии аҳолии кӯҳистон, ки ба давраи ба итмом расидани сохтмони канали дарёи Вахш рост меояд (1932), аҳолии зиёди кӯҳистон низ ба ин минтақа муҳоҷир карда шуд, ки мардуми минтақаи Ғарм низ аз ин муҳоҷиркунӣ берун намонд. Дар солҳои ҶБВ ин масъала ба таъхир гузошта шуд. Пас аз анҷоми ҷанг масъалаи муҳоҷирати мардуми кӯҳистон ба водии Вахш аз нав идома пайдо кард. Р. Абдулҳаев ба ин масъала дар асоси маводи бойгонӣ таваҷҷуҳ намуда, менигорад, ки «соли 1945 ба ноҳияҳои водии Вахш аз вилоятҳои Суғду Ғарм қариб 1500 хоҷагиҳои деҳқонон аз 4300 хоҷагӣ, аз мавзеъҳои гуногуни марказии ИҶШС чун муҳоҷирони махсус (спецперенселенцы) кӯчонида оварда шуданд» [30, В.18]. Баъди ҶБВ

раванди муҳоҷирати дохилии ҷумҳурӣ ба водиҳо аз нав дида баромада шуд, ки дар ин сол, яъне 1946 1000 хоҷагӣ аз вилояти Ғарм ба водии Вахш, дар соли 1947 1000 хоҷагӣ ва соли 1948 ба ҳамин микдор хоҷагиҳо муҳоҷир карда шуданд [122, С.248-249].

Ҳамин тариқ, масоили муҳоҷирати дохилии мардуми минтақаи Рашт ба водиҳо, хусусан, водии Вахш дар солҳои 1926-1949 дар осори муҳаққиқон дар баробари муҳоҷиркунии дигар мардумони минтақаҳои кӯҳистон инъикос ёфтааст. Аз натиҷаи таҳлилҳои адабиёти илмӣ ва маводи бойгонӣ бармеояд, ки ҷиҳати ба заминҳои корам табдил додани заминҳои бекорхобидаи водиҳо муҳоҷиркунии дохилӣ дар тамоми ҷумҳурӣ сурат гирифт. Яке аз масъалаҳои асосӣ ин коркарди канали Вахш ва ба заминҳои корам табдил додани заминҳои бекорхобидаи ин водӣ буд. Бо ин мақсад хоҷагиҳои зиёд ба водии Вахш муҳоҷир карда шуданд.

Марҳилаи дигари муҳоҷиркунии мардуми мантақаи Ғарм солҳои 50-80-уми асри XX–ро фаро мегирад. Аммо бояд қайд кард, ки дар солҳои ҶБВ базаи моддӣ-техникии хоҷагии кишоварзӣ дар Тоҷикистон ниҳоят заиф гардида буд, дар заминҳои корам қувваи корӣ намерасид, зироати хоҷагӣ, хусусан, пахта ба қадри лозима ба даст намеомад. Аз ин сабаб зарурати бо замин таъмин намудани деҳқонони камзамин ва муҳоҷир намудани онҳо ба водиҳо пеш омад. Ғайр аз ин, зилзилаи соли 1949 дар ноҳияи Ҳоит рухдода сабаби дигари муҳоҷирати мардуми минтақаи Ғарм гардид. Академик А. Мухторов қайд менамояд, ки «Мардум ба такдираш тан дода, аз паи зиндагии худ ва молу ҳол шуда, муҳоҷират карданд» [162, С.61]. Бо ташаббуси Бобоҷон Ғафуров аҳолии боқимондаи ноҳияи харобгаштаи Ҳоит ба ноҳияҳои вилояти Сталинобод ва водии Вахш муҳоҷир карда шуданд, ки шумораи онҳо 5,5 ҳазор хоҷагиро ташкил мекард [32, В.24].

Масоили муҳоҷирати сокинони Ғарм дар ин давра на танҳо дар асарҳои муҳаққиқон, балки аз ҷониби соҳибқаламон тавассути рӯзномаву ҳафтаномаҳо ва асарҳои ёдоштӣ низ тасвир ёфтааст. Аз

ҷумла, Сомончӣ Давлатов - собиқ раиси колхози “50- солагии СССР”-и ноҳияи Қубодиён дар мақолаи худ, масъалаи муҳоҷирати мардуми Қаротегинро ба вилояти Қурғонтеппа, ба заминҳои кишт табдил додани заминҳои бекорхобида аз ҷониби онҳо, инчунин, нақши ин муҳоҷиронро дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар мақолаи худ ба қалам додааст [168, С.34-38].

Муҳаққиқи тоҷик, профессор Ҳ. Пирумшоев дар мақолаи худ Бобоҷон Ғафуров ва ҳалли масъалаи муҳоҷирати дохилӣ» масъалаи муҳоҷирати дохилии ҷумҳурӣ, хусусан, муҳоҷирати мардуми Қаротегинро ба водиҳои Ҳисору Вахш дар ибтидои солҳои 50-уми асри XX мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷумла, қайд менамояд, ки ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта аз минтақаҳои кӯҳистон ба ноҳияҳои пахтакор муҳоҷиршавӣ суръат гирифт [187, С.61-64]. Тибқи таҳлилҳои ин муҳаққиқ «Нақшаи ба Регару водии Вахш аз ноҳияҳои Шулмак, Ғарм, Оби Гарм, Тоҷикобод, Тавилдара ва Ҷиргатоли (ҳозира Лахш) вилояти Ғарм муҳоҷир намудан низ бар зиёд иҷро гардид. Ба ҷои 845 хоҷагии пешбинишуда 934 хоҷагӣ муҳоҷир карда шуд» [187, С.63]. Дар тақвият ба таҳқиқоти устод Ҳ. Пирумшоев профессор Р. Абулҳаев таъкид менамояд, ки «Нақшаи муҳоҷиркунии колхозҳо ва хоҷагиҳои алоҳида дар соли 1950 бо шумораи 6500 хоҷагӣ тасдиқ карда шуда, вилояту ноҳияҳои ҷои баромад ва макони нави ҷойгиршавии онҳо пешакӣ муайян карда шаванд. Комитетҳои иҷроияи вилояти Ғарм, Кӯлоб, Сталинобод ва раёсати муҳоҷиргардонии назди Шурои Вазирон вазифадор карда шаванд, ки нақшаи муҳоҷирати деҳқонон аз ноҳияҳои макони баромадашон дар муддати ду ҳафта таритиб дода шавад» [31, В.27]. Ҳамзамон, Р. Абулҳаев ба он назар аст, ки шумораи муҳоҷиркунӣ дар соли 1950 аз нақша барзиёд иҷро шуда, шумораи колхозҳо дар ин сол аз ноҳияҳои вилояти Ғарм ба ноҳияҳои вилояти Сталинобод 40 колхоз муҳоҷирро ташкил медиҳад [33, В.146]. Аз ҷумла, панҷ колхоз ба ноҳияи Шаҳритус, 15 колхоз ба ноҳияи Октябр,

8 колхоз ба ноҳияи Кировобод, 8 колхоз ба Микоянобод, 3 колхоз ба Ҷилликӯл ва 1 колхоз ба ноҳияи Куйбишев муҳоҷир карда шуданд.

Бино ба таҳқиқоти Р.Абулҳаев «соли 1950 колхози ба номи «Энгелс»-и ноҳияи кӯҳии Тавилдара (Сангвор) ба водии Вахш дар мавриди якҷоякунии хоҷагиҳо муҳоҷиргардонида шуда, ба колхози «Победа»-и ноҳияи Октябр мутаҳҳид карда шуд. Соли 1949 аз 95 гектар замини колхози ба номи «Энгелс», даромади умумии солонаи он зиёда аз 11- ҳазор сӯмро ташкил кард» [82, С.260-267]. Ҷ. Асрориён дар асари худ «Босмачизм ва болшевизм: воқеият ва таҳриф» ба масоили муҳоҷирати ноҳияҳои вилояти Ғарм диққат дода, менигорад, ки 9 ноябри соли 1951 шумораи хоҷагиҳои водии Вахш аз ҳисоби колхозҳои Комсомолобод (Нуробод), Ғарм (Рашт) ва собиқ ноҳияҳои Тавилдараву Оби Гарм 1852 хоҷагиро ташкил намуданд [96, С.136]. Тибқи асноди бойгонӣ солҳои 1949-1951 наздик ба 16 - ҳазор ҳоҷагиҳои деҳқонони ноҳияҳои кӯҳӣ, аз ҷумла, 7973 хоҷагӣ аз вилояти Ғарм, 4443 аз вилояти Кӯлоб, 2747 аз ноҳияҳои тебеи марказ ба водии Вахш муҳоҷир карда шуданд [34, В.51].

Муҳақиқони тоҷик А. Ҳақназаров, А. Ҳусайнов, А. Мусоев дар такя ба ҳисоботи собиқ котиби обкоми вилояти Ғарм Б. Ҷобиров дар соли 1953 маълумот медиҳанд, ки аз ҳисоби муҳоҷирони 18 колхози вилояти Ғарм 14 517 гектар заминҳо аз худ карда шуданд [222, С.160]. Р.Абулҳаев дар соли 1956 ба ноҳияҳои Фархор ва Москва (ҳозира Ҳамадонӣ) аз банақшагирии муҳоҷирон аз ҳисоби аҳолии ноҳияҳои Даштиҷум, Ховалинг, Ғарм, Тоҷикобод, Ҷиргатол низ хабар дода, дар муддати солҳои 1955-1956 ба колхозу совхозҳо 4188 хоҷагӣ аз ноҳияҳои кӯҳӣ муҳоҷир карда шуданд [35, В.13].

Ҳамин тариқ, бо муҳоҷиргардидани мардуми вилояти Ғарм дар ҷумҳурӣ шароити васеъи корҳои ирригатсионӣ ба вуҷуд омад. Муҳоҷирони Вахё ва Тавилдара дар ноҳияи Саройи Камар (ҳоло Панҷ) заминаи пахтакориро дар колхозҳои «Коммунизм» ва «Лелинский

путь» заминагузорӣ намуданд. Дар ноҳияи Қумсангир муҳоҷирони аз ноҳияҳои Ғарм, Ҳоит ва Қалъаи Лаби Об рафта, колхозҳои ба номи Ленин, Жданов, Коммунизм, Победаро таъсис доданд. Дар ноҳияҳои Қурғонтеппа колхозҳои Октябр, Ленин ва совхози Куйбишев таъсис ёфтанд. Инчунин, барои таъсиси колхозу савхозҳо дар Ҷиликӯл, Колхозобод, Қубодиён, Шаҳритӯс ва Ҳисор чандин бригадаҳои корӣ фаъолият намудаанд [170, С.133].

Ғ. Наврӯзов дар асари худ «История образования и развития Гармского области Таджикской ССР» ба масоили муҳоҷирати дохилии минтақаи Қаротегин ишора намудааст. Мувофиқи таҳқиқоти ӯ «муҳоҷирон аз Ҷамоати Шули ноҳияи Ғарм ба Пахтаобод, Сари Осиё ва Регар фиристонида шуданд. Онҳо бо дастаҷамъӣ ба коргарони колхози “Байналмилалӣ” ба номи Охунбаев пайвастанд. Бештари мардуми муҳоҷиргардидаи ин ҷамоат ба колхози ҳамсоя “Эфиронос” кору фаъолият намуданд. Аз ноҳияҳои Шулмак ва Дарвоз муҳоҷирон ба ноҳияҳои Шаҳритусу Қабодиён фиристонида шуданд. Муҳоҷирон на танҳо дар корҳои пахтакорӣ, инчунин, дар заводҳои равғанкашӣ, пахтатозакунӣ ва дигар корҳои хоҷагидорӣ фаъолият менамуданд» [170, С.133].

Раванди муҳоҷиркунонии аҳолии кӯҳистон ба водиҳо дар солҳои минбаъда низ идома ёфт. Аммо дар соли 1963 баъзан ба ҷойҳои пештара баргаштани муҳоҷирон низ ба назар мерасид. Дар ин маврид дар асари дастаҷамъии «История культорного строительства в Таджикистане» қайд мегардад, ки соли 1963 шумораи оилаҳои аз заминҳои нав ба ҷойҳои пешина баргашта аз шаҳри Ваҳдат - 986, Ғарм - 583, Данғара - 396, Ҷиргатол - 96, собиқ Даштиҷӯм ва Шӯробод - 292, Масчоҳи кӯҳӣ - 256, собиқ ноҳияҳои Ховалингу Муминобод - 206-ро ташкил мекарданд [136, С.55]. Ба таҳқиқоти Р. Абулҳаев «соли 1966 шумораи хоҷагиҳои ба ҷойҳои пештара баргашта, 800 оиларо ташкил

мекард, аз ин шумора 139 оила аз мардуми Ғарм ба ҷой пештара баргаштанд» [82, С.346].

Қайд кардан ба маврид аст, ки солҳои 70-уми асри XX дар баъзан маҳалҳо зиддияти сокинони маҳаллӣ нисбат ба муҳоҷирон ба амал омад. Бо вуҷуди ин, соли 1971 аҳолии деҳаи Дараи Назараки ноҳияи Ғарм ба ноҳияи Куйбишеви водии Вахш кӯчид [36, В.5].

Муаррихи шинохтаи тоҷик академик, Р. М. Масов доир ба моҳияти муҳоҷиркунии ҳизби коммунист ва давлати Шуравӣ таваҷҷуҳ намуда, чунин нигоштааст: «Сиёсати муҳоҷиркунии Ҳукумати Шуравӣ ба барҳам додани асосҳои заминдории феодалӣ ва аз дасти заминдорони калон кашида гирифтани воситаҳои истеҳсолот равона нагардида буд. Дар асл ин сиёсат ба он нигаронида шуда буд, ки аз ҳисоби заминҳои то ҳол бекорхобидаву навкорам деҳқонони камзамину безамини ноҳияҳои кӯҳӣ бо замин ва олотҳои истеҳсолии кишоварзӣ таъмин карда шаванд. Ин амалро, инчунин, ҷараёни инкишофи пахтакорӣ дар Тоҷикистон талаб мекард» [155, С.23-36].

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки доир ба давраи аввали ҳокимияти Шуравӣ ва натиҷаи омӯзиши водии Рашт дар таҳқиқоти солҳои 20-80-уми асри XX фикрҳои назариявии муаллифон самти асосии таърихнависии Шуравиро инъикос мекунанд, аз натиҷаи омӯзиш ва баррасии онҳо чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

-Дар маводи матбуоти даврӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва таҳқиқоти олимон муқовимати ду тараф – давлати Шуравӣ ва тарафдорони ҳаракати зиддишуравӣ баён гардидааст;

- муаллифон воқеаҳои реалиро тасвир карда, саҳми фарзандони далери ин минтақаро дар барпо кардани Ҳокимияти Шуравӣ дар асарҳояшон инъикос намудаанд;

- қисми муҳимми таҳқиқоти таърихнигоронро доир ба ҳамин давра асарҳо ва таҳқиқотҳои ба фаъолияти Нусратулло Махсум бахшидашуда ишғол мекунад, ки асари «Фидоии миллат» бахшида ба

120-солагии Нусратулло Махсум, ки таҳти роҳбарии Р.М. Масов нашр шуд, ҳуҷҷатҳои зиёди бойгониҳоро дар бар мегирад, ки давраи мазкури таърихи Ғармро инъикос мекунад;

-дар асарҳои муаррихони замони Истиқлол баъзе аз хатоҳои таҳқиқотҳои гузашта ошкор гардид. Аз ҷумла, танқиди беасоси Н.А. Кисляков нисбати фаъолияти Нусратулло Махсум дар асоси фактҳои асоснок нодуруст бароварда шуд. Инчунин, муайян карда шуд, ки поси хотири қаҳрамонон пояи асосии таърихи минтақаро ташкил медиҳад ва дар ин масир таҳқиқоти пурраи ҳаёт ва фаъолияти Нусратулло Махсум ва дигар фарзандони Раштонзамин предмети асосии таҳқиқоти олимон ва нависандагони маҳаллиро ташкил медиҳад;

-инъикоси вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии вилояти Ғармро дар асарҳои таърихӣ таҳлил намуда, қайд кардан ба маврид аст, ки дар замони давлатдории Шуравӣ симои ҷомеаи вилояти Ғарм ба куллӣ дигаргун гардид. Вилоят дар тамоми самтҳо рӯ ба инкишоф ниҳод ва ин дастовардҳо дар китобҳо ва таҳқиқотҳои олимони соҳаи таърих сабт гардиданд. Дар ин давра дар доираи илми таърих аз ҳисоби олимони рус дар Тоҷикистон базаи калони моддӣ ва маънавии таҳқиқотӣ дар самти илми таърих таъсис ёфт ва имкониятҳои нав барои пешрафти илми таърих таъмин карда шуд.

- корнамоии мардуми Рашт дар ҷабҳаҳои ҶБВ ва ақибгоҳ на танҳо дар замони шуравӣ, балки дар ҳамаи давру замон проблемаи мубрами таърихнигорӣ боқӣ мемонад ва набояд бо таъсири баъзе аз қувваҳои зидди шуравӣ ин саҳифаи таърихи халқу миллати тоҷик ба гӯшаи фаромушӣ гузошта шавад. Корнамоиҳо ва меҳнати заҳматкашони Ғарм дар давраи ҶБВ дар асарҳои Н Сечкина Л.П.,.Ҳотамов, Ҳ.Пирумшоев, Р.М. Масов, Қ.Қараев ва дигарон инъикос гардидааст ва мазмуни онҳо насли ояндаро водор мекунанд, ки оид ба меҳнати фидокоронаи меҳнаткашони ақибгоҳ таҳқиқот анҷом диҳанд;

- таҳлили давраи минбаъдаи солҳои 50-80-ум нишон дод, ки доир ба ин давра адабиёти махсус дар сатҳи таърихи ноҳия хеле кам мушоҳида

мешавад ва танҳо тадқиқотҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ имкон доданд, ки таърихи минтақаи Ғарм муайян карда шавад. Тадқиқоти олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва этнография Н.А. Кисляков ва А.К. Писарчик, ки охири солҳои 50-ум дар шакли монография баромаданд, манбаи муҳими омӯзиши таърих ва этнографияи минтақа мебошанд;

Ҳамин тавр, таҳлили таърихнигории таърихи водии Рашт дар солҳои 20-80-уми асри XX нишон дод, ки муҳимтарин воқеаҳои ин давра, ки дар таърихи Тоҷикистон ва бахусус, таърихи минтақаи Ғарм рух доданд, дар таҳқиқоти олимони соҳаи таърих сабт гардиданд. Дар ин китобҳо қаҳрамонии сокинони минтақаи Ғарм дар сохтмони роҳи Сталинобод-Хоруғ, дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, қаҳрамонии меҳнаткашони ақибгоҳ ва дигар саҳифаҳои ин давра инъикос гардид.

## 3.2. Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаи Рашт дар замони Истиқлол

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистони ҷанги шаҳрвандӣ сар зад, ки он ба тамоми соҳаҳо ва вилояту минтақаҳои ҷумҳурӣ тоъсири манфӣ расонд. Ин масъала дар таърихнигории Тоҷикистон, бахусус, дар таърихнигории минтақаи Рашт инъикос ёфтааст. Олимон сабабҳои сар задани ҷанг, рафти бархӯрдҳои ҳарбӣ ва сиёсиро дар минтақаҳои гуногуни мамлакат баррасӣ кардаанд. Фаъолияти гурӯҳҳои силоҳбадасти ғайриқонуниро мутахассисони равияҳои гуногуни илм, ба монанди сиёсатшиносон, таърихнигорон, низоъшиносон ва дигар самтҳои илм мавриди омӯзиш қарор доданд.

Соли 1996 ноҳияи Тавилдара ва деҳаҳои он дар иҳотаи қувваҳои оппозитсионӣ гирифтор шуда буд.  Соли 1999 дастаҳои Ҳаракати исломии Узбекистон (ҲИУ) дар водии Қаротегин ҷой гирифтанд ва 26-29 августи соли 1999 ҳавопаймоҳои ҳарбии Узбекистон заминҳои минтақаи Ҳоитро бомбаборон карданд. Ин дастаҳо моҳи сентябри

соли 1999 бо роҳбарии Абдувалӣ Юлдошев бо лақаби Азизхон ба ҳудуди Қирғизистон ворид шуданд.

Мушкилоти дигари сиёсӣ ва иҷтимоии сокинони Ғарм дар ин давра афзоиши амалиётҳои террористӣ дар самти роҳи Душанбе-Ғарм буд, ки бевосита таъмини сокинони минтақа бо озуқавориро халалдор мекард. А. Князев қайд мекунад, ки дастаҳои силоҳбадасти атрофи деҳаи Сайёди Ромит, Кӯли Ромит, Дараи Ромит, деҳаи Туркободи колхози ба номи К. Исмоили ноҳияи Кофарниҳон, деҳаҳои Оби-Нуқра ва Майдон, деҳаи Чорсада, Ҷавонӣ ва дигар самтҳо монеаи интиқоли молу озуқаворӣ ба тарафи Рашт мегардиданд.

Дар инъикоси раванди ҷанги шаҳрвандӣ дар қисме аз мавзеъҳои Рашт як қатор корҳои илмии олимони самтҳои таърих ва сиёсатшиносиро низ бояд ёдрас кард, ки дар доираи воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ вазъияти минтақаи Раштро баррасӣ намуданд. Аз ҷумла, рисолаҳои М. Холмуродова [235], И.И. Саъдуллоев [234, С.98-109] дар ин масоил таълиф шуда, мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Ин рисолаҳо самтҳои мухталифи раванди ҷанги шаҳрвандиро инъикос карда, баъзе нуқтаҳои амалиётҳои онро дар минтақаи Рашт нишон додаанд.

Дар рисолаи М. Холмуродова сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ, сар задани идеологияи маҳалгароӣ аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил гардида, саҳми тарафҳои даргир дар таъмин кардани сулҳи тоҷикон баррасӣ мешавад. Масъалаҳои бесилоҳгардонии гурӯҳҳои мухолифин дар рисолаи И.И. Саъдуллоев мавриди омӯзиш қарор гирифт, ки дар он муаллиф фаъолияти Комиссияи оштии миллиро таҳлил карда, саҳми онро дар таҳияи барномаи бесилоҳсозии қувваҳои мусаллаҳи мухолифон нишон медиҳад. Муаллифон дар инъикоси давраи ҷанги шаҳрвандӣ қайд мекунанд, ки 27 июни соли 1997 ҳуҷҷати барои тоҷикон ва тоҷикистониён муҳимтарин «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ», аз тарафии Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари «Иттиҳоди мухолифини тоҷик» Саид Абдуллои Нурӣ имзо гардид. Бо ҳамин ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 5 майи соли 1992 сар шуда буд, 27 июни соли 1997 бо ба даст омадани Ваҳдати миллӣ анҷом ёфт» [223, С.470].

Дар таҳқиқоти таърихнигории водии Рашт дар замони истиқлолият асарҳо ва баромадҳои Пешвои миллат аҳаммияти калони илмӣ-таҳқиқотӣ доранд, зеро дар онҳо факту рақамҳои дақиқ дар бораи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Рашт оварда мешавад [223, С.465].

Дастоварди бузурги илми таърихи замони истиқлолиятро асари бунёдии дастаҷамъии «Таърихи халқи тоҷик» ташкил медиҳад, ки дар ҳаҷми 6 ҷилд нашр гардид. Ҷилди аввали он соли 1998 аз чоп баромад. Дар ҷилди панҷуми он дар баробари дигар минтақаҳои Тоҷикистон, таърихи тоҷикони водии Рашт дар давраи нав ва навтарин ва дар ҷилди шашум давраи муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки ин ҷилдҳо солҳои 2004 ва 2011 нашр гардидаанд.

Дар замони истиқлолият яке аз муҳимтарин тадқиқотҳои таърихнигорони тоҷикро таърихи фаъолияти қаҳрамонони миллати тоҷик Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур ташкил медиҳад. Таърихнигори тоҷик Абдулло Ғафуров фаъолияти сиёсии Нусратулло Махсумро ба се давра солҳои 1920-1924, давраи дуюм солҳои 1924-1929 ва давраи сеюмро ба солҳои 1929-1933 ҷудо намудааст [176, С.53-64]. Муаллиф менигорад, ки аз роҳбалади артиши Сурх сар карда, баъд дар вазифаи масъули раиси комиссияи озуқаворӣ, раиси Кумитаи инқилобии вилояти Ғарм, раиси Комиссияи фавқулоддаи диктатории Бухорои Шарқӣ ва раиси Кумитаи иҷроияи вилояти Бухорои Шарқӣ ва дар охир Нусратулло Махсум ба ҳайси роҳбари Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон фаъолият намуд. Баррасӣ кардани фаъолияти ин шахси абармарди миллат имкон дод, ки мавқеи сиёсии вайро вобаста ба

тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ аз китоби А. Ғафуров дарёфт намоем ва ин ба фикри мо қимати илмии ин асарро нишон медиҳад.

Дар давраи истиқлолият муаррихон, инчунин, даҳшатҳои давраи босмачигагриро низ таҳқиқ намудаанд. Аз ҷумла, муносибати Фузайл Махсум ба аҳолии маҳаллиро Давлатшоҳ Маҳмудов дар мақолаи «Моҷарои тилло дар хонадони Нусратулло Махсум» чунин нишон медиҳад: «Фузайл Махсум хело марди мағруру худхох буд. Ҳанӯз соли 1916 тавассути собиқ беки Қаротегин Раҳмонкул додхоҳ бо амир Олимхон шиносоӣ пайдо намуда, аз амир рутбаи баланди “Бий”-ро соҳиб мешавад. Ба гумони ғолиб амир мехост аз ӯ барои пахши шӯру ошӯбҳои зидди амирӣ дар водии Қаротегин истифода кунад. Ҳатто амири Бухоро беки Қаротегин таъин намудани Фузайлро ба нақша гирифта буд. Аммо бо маслиҳати баъзе аз дарбориён бо дарназардошти хислати якравии Фузайл ва эҳтимоли дар оянда рух надодани ҳаракатҳои марказгурезӣ аз ин тасмими худ даст кашид. Моҳи феврали соли 1921 бинобар сабаби муташаниҷ гардидани авзои сиёисӣ, беки Қаротегин Абдулҳафиз шабона аз Қаротегин фирор мекунад. Аз ҳамон вақт сар карда, Фузайл худро беки Қаротегин эълон менамояд. Фузайл минбаъд ҳамчун мири Қаротегин намехост, ки дар минтақа касе аз болои ӯ фармон диҳад ва ё соҳиби мансаби болотаре бошаду миёни мардум аз эҳтироми махсус бархурдор бошад» [176, С.125-132].

Дар масоили таҳқиқи таърихи минтақаи Рашт, инчунин, фаъолияти алоҳидаи тадқиқотчиён нақши муҳим дорад. Масалан, дар деҳаи Сичароғ солҳои 2013–2016 аз тарафи бостоншиносони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш бо роҳбарии Т.Г. Филимонова боқимондаи 114 устухони одам дарёфт гардиданд. Соли 2018 бо тавсияи бостоншиносон мазори деҳаи Сичароғ дар соҳили рости дарёи Вахш (38°43’48”N 69°48’16”E) ба ҷои дигар кӯчонида шуд. Майдони умумии мазор ва қабристон дар масоҳати 1,5 га ҷойгир шуда, ба давраи асрҳои XVIII–XIX ва аввали

асри XX тааллуқ дорад. Дар ин ҷо шумораи мардон аз занон бештар муайян гардид ва хулосаи олимон чунон буд, ки дар ин макон бадарғашудагон аз Бухоро сукунат доштанд.

Дар таърихнигории таърихи минтақа, инчунин, китоби Идиев Ҳотами Аскалонӣ «Аз барои ёдгорӣ» нақши босазо дорад, ки он зери таҳрири Муҳтарам Ҳотам соли 2013 нашр гардид. Ин китоб характери автобиографӣ дошта, дар он муаллиф давраҳои ҳаёти худро ҳамвора бо воқеаҳои таърихӣ, ки шоҳиди онҳо гардида буд, тасвир мекунад. Дар муқаддимаи ин китоб омадааст: «Дар солҳои аввали Ҳукумати Шӯравӣ чанд тан шоирони ин диёр, аз ҷумла Бокӣ Раҳимзода, Алӣ Хуш ба арсаи илму адаб қадам гузошта, дар маркази кишвар - шаҳри Душанбе кору фаъолият доштанд. Аз ин лиҳоз, доираи адабии Рашт дар тайи чандин даҳсола холӣ монда буд. Дар саҳифаҳои рӯзномаи ноҳиявии «Болшевики Ғарм», баъдан «Ҳақиқати Ғарм», «Қаротегини Советӣ» ва ғайра дар он солҳо баъзан шеъру ҳикояҳои муаллифони гуногун ба нашр мерасид» [121, С.4]. Муаллиф солҳои Шуравиро аз як тараф давраи кам будани шоирону мутафаккирон меномад ва чунин менависад: «Аммо аз солҳои 30-юм то солҳои 70-уми асри гузашта чунин ба назар мсрасад, ки дар ин минтақа эҷодкоре - шоиру нависандае вуҷуд надошт; гӯё фазои эҷодии ин минтақа дар тули тақрибаи 50 сол холӣ монда буд. Вале инак бо нашр гардидани шеъру қисса ва дигар навиштаҳои яке аз аввалин муаллимҳои водии Рашт Идиев Ҳотами Аскалонӣ собит мегардад, ки дар ин муддат ӯ дар як гӯшаи дури кӯҳистон чароғи илҳоми эҷодиро фурӯзон доштааст» [121, С.5].

Бояд гуфт, ки рушди иқтисодии минтақа дар замони истиқлолият хеле кам омӯхта шудааст. Аз ҳамин ҷиҳат, маълумотҳои рисолаи А.М. Махсудов арзиши баланд доранд, зеро муаллиф аз манбаъҳои зиёди бойгонӣ истифода кардааст. Вазъи саноат: мушкилот ва дурнамои он, ҳолати кишоварзӣ: таназзул ва азнавсозии он ва соҳаи тандурустӣ ва хизматрасонии водии Раштро таҳлил мекунад. Дар боби

дувум муаллиф ҳайёти фарҳангии водии Рашт, аз он ҷумла, соҳаи маориф, фарҳанг ва рушди сайёҳиро таҳлил намуда, дурнамои инкишофи ин соҳаҳоро нишон медиҳад [230, С.7].

Раванди хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ инъикоси худро дар маводи бойгонӣ низ ёфтааст. Масалан, тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ шумораи обеътҳои хусусигардонидашуда дар минтақаи Ғарм 1072 ададро ташкил намуд [49, В.29-30]. Аз таҳлили маводи бойгонӣ муайян мегардад, ки миқдори корхонаҳои саноатии ин минтақа дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, хеле кам буд. Ҳадафи асосии хусусигардонӣ, ки ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар ва азнавсозии он буд, дар соҳаи иқтисодии минтақаи Рашт, натиҷаи кофӣ надод, зеро сармоягузорони хориҷӣ дар ибтидо ба таври зарурӣ ба кишвари мо таваҷҷуҳ зоҳир накарданд, ки бо эҳтимоли зиёд сабабаш дар ноором будани фазои сиёсӣ дар кишвари мо ва ҷумҳурии ҳамсоя Афғонистон буд.

Тибқи ҳисоботии собиқ раиси ноҳияи Тоҷикобод Идиев М.И. дар санаи 23.07.1991 дар ибтидои сиёсати хусусигардонӣ бисёр иншоотҳо ва объектҳои давлатӣ бо нархи арзон фурӯхта шуда, ҳамзамон аз ҷониби нафароне харидорӣ шуданд, ки ба он корҳонаҳо иртиботе надоштанд [54, В.71-81; 47, В.67-78; 55, В.1-35; 48, В.40-43]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин масъала қонунваронкуниҳои зиёд содир мегашт.

Ҳамин тавр, далелҳои маводи бойгонӣ муайян менамоянд, ки минбаъд, бо мустаҳкам гардидани пояҳои давлатдорӣ вазъи иқтисодии минтақи Рашт рушд кард. Хусусан, солҳои 2014-2018 бо дастгирии соҳибкорон 8 коргоҳи дӯзандагӣ, 3 корхонаи хурди коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ бо зиёда аз 140 ҷойи корӣ таъсис ёфтанд. Солҳои 2018-2021 ба ифтихори таҷлили ҷашни 30–солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби соҳибкорон ва шарикони рушд 14 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ

дар минтақа ба нақша гирфита шуд, ки бештарашон сохта ба истифода дода шуданд. Ҳамзамон «дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд барои ба роҳ мондани кор дар самти коркарди пашм ва хушк кардани мева таҷҳизоти лозимӣ ворид карда шуданд» [59, С.3-4].

Масъалаи дигаре, ки инъикоси худро дар ҳуҷҷатҳои мақомоти ноҳияҳои минтақаи Рашт ёфтааст, ин истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва фаъолияти бонкдорӣ мебошад. Масалан, қайд кардан ба маврид аст, ки ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Рашт дар соли 2015 33,1 млн ва дар соли 2020 ба 45 млн.122,5 ҳазор сомонӣ расонида шуд [58, С.3-4]. Ғайр аз ин, дар ноҳияи Рашт бонкҳо ва дигар ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ фаъолият менамоянд, ки тибқи маълумоти бойгонӣ дар соли 2015 бонкҳо 50 млн. сомонӣ ба соҳибкорон, аз ҷумла, кишоварзӣ – 13 млн. сомонӣ, тиҷорат - 17 млн. сомонӣ, хизматрасонӣ 4 млн. сомонӣ, сохтмон – 11 млн. сомонӣ ва дигар соҳаҳо 5 млн. сомонӣ қарз дода шудааст. Дар солҳои баъдӣ ин рақамҳо коҳиш ёфта, соли 2019 12 млн. ва дар соли 2020 13 миллион сомониро ташкил дод [59, С.1-24].

Маводи бойгонии ҷорӣ ва матбуоти расмии мақомоти давлатиро таҳлил намуда, муайян мегардад, ки дар бархе ноҳияҳо, аз ҷумла, дар ноҳияи Тоҷикобод масоили сохтмон ва саноат ҳамасола афзуд. Давоми солҳои 2014-2016 аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ 387 ҳазор сомонӣ, саноат 53,2 ҳазор сомонӣ, савдо 390,5 ҳазор сомонӣ, сохтмон 579 ҳазор сомонӣ ба буҷети ноҳия ворид гардидааст [174, С.1-2]. Вазъи иқтисодии ноҳияи Санговор низ рушд кард. Хусусан, пас аз татбиқи барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дар ноҳияи Сангвор шумораи корхонаҳо ба 5 адад расид [52, С.4-5]. Оғози соли 2021 дар корхонаҳои саноатии ноҳия 349 нафар фаъолият менамуданд, ки аз инҳо 133 нафар ба кори мавсимӣ ва 216 нафар ба кори доимӣ машғул буданд [62, С.4]. Маҷмуан маҳсулоти саноатӣ дар соли 2020 73

милиону 853 ҳазору 900 сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 5,4 баробар зиёд будааст [62, С.4].

Дар баррасии масъалаи мазкур таҳлил намудани барномаҳои давлатӣ низ зарур мебошанд. Тибқи таҳлили Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2018-2020 муайян мегардад, ки дар ноҳияи Нуробод дар ибтидо саноат дар ҳолати ногувор қарор дошт. Минбаъд норасоиву камбудиҳо бартараф шуда, соли 2017 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои ҷорӣ 3,3 млн. сомониро ташкил дода, ин рақам дар солҳои 2020-2021 1 баробар бештар гардид [194, С.1-2]. Дар чаҳорчӯбаи Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияи Нуробод барои соли 2018-2020 5 корхонаи хурди истеҳсоли таъсис дода шуд, ки бо фаъолияти ин корхонаҳо ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ зиёд гардид [68, С.17-20].

А.М. Махсудов дар рисолаи худ соҳаи чорводориро таҳлил намуда, рақамҳои зерини омориро нишон медиҳад, ки бевосита қимати илмӣ доранд, бинобар таҳқиқоти ӯ: «Агар шумораи бузу гӯсфандро дар водии Рашт соли 1991, 51764 сар ташкил дода бошад, соли 2000-ум он ба 905 сар кам гардид, саршумори чорвои калони шохдор аз 28924 то 738, асп аз 1543 то 232 сар коҳиш ёфт. Соли 2006 саршумори чорвои калони шохдор ба 191964, бузу гӯсфанд ба 274481 ва асп ба 11117 сар расид, ки бо нишондоди соли 1991 чандин баробар зиёд аст. Солҳои 2009-2018 давраи рушди босуръати чорводорӣ дар минтақа мебошад. Чунончи, ба ҳисоби аввали соли 2021 дар ҳама категорияҳои хоҷагиҳо 178645 сар чорвои калони шохдор; 505842 сар гӯсфанду буз, 4509 сар асп ба қайд гирифта шуд. Аз ин рақамҳо хулоса кардан мумкин аст, ки агар чорводорӣ дар солҳои 90-ум пурра хароб шуда бошад, дар солҳои 2001-2006 дубора барқарор карда шуд ва солҳои минбаъда майли рушд кардан дорад. Шуруъ аз соли 2001 дар ин соҳа баъзе тағйиротҳои мусбӣ ба амал омаданд. Аз рӯи ҳисоботҳои оморӣ соли 2006 дар минтақа 182231 сар парранда ба қайд гирифта шуда буд, ки ин миқдор

дар солҳои 1997-1999 ба сифр баробар шуда буд. Дар солҳои минбаъда шумораи паррандаҳо зиёд гардида дар соли 2018 ба 351 262 сар расонида шуд, ки дар муқоиса ба соли 2006 қариб як баробар зиёд аст» [230, С.72].

Раванди хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ ба ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ хос буд. Масалан, танҳо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки навоҳии минтақаи Рашт ба он шомил аст, шумораи объектҳои хусусигардонидашуда 1072 ададро ташкил намуданд. Албатта, аз ин шумора як фоизи ночизи он ба минтақаи Рашт марбут буд, зеро дар замони Шуравӣ ва минбаъд низ дар ин минтақа, вобаста ба мавқеъи ҷуғрофӣ ва имкониятҳояш, кишоварзӣ бештар тараққӣ ёфта буд. Шумораи корхонаҳои саноатии минтақа, дар муқоиса ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ночиз буданд.

Танҳо дар соли 2015 дар ноҳияи Рашт ба маблағи 33,1 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардид, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2013-ум 17,6 млн. сомонӣ зиёд буд. Дар соли 2020 ин рақам ба 45 млн. 122,5 ҳазор сомонӣ расонида шуд. Кони Назарайлоқ ба гурӯҳи конҳои нодири ангишти мамлакат медароянд, ки аҳаммияти стратегӣ дорад ва аз ин ҷиҳат, рушди коркарди маҷмуии кон талаботи махсуси техникию муҳандисиро талаб менамояд. Захираҳои ангишти кони Назарайлоқ 540 млн. тоннаро ташкил медиҳад. Талабот ба ангишти Назарайлоқ дар бозори дохилӣ ва берунӣ зиёд мебошад. Бо дастгирии давлатӣ корхона ба маблағи 7 млн. сомонӣ дар муддати 3 сол (солҳои 2017-2020) истихроҷи ангиштро то ба 35-40 ҳазор тонна расонид. Маблағҳои дотатсионие, ки ҳамасола (берун аз барнома) барои хароҷоти корхона ҷудо карда мешавад нокифоя аст ва талаботи корхонаро таъмин карда наметавонад (137 ҳазор сомонӣ барои панҷ сол) [230, С.31].

Масъалаҳои кишоварӣ ва рушди соҳаи мазкур дар ҳисоботу гузоришҳои мақомоти дахлдор ва дар осори бархе муҳаққиқон нишон

дода шудааст. Масалан, профессор Н. Ҳотамов қайд менамояд, ки заминҳои корам дар соли 1990 904 ҳазор гаро ташкил медоданд ва қариб 70% қувваи кории мамлакат ба кишоварзӣ машғул буд. Тибқи маълумоти оморӣ танҳо дар 3 соли ҷанг (1992-1995) дар мамлакат зиёда аз 1300 деҳа хароб ва 21483 гектар заминҳои корам корношоям гардиданд [220, С.70-72]. Дар як ҳуҷҷати бойгонӣ бошад омадааст, ки водии Рашт, ки маркази амалиёти ҷангӣ табдил ёфта буд, аз ин сабаб, дар давоми 2 сол зиёда аз 444 гектар заминҳои обии он корношоям гардиданд [50, В.23]. Масалан, раиси ноҳияи Тавилдара дар ҳисоботи худ дар соли 1995 қайд менамояд, ки «Имсол дар совхози Чилдара 41 га; совхози Ватан 172 га; совхози Миёнаду 85га; совхози ба номи Одинаев 135 га; совхози ба номи Бодомаев 110 га; совхози ба номи Суҳбат Зайдуллоев 39 га; ҷамъ 582 га замини обӣ кишт карда нашуд» [63, В.37]. Ин ҳолат дар дигар ноҳияҳои минтақа ба мушоҳида мерасид. Аз соли 200-ум инҷониб заминҳои кишт васеъ гардид. Масалан, соли 2000 дар ноҳияи Нуробод заминҳои кишт 1300 га ва соли 2018 - 4638 га, ноҳияи Рашт соли 2000-ум 2 ҳазор га ва дар соли 2011 7029 га (ҳоло 7670), дар ноҳияи Тоҷикобод аз 1400 га ба 5281 га, дар ноҳияи Сангвор аз 300 га ба 2828 га, Лахш аз 4800 га ба 8997 га (ҳоло 5305 га) расонида шуд.

Асосгузори сулу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масоили афзудани заминҳои киштро дар минтақаи Рашт мавриди таҳлил қарор дода, чунин овардааст: «Шумораи заминҳои кишт дар ноҳияи Нуробод соли 2018 дар муқоиса ба соли 2000-ум қариб 3,5 баробар, Рашт 3,6 баробар, Тоҷикобод 3,8 баробар, Сангвор 9,2 баробар Лахш 1 баробар зиёд гардиданд» [4].

Маводи бойгонӣ ва илмиро таҳлил намуда, мавриди зикр аст, ки имрӯзҳо сафи хоҷагиҳои деҳқонӣ афзуда, аз рӯйи ҳисоботи солҳои 2020-2021 шумораи хоҷагиҳои фермерӣ дар ноҳияи Рашт - 2892,

Сангвор - 558 ва Лахш 1716 ададро ташкил медиҳанд, ки нақши онҳо дар таъмини амнияти озуқавории минтақа хеле калон аст [74, С.135].

Дар рушди соҳаи кишоварзии минтақа қабули «Барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ»-и ноҳиявӣ нақши муҳим доранд. Барномаҳои дарозмуддат ва миѐнамуҳлат аз ҷониби роҳбарияти Мақомоти ҳокимияти давлатии иҷроияи ноҳияҳои водии Рашт, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассисони Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ таҳия гардида, тамоми имконият ва мушкилоти ноҳияҳои ин минтақа ба инобат гирифта шуданд [66]. Ҳукумати мамлакат барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Рашт, Лахш ва Тоҷикободро барои солҳои 2018-2020 қабул намуд, ки мувофиқи он барномаҳо барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва ислоҳот барои ноҳияи Рашт 20309 ҳазор, Лахш 5 803 ҳазор, Тоҷикобод 4 934 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида буд, ки пурра аз худ карда шуданд [73, С.6; 67, С.8; 65, С.8].

Дар замони истиқлолият, инчунин, якчанд таҳқиқотҳо дар мавзуи сулҳи тоҷикон таҳия гардиданд, ки барои таърихнигории таърихи минтақаи Рашт аҳаммияти калон доранд. Як қатор адабиѐти даврони истиқлолият бевосита рафти ҷанги шаҳрвандиро инъикос намуда, хатогиҳои асосии солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-умро дар онҳо зикр мешаванд, ки бевосита ба аҳволи душвори мардуми аксарияти минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла, ноҳияҳои водии Қаротегин мансубанд.

Холмуродова М. дар рисолаи худ «Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандӣ» вазъияти давраҳои солҳои 90-уми асри XX-ро инъикос мекунад, ки дар таркиби он вазъи умумии минтақаи Рашт таҳлил мегардад [235, С.35-75].

Дар давраи истиқлолият рисолаи Ғ. Наврӯзов дар мавзуи «Таърихи Ғарм дар давраи солҳои 1921-1956» дифоъ гардида, мақолаҳои илмӣ дар доираи ҳамин таҳқиқот нашр гардиданд. Инчунин, таърихи замони истиқлолият дар китобҳои муаррихон Маъруфи Хушзод, А. Исмоилов, Н. Наботӣ, М. Олимов, Али Хуш, Идиев Ҳотам, А. Исмоилов, Қ. Партоев, Диловари Мирзо ва дигар муаллифон инъикос гардидааст. Аз тарафи муаррихон М.Н. Сардоров, А. Ҳакназаров соли 2004 китоби «Таърихи маданияти аҷдодии кишоварзии тоҷик» нашр карда шуд, ки асосан дар он дастовардхои зироаткорони ноҳияи Рашт дар замони истиқлолият баррасӣ мегардад.

Дар баробари ин дар инъикоси таърихи Рашти замони истиқлолият асарҳои М. Амирбеков, М. Аҳмадзода, М. Хушов, Маҳмуди Ш., А. Хуш ва дигарон сазовори омӯзиши илмӣ мебошанд [88;85].

«Воқеаҳои солҳои 90-уми асри XX, махсусан, ҷанги шаҳрвандӣ, чуноне зикр гардид, ба фаъолияти олимон ва эҷодкорон таъсири манфӣ расонид. Дар натиҷа шумораи умумии кормандони илмӣ-техникӣ дар ҷумҳурӣ хеле кам шуд. Чунончи, агар шумораи умумии онҳо соли 1991 8.501 нафар бошанд, пас соли 1995 ҳамагӣ 3.062 нафарро ташкил додаанд, ки ин шумораи аз ҳама камтарини замони истиқлолият мебошад» [223, С.274]. Аммо бо оғози давраи сулҳ таърихнигорони тоҷик ба омӯзиши воқеаҳои таърихӣ ва дастовардҳои ҷумҳурӣ шуруъ намуданд.

Ҳамин тавр, аз натиҷаи омӯзиши таърихнигории Рашт дар замони истиқлолият хулосаи зерин баровардан мумкин аст:

- Дар замони истиқлолият ноҳияҳои водии Рашт як қатор душвориҳои ҷанги шаҳрвандиро паси сар намуд ва ин марҳила бо фаро расидани сулҳи тоҷикон хотима ёфт ва аз ҳамин лиҳоз, сулҳи тоҷикон ҳамчун дастоварди муҳимми ин давра мавзуи асосии таърихнигории солҳои аввали истиқлолият гардид;

- мувофиқи маълумотҳои баррасишуда, дар замони ҷанги шаҳрвандӣ иқтисодиёти минтақа аз рушд бозмонд ва танҳо таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ки онро Пешвои миллат бо ҷонфидоиҳои худ таъмин намуд, боиси эҳё гардидани инкишофи минтақа гардид ва ин масъала дар асарҳои олимони таърих ва махсусан дар асарҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҷои асосиро ишғол мекунад;

- ноҳияи Рашт баъди барқарор кардани иқтисодиёти тороҷшудаи солҳои 90-уми асри XX (солҳои 2000-ум) рӯ ба инкишоф ниҳод. Дар ин минтақа корхонаҳои истеҳсолӣ, донишгоҳ, муассисаҳои давлатӣ, марказҳои фарҳангӣ ва дигар иншоотҳои муҳимми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ кушода шуданд ва ин муваффақиятҳои ноҳия қисми тадқиқотҳои таърихнигоронро ташкил доданд

- дар сабт кардани саҳифаҳои таърихи ноҳия дар замони истиқлолият на танҳо олимони марказҳои тадқиқотӣ, балки муаррихони маҳаллӣ, кормандони воситаҳои ахбори омма ва дигар намояндагони илму маърифат саҳмгузорӣ намуданд.

### 3.3. Таърихнигории рушди фарҳанги Рашти давраи Шуравӣ ва замони истиқлолият

Дар давраи Шуравӣ дар асоси маводи бойгонӣ ва ҳуҷҷатҳои ниҳодҳои давлатӣ таҳқиқи рушди фарҳанги водии Қаротегин идома ёфт. Баъди инқилоби Октябр ва таъсисёбии давлати Шуравӣ, аввалин кӯшишҳои таҳлили таърихнигории фарҳанги минтақаҳои Қаротегин ва Дарвоз ба солҳои 20-30-юми асри XX рост меояд.

Дар ин давра олими машҳури Шуравӣ В.В. Бартолд нахустин шуда маданияти миллии тоҷикон ва қирғизҳои минтақаҳои Қаротегину Дарвозро таҳқиқ намудааст [98, С.23]. Зимни баррасии ин масъала ӯ қайд мекунад, ки тоҷикон аҳолии муқимии ин минтақа дониста мешаванд ва аз ин таҳқиқотҳои самти таърих, этнография ва маълумоти бостоншиносон шаҳодат медиҳанд.

Дар солҳои 40-50-ум бошад, афкори таърихнигорон нисбати омӯзиши фарҳанги миллӣ шакли этнографиро гирифт ва доираи он бо урфу одат, либос ва анъанаҳои гузашта маҳдуд мегардид. Чунин аломатҳои фарҳанги анъанавӣ, ба монанди эътиқод ва парастиши бузи кӯҳӣ, муносибатҳои оилавӣ [141], боқимондаҳои маданияти тоисломӣ [142], маданият ва анъанаҳои зироаткорӣ аз тарафи муҳаққиқ Н.А. Кисляков таҳқиқ шуданд. Ғайр аз ин, дар таҳқиқи масоили фарҳангии Дарвоз, Помир ва Қаротегин муҳаққиқони тоҷик, ба монанди М.Р. Шукуров, З. Раҷабов, Б.И. Искандаров саҳми калон гузоштанд [188;130].

Дар самти инъикоси фарҳанги даврони Шуравӣ ва замони истиқлолият фаъолияти Қиёмиддин Сатторӣ боиси таваҷҷуҳ аст, зеро вай дар хусуси зиндагиномаи Ҳоҷӣ Абдулазиз маълумоти зиёдро ҷамъоварӣ намудааст. Бино ба таҳқиқоти ӯ Ҳоҷӣ Абдулазиз солҳои 1852-1936 ба сар бурда, дар 84-солагӣ дар Самарканд аз дунё гузаштааст. Асли ватани Хоҷӣ Абдулазиз деҳаи Қалъаи Дашти доманаи деҳаи Шули Ғарм аст, лекин давраҳои омӯзиши созандагӣ ва сарояндагиро дар мактабҳои шашмақомхонии Самарқанд ва Бухоро гузаронда, санъати классикии мардуми тоҷикро бо тамоми нозукиҳояш аз бар менамояд. То дараҷае қобилияташ афзуд, ки мактаби шашмақомхониии хешро ба вуҷуд оварда, дар он шогирдони зиёдеро тарбия намудааст.

Ҳанӯз соли 1908 сездаҳ суруди Ҳоҷӣ Абдулазиз ба қартаҳои патефон сабт шуда буданд, ки 12-тоаш тоҷикӣ буданд. Ин қартаҳоро фабрикаи сабти овози ширкати «Пишуший Амур»-и шаҳри Рига сабт намуд. «Чапандози наво», «Насруллой», «Мустазод», «Ироқ», «Абдураҳмонбегӣ», «Бебокча», «Ушшоқи Қуқанд», «Ушшоқи Ҳоҷӣ Абдулазиз», «Дӯсти худоӣ» («Гулузорам») аз чунин сурудҳои сабтшуди ӯ мебошанд, ки дар хазинаи тиллоии радиои ҷумҳурӣ то ба имрӯз нигоҳ дошта мешаванд [88, С.299]. Соли 1990 фарзандони Ҳоҷӣ Абдулазиз ба

зиёрати зодгоҳи аҷдодонаш ба Ғарм рафтанд. Дар ҳамон сол Қасри фарҳанги шаҳраки Ғарм ба номи Ҳоҷӣ Абдулазиз гузошта шуд. Ин маълумотҳо дар китоби Э. Муҳиддинов бо номи «Қисмате аз таърихи Рашти куҳан» низ дарҷ гардиданд, ки он соли 1991 дар Душанбе нашр гардида буд.

Муаллифи китоби «Фарзонагони Раштонзамин» М. Амирбеков оиди фаъолияти Акашариф Ҷураев таҳқиқот анҷом додааст. Аз ин таҳқиқоти ӯ баромеояд, ки Акашариф Ҷураев дар Қалъаи Хум таввалуд шуда, фаъоилияти мусиқавии худро дар Ғарм оғоз намудааст. Вай ба таъсиси театри халқии ноҳия асос гузошт. Бузургии ӯро мардуми диёри Қаротегин дарк карда, ба ӯ бо эҳтиром муносибат менамуданд. Ҳоло низ дар қатори Ҳоҷӣ Абдулазиз, устод Боқӣ Раҳимзода ва дигарон аз маҳбубтарин шахсиятҳои ин диёр ба шумор меравад, ки дар рушди фарҳанги халқи тоҷик хизматҳои шоиста анҷом додаанд.

Соли 1926 Акашариф ҳамроҳи устодаш Мирзоғуломи Ҷангӣ дар тантанаи умумихалқӣ - Анҷумани 1-уми муассисони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон бо барномаи рангин ба Душанбе омада, хунарнамоӣ намудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки соли 1927 Ҳукумати ҷумҳурӣ Акашарифро ба Қурғонтеппа барои ободонии диёри Вахшонзамин мефиристад. Дар ин ҷо зери роҳбарии бевоситаи ӯ артели кишоварзӣ ташкил ёфт, ки ҳафтод нафар узв дошт. Ӯ бо сурудҳои рӯҳафзои хеш мардумро руҳбаланд мекард. Соли 1931 вай дар олимпиадаи 1-уми ҳофизон, созандагон, раққосони ҷумҳурӣ иштирок ва муваффақият ба даст оварда, қарор медиҳад, ки ҳаёти минбаъдаи худро ба санъат бахшад. Ҳамон сол вай ба Ғарм баргашта, дар ин ҷо дастаи ҳаваскорони санъатро ташкил медиҳад. Соли 1935 дар олимпиадаи навбатии ҳофизони мамлакат ғолиб баромада, бо роҳхати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Москва сафар мекунад ва 12 сурудашро ба грамофон сабт менамояд.

Муовини Комиссари халқии маорифи Тоҷикистон оид ба корҳои маданию маърифатӣ Абдуқодир Алимуҳаммадов ҳангоми яке аз сафарҳои хизматиаш дар ноҳияи Ғарм бо Акашариф шинос шуда, ӯро ба Сталинобод оварда, муваққатан дар хонаи худ ҷой мекунад. Дар ин давра вай дар Театри давлатии академии драмавии ба номи Лоҳутӣ ба ҳайси ҳофиз фаъолият мекунад. Моҳи апрели соли 1941 рӯзҳои «Даҳаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Москва» Акашариф ҳамроҳи се фарзандаш: Қандил, Муқим ва Дарвозӣ сурудҳои «Булбулон», «Ватан», «Байрақи озодӣ»-ро бо маҳорати баланд иҷро карда, бо ордени «Нишони фахрӣ» мушарраф гардид. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ақибгоҳ консертҳои зиёде баргузор намуда, маблағи даромади онро ба фонди мудофиа мегузоранд. Ӯ соли 1942 ба Эрон сафар карда, қариб 78 консерт доир намудааст. Сурудҳое, ки дар давраи ҷанг эҷод кардааст, сюитаи «Чорзарб», «Ҷӯраҷонам», «Бинозам», «Агар ба гулшан» ӯро хеле машҳур гардонданд. Пас аз ҷанг сурудҳои «Овози ҷавонон», «Наврӯзи баҳор», «Усмат намехом», «Ширинҷон», «Садои булбулон», «Аз дараи Камаров» ва «Алла»-ро эҷод кард. Ӯ солҳои 1949-1957 дар рӯзҳои Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва иштирок менамояд. Акашариф Ҷӯраев соли 1949 ба муносибати 50-солагии зодрӯз ва 40-солагии фаъолияти эҷодӣ бо мукофоти олӣ - ордени Ленин мукофонида мешавад. Соли 1957 бо танбӯри бобоӣ ба Эрон, пас аз он ҷо ба Афғонистон рафта, ҳунари асили тоҷиконро дар ин кишварҳо намоиш медиҳад. Соли 1966 ҷумҳурӣ ба ҷашни 70-солагии устод тайёрӣ медид, вале нохост рӯзномаҳо хабари бемаҳали марги ӯро чоп карданд [88, С.310].

Мувофиқи маълумоти Ғ. Наврӯзов соли 1955 дар вилояти Ғарм театри драмавӣ, 137 клуб, 111 чойхонаи маданӣ, 3 клуби иттифоқи касаба, 23 клуби Вазорати фарҳанг, 6 маркази фарҳангии ноҳиявӣ, 4 толори хониш, 11 клуб дар назди шуроҳои деҳотӣ, 96 китобхона амал

мекарданд, ки дар маҷмуъ қувваи азими фарҳангии минтақаи Қаротегинро таҷассум мекарданд [231, С.96].

Қайд кардан зарур аст, ки чунин шахсиятҳои маъруф ба монанди Боқӣ Раҳимзода, Мумин Қаноат ва Алӣ Хуш, ки вилояти Ғармро муаррифӣ кардаанд, дар пешрафти илм, фарҳанг ва адабиёти Тоҷикистон саҳми босазо гузоштанд. Соли 1962 маҷмуи очеркҳои А. Хуш бо номи «Дар бағали кӯҳҳо» («В объятые горы») нашр карда шуд, ки дар он қаҳрамонии раштиён дар мубориза бар зидди амири Бухоро инъикос гардид. Дар очеркҳои вай «Шӯриши Усмон», «Шестопалов», «Ман аз ҳеҷ ҳар чизам» (1934), «Ҷавонони далер», «Ду фронт» (1937), ки дар рӯзномаҳо нашр шуданд, намунаи қаҳрамониҳоро дар бар мегирифтанд.

Дар санъати Қаротегин номи чунин ҳунармандони номӣ, ба монанди Хоҷа Абдулазиз, Акашариф Ҷураев, Мирмуҳаммад Мадрасӣ, Лаълшоҳ, Каримхон, Бозича, Эшони Ҳодии Хушбош ва дигар ҳунармандон ҳамчун намунаи беҳтарини ҳар давру замон мисли роҳнамо хизмат хоҳанд кард.

Маданияти ғизо, хӯроки мардумӣ ва анъанаҳои парастиши замин ҳамчун манбаи ғизо дар Қаротегин дар солҳои 50-70-уми асри XX аз ҷониби М.Р. Раҳимов ва этнограф Н.Н. Ершов таҳқиқ гардидааст, ки фарқияти фарҳанги ин минтақаро аз мардуми минтақаҳои водиҳо нишон додаанд [190, С.41-42; 116, С.225-233].

Дар солҳои 70-уми асри XX як қатор асарҳо оиди фарҳанги мусиқӣ ва театри мардуми тоҷик нашр шуданд, ки дар онҳо эҷодиёти ҳунарии мардуми Қаротегин низ инъикос гардид. Фарҳанги замони шуравии Қаротегин хеле васеъ дар тадқиқоти олимони тоҷик Н.Х. Нурҷонов, Ф. Зеҳниева, Н.О. Турсунов оварда шудааст. Аз ҷумла, Н.Х. Нурҷонов давраи тоинқилобӣ ва махсусан, баъдиинқилобиро таҳлил намуда, шакли муқоисавии санъати мазҳакавии театрӣ ва анъанавиро дар доираи илми мардумшиносӣ таҳлил мекунад [175].

Яке аз дастовардҳои бузурги фарҳанги мардумиро ашъори

гаронбаҳои шоирон ва нависандагони Раштонзамин ташкил медиҳанд.

Дар китоби Идиев Ҳотами Аскалонӣ «Аз барои ёдгорӣ» рушди илму фарҳанги шоирӣ дар Қаротегин инъикос шуда, муаллиф чунин менависад: «Дар солҳои аввали Ҳукумати Шуравӣ чанд тан шоирони ин диёр, аз ҷумла, Бокӣ Раҳимзода, Алӣ Хуш ба арсаи илму адаб қадам гузошта, дар маркази кишвар - шаҳри Душанбе кору фаъолият доштанд. Аз ин лиҳоз, доираи адабии Рашт дар тайи чандин даҳсола ба назар мерасид. Дар саҳифаҳои рӯзномаи ноҳиявии «Болшевики Ғарм», баъдан «Ҳақиқати Ғарм», «Қаротегини Советӣ» ва ғайра баъзан шеъру ҳикояҳои муаллифони гуногун ба нашр мерасид» [121, С.4]. Бо вуҷуди ин, муаллиф солҳои Шуравиро аз як тараф давраи кам будани шоирону мутафаккирон меномад ва чунин менависад: «Аммо аз солҳои 30-юм то солҳои 70-уми асри гузашта чунин ба назар мерасад, ки дар ин минтақа эҷодкоре - шоиру нависандае вуҷуд надошт; гӯё фазои эҷодии ин минтақа дар тули тақрибан 50 сол холӣ монда буд. Вале инак бо нашр гардидани шеъру қисса ва дигар навиштаҳои яке аз аввалин муаллимҳои водии Рашт Идиев Ҳотами Аскалонӣ собит мегардад, ки дар қисмате аз ин муддат ӯ дар як гӯшаи дури кӯҳистон чароғи илҳоми эҷодиро фурӯзон доштааст» [121, С.5].

Бояд гуфт, ки Ҳ. Идиев дар таърихнигории мавзеи Рашт нақши босазо дорад. Аниқтараш ӯ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик бо муҳаққиқон ҳамкорӣ намудааст. Далели ин ҳамкориҳо дар китоби вай «Аз барои ёдгорӣ» оварда шудаанд. Муаллиф мукотибаи худро бо академики Академияи илмҳои Тоҷикистон Аҳрор Муҳторов нашр кардааст. Дар яке аз мактубҳои муаллиф чунин омадааст: «Рафиқ Муҳторов! Баъд аз адои салом, ин ки супорише дар қишлоқи Аскалони райони Ғарм ба ман дода будед ва ман, ки ба Шумо ваъда карда будам, дар иҷрояш кӯшидам. Баъд аз рафтани Шумо ман ба ҷустуҷӯ даромада, 26 август ба Пахтаобод рафтам. Аз он ҷо 33 адад васиқа ёфта, дар соати 11 ба ҷои кориатон омада, Шуморо мунтазир шудам. Ман мебоист соати 3 ба Ғарм парвоз кунам. Бинобар ин,

ҳуҷҷатҳоро ба дасти коргари Шумо А. Ягонӣ супоридам. Аз Шумо илтимос мекунам, ки аз натиҷааш ба адреси зерин хабар расонед. «Ғарм. Посёлкаи Навобод, педучилищ, Ҳотамов Муҳтарам»... Писарам дар Навобод мехонад. Агар мактубро ба номи ӯ нависед, ба ман мерасонад. Бо салом, ошнои Шумо Идиев Ҳотам, Деҳаи Аскалони Ғарм, 20 августи соли 1965» [121, С.131].

Дар мактуби дигар вай чунин навиштааст: «Саломномаи дӯстона ва паёми муштоқона ба ҷониби дӯсти азизам А. Мухторов....Баъд аз адои салом, мактуби 9 сентябр навиштаи Шумо 2 ноябр ба дастам расид. Сабаби дер расидани мактуб он, ки писарам ба районии Қумсангир ба пахтачинӣ рафта буд. Ман гумон кардам, ки таҳтӣ маро фаромӯш кардед. Хайрият, гумонам ғалат баромад. Ман аз мактуби Шумо бениҳоят хурсанд шудам. Барои он ман ба ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳои Шумо гуфтагӣ аз Ғарм ба Пахтаобод рафтам, ки Шумо ба монанди Эшондонов хоксор, ба чашмам хуш омадед. Ман одами такаббур ва худкалонро нағз намебинам. Ба ривояти афсонавӣ Сулаймон пайғамбар подшоҳи паррандагон ва чарандагон буда, таклифи онҳоро рад накарда, ба хонаи мӯр рафта меҳмон шудааст» [121, С.132].

Таҳлили матни ин мактуб нишон медиҳад, ки Идиев Ҳ. дар ҳамкорӣ бо таърихнигори маъруфи тоҷик А. Мухторов дастовардҳои калон доштанд. Дар мактуби дигар чунин фактҳоро мушоҳида мекунем: «Дӯсти азиз, Мухторов! Мактуби Шумо ва газетаҳоро гирифтам, хеле хурсанд шудам. Шумо қадам ранҷа карда, ба экспедитсия баромада, ба маҳалҳо рафта, дар натиҷаи пурсу суроғи шахсони намоён ҳуҷҷатҳои даркориро пайдо карда истодаед. Мутаассифона, ман имкон надоштам, лекин барои ёрӣ ба Шумо ва Институт каме хизмати хоксорона кардам. Он 33 ҳуҷҷати дар дасти Шумо будагиро аз Пахтаобод ва боз 12 дона ҳуҷҷати дигарро аз қишлоқи Кул (аз Аскалон 4 км. дур, пеши Яҳакпаст) ёфта фиристодам. Дигар дар бораи номҳои нофаҳм: он номи Дашти Суроё не, Дашти

Сорбоғ буда, яки он дар дараи Камаров ва дигаре дар дуроҳаи Ғарму Помир ҷойгиранд. Ин 12 ҳуҷҷати нав фиристодагӣ аз наздики қишлоқи ҳудамон мебошад. Ман боз ҳам ёрии беғаразона ва хоксоронаи худро ба шумо мерасонам. Бо саломи дӯстӣ, Идиев Ҳотам, Қишлоқи Аскалони Ғарм,26, декабри соли 1965» [121, С.133].

Бо ташаббуси Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бо сарварии академик Раҳим Масович Масов таърихи 6 ҷилдаи халқи тоҷик навишта шуд. Аз тарафи гурӯҳи олимон оиди замони истиқлолият китоби махсусро бо номи «Очеркҳои таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода намуданд, ки дар онҳо баробари дигар минтақаҳои тоЧикистон оид ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Рашт низ маълумот дода мешавад.

Олимони соҳаи илмҳои таърих, чи дар Академияи илмҳо ва чи дар донишгоҳу донишкадаҳо, ба монанди  Аҳрор Мухторов, Н.Ҳ. Нурҷонов, Ҳ. Пирумшоев, А.Р. Раҷабов ва дигарон дар ин давр асарҳо навиштаанд, ки дар онҳо ба таври умумӣ оид ба ҳаёти фарҳангии мардуми водии Рашт маълумот оварда шудааст» [223, С.279].

Бояд, ҳамчунин, тадқиқотҳоеро низ ёдрас шуд, ки ба мавзуи таҳқиқи Қаротегин алоқамандӣ доранд. Дар ин масир мо метавонем аҳаммияти баъдан китобҳои А. Ризвонов, Н. Абдуҷалилов «Диёри қуллаҳо» (Ҷиргатол, 1991), К. Бекзод «Эҳё» (Рашт, 2001), Н. Наботов «Қаротегин кишвари обу офтоб» (2002), «Диёри ошноӣ ва рушноӣ» (75-солагии ноҳияи Ҷиргатол, 2006), Н. Наботӣ, М. Олимов «Раштонзамин» (2008), М. Аҳмадзода «Нақши ёдгори Раштонзамин» (2010), «Замзамаи нур» (Нуробод) ва дигар тадқиқотҳои мутафаккирони маҳаллиро номбар намуд [88, С.22].

Муҳимтарин дастоварди давраи истиқлолият – ин пешрафти ғояҳои миллӣ мебошад, ки дар фарҳанги миллӣ таҷассум ёфтааст. Дар тадқиқоти таърихнигории водии Рашт асарҳои аксари олимон

масъалаҳои сиёсиро дар бар гирифта бошанд ҳам, аммо рушди фарҳангу маданият ва илму идеологияи миллӣ фактори такмили тамоми сиёсати давлат дониста мешавад. Дар такмили фарҳанги минтақа бевосита нақши давлатдории тоҷикон, ки аз замони Шӯравӣ ҳамчун ҷумҳурӣ бунёд ёфта буд, нақши босазо дорад. Дар ин давра забон ва фарҳанги миллӣ статуси ҷумҳуриявӣ ва давлатиро соҳиб гардид ва ин омил барои бунёд кардани давлати тоҷикон дар замони истиқлолият поягузори асосӣ гардид.

Таҳқиқи рушди фарҳанги Рашт дар таърихнигории давраи Шуравӣ ва замони истиқлолият нишон медиҳад, ки омӯзиши маданияти таърихии мардумро дар таърихнигорӣ сарфи назар кардан комилан хато аст, зеро ин равия қисми ҷудонопазири илми таърих маҳсуб мешавад ва бевосита характер ва руҳияи миллии мардумро инъикос мекунад, ки аз он миллат маншаъ мегирад.

Дар давраи Шуравӣ рушди фарҳанги водии Қаротегин идома ёфта, шакли нави замонавиро гирифт, ки дар асоси он маданияти имрӯзаи минтақаи Рашт инкишоф меёбад. Асарҳои олимон Н.А. Кисляков, М. Р. Шукуров, С. Раджабов, Б.И.Искандаров ва дигар олимон таърихи фарҳанги қадимаро бо замони имрӯза пайваст намуда, онро ҳамчун миллият исбот намуданд. Таҳқиқи мавзуъ нишон дод, ки Тоҷикистон аз ҳисоби шоирон, нависандагон, мусиқанавозон, оҳангсозон ва сарояндагон хеле бой аст, ва дар миёни онҳо ҳунармандон аз минтақаи Рашт низ хеле зиёданд, ки дар рушди фарҳанги кишвар нақши босазое гузоштаанд.

Таърих собит намудааст, ки дар ҷомеаи инсонӣ шахсиятҳое буданд, ки ба пешрафти фарҳангу тамаддуни инсоният саҳми арзанда гузоштаанд ва мегузоранд. Дар замони Шуравӣ асарҳои Н.Х. Нурҷонов «Таърихи театри советӣ», китоби А. Аҳроров «Таджикское кино» дар ду ҷилд, нашр шуданд, ки таърихи ин намуди фарҳанги миллиро баррасӣ кардаанд. Инчунин, китоби «Ҳаёти мусиқии Тоҷикистон» ва «Очерки о художниках Таджикистана» рӯи чоп

омаданд, ки рушди фарҳанги миллиро дар тамоми самтҳо инъикос мекунанд.

Дар даврони истиқлолият асарҳои фундаменталии соҳаи фарҳанг ба монанди «Санъати чӯбтарошӣ» (муаллиф М. Рӯзиева), «Бо қонунҳои зебогӣ» (муаллиф Н. Белинская, Н. Юнусова, М. Рӯзиева), «Очеркҳои таърихи театри тоҷик» (муаллифон Н. Нурҷонов, Б. Қобилова), «Таърихи оҳангсозӣ дар Тоҷикистон» муаллиф Б. Қобилова ва дигар асарҳо нашр шуданд, ки бевосита фарҳанги мардуми Қаротегинро низ мавриди таҳлил қарор додаанд.

Фарҳанги моддӣ ва маънавии мардуми Қаротегин дар замони шуравӣ ва даврони истиқлолият қисми муҳимми таҳқиқоти олимонро ташкил медод. Ин самти таҳқиқот дар омӯзиши маданияти либос, фарҳанги миллӣ, анъанаҳо, рушди илму дониш ва дигар равияҳои фарҳангӣ инъикос гардид.

Рушди соҳаи маорифи ноҳияи Ғарм солҳои 40-80-уми асри XX дар доираи илми таърих ва таърихи педагогика аз тарафи олимони соҳаҳои мазкур таҳлил гардидааст. Аз ҷумла, ин мавзуъ дар тадқиқоти М. Назаршоев ҳаматарафа таҳлил шудааст [171, С.182-192]. Мавзуи рушди маориф, инчунин, дар рисолаи доктории М.Х. Абдуллоев муфассал дар сатҳи ҷумҳурӣ ва дар доираи илми таърих таҳқиқ шудааст. Инкишофи маданият ва фарҳанги ноҳияи Ғарми Тоҷикистон дар ин солҳо дар асару мақолаҳои Ш.М. Султонов дарҷ мегардад [210]. Инкишофи сатҳи дониши мутахассисони соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии ноҳия дар тадқиқоти А.А. Шарипов ба назар мерасад [224]. Рушди соҳаи маорифи солҳои 40-80-уми асри XX, инчунин, дар таҳқиқоти О.Б. Каримова ва М.Б. Каримова аз нуқтаи назари идеявӣ ва минтақавӣ таҳлил гардидааст.

Фаъолияти занони минтақаи Рашт дар замони Шуравӣ дар таҳқиқотҳои Р.А. Набиева, М.К. Ғаффорова, З. Ҳасанова, Б.М. Саидова, С. Холматова, Аминова, М.З. Фозилова ва дигар

муҳаққиқон таҳлил мегарданд. Муаллифони номбурда саҳми давлати Шуравиро дар пойдор намудани системаи маолрифи минтақа баррасӣ намуда, аҳамияти онро дар таъмини маърифат, саводнокӣ ва рушди мактабҳо нишон доданд. Ин раванд аз мубориза бо бесаводӣ оғоз гардида то маълумотнокии умумии аҳолӣ давом кард ва ба комёбиҳои беназир расид.

Бояд қайд кард, ки ибтидои солҳои 90-ум дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ба монанди дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ қисмати зиёди мактабу боғчаҳои минтақаи Рашт хароб гардид, ки дар ин амал баъзе ашхоси мутаассиб даст доштанд ва инчунин, аз ҷониби ин гуна шахсҳо фаъолияти мактабҳо манъ ва ё онҳо ба масҷидҳо табдил дода шуданд. Ин масъала инъикоси худро дар ҳуҷҷатҳои бойгонишуда ёфтааст [38, В.96; 42, В.153; 41, В.66; 44, В.116; 45, В.152].

Манбаъҳои бойгонишуда ва маводи матбуоти даврӣ далели он мебошанд, ки ки солҳои охир таъмини макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ бо китобу дастурҳои таълимӣ, компютер ва дигар таҷҳизоти компютерӣ беҳтар гардид. Ғайр аз ин, аз фонди эҳтиётии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати чоп ва харидории китоб ва дигар таҷҳизот, хусусан, компютер маблағҳои муайян ҷудо карда мешавад.

Пас аз амалишавии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи компютеркунонии мактабҳои асосӣ ва миёнаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007» як қатор мактабҳои ноҳияҳои Рашт бо компютер таъмин карда шуданд. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли таҳсили 2001/2002 ба сари ҳар як компютер 250 хонанда ва дар соли таҳсили 2002/2003 як компютер ба 110 нафар хонанда рост меомад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки масоили компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаи Рашт бо суръати баланди идома ёфт [38, В.96; 42, В.153; 41, В.66; 44, В.116; 45, В.152].

Яке аз самтҳои таърихнигории давраи истиқлолиятро омӯзиши рушди маорифи минтақа ташкил медиҳад. Дар ин масир нақши калидиро таъсисёбии филиали ДДОТ дар минтақаи Рашт ташкил медиҳад. Дар замони истиқлолият аз тарафи олимони ҷавони минтақа як қатор корҳои илмӣ таҳқиқотӣ дар самти омӯзиши таърихи Рашт амалӣ карда шуданд, ки ин таҳқиқотҳо, бахусус баъди кушода шудан филиали Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар шаҳраки Ғарм имконпазир гардид. Дар рисолаҳои олимони донишгоҳ масоили гуногун оиди Қаротегин аз давраҳои қадим то замони муосир инъикос ёфтааст.

Аз ҷумла А.М Махсудов дар рисолаи худ масъалаи ифтитоҳи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Раштро ба миён гузошта чунин қайд мекунад: «Ифтитоҳи мактаби олии омӯзгорӣ дар Раштонзамин падидаи нек ва олӣ буда, заминаҳои таърихии худро дорост. Соли 1992 имконият даст дод, то аввалин филиали Донишгоҳи омӯзгории Душанбе дар ноҳияи Ғарм (ҳозира Рашт) ташкил карда шавад. Мирзохоҷа Пиров, ки номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи адбиёти тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ буд, сарвари он интихоб гардид. Шуъба фаъолияти худро дар заминаи базаи омӯзишгоҳи педагогии шаҳраки Навобод оғоз кард» [230 С.99]. Муаллиф қайд мекунад, ки барои ташкили мактаби олии омӯзгорӣ дар Рашт заминаҳо мавҷуд буданд, аммо бо сабаби авзои сиёсӣ ҳалли ин масъала ба давраи дигар гузаронида мешуд.

Мувофиқи маълумот «дар санаи 22-июни соли 2002 дуюмбора фаъолият ФДДОТ ба номи Қ. Ҷураев дар ноҳияи Рашт оғоз шуд. Аз соли таҳсили 2002/2003 дар ноҳияи Рашт шуъбаи таълими ғоибонаи факултети таърих ва филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Қандил Ҷураев таъсис дода мешавад. Соли 2007 шуъбаҳо ба филиал табдил дода шуда, аз 22-юми январи соли 2007 Пиров Мирзохӯҷа бо фармони

№ 88-и Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон директори филиал таъин гардид» [230, С.106]

Мувофиқи маълумоти А.М Махсудов «соли 2008 дар ФДДОТ ба номи С. Айнӣ дар ноҳияи Рашт 4 шуъбаи буҷавӣ ва 5 шуъбаи шартномавӣ амал мекарданд, ки дар онҳо 708 нафар донишҷӯён, аз ҷумла, 156 нафар духтарон, ба таълим фаро гирифта шуда буданд. Аз соли 2002 то соли 2007 дар филиал 4 нафар доктори илм, профессор ва 8 нафар номзад, дотсент, 10 нафар муаллими калон дарс мегуфтанд. Аввалин дастпарварон иборат аз 56 нафар филиалро соли 2007 хатм намуданд, ки ин ҳамчун воқеаи муҳимми таърихӣ номи онҳо дар китоби «Боргоҳи маърифат» (24 нафар дар риштаи филология ва 32 нафар дар риштаи таърих ва ҳуқуқ) қайд шудаанд. Соли 2010-ум филиали ДДОТ дар Рашт соҳиби бинои панҷошёна гардид ва лентаи рамзии онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бурид. Филиал бо хобгоҳ низ таъмин гардид.

Албатта, дар ифтитоҳи чунин як бинои муҳташаму замонавӣ саҳми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърихист ва бешубҳа асосгузори мактаби олии омӯзгории Рашт Эмомалӣ Раҳмон аст. Агар дар соли таҳсили 2013/2014 теъдоди донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона 957 нафар ва дар шуъбаи ғоибона 844 нафар бошад, дар соли таҳсили 2015/2016 шумораи донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона 1114 нафар ва дар шуъбаи ғоибона ба 1368 нафар расид. Сол аз сол шумораи довталабон ба донишкада меафзояд. Масалан, тибқи иттилои Маркази миллии тестии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2018/2019 рақами рамзии ДОТ дар ноҳияи Раштро беш аз 3000 довталаб интихоб намудаанд. Ба иттилои шуъбаи омори донишкада ин бори аввал аст, ки аз тариқи маркази миллии тестӣ чунин шумораи зиёди довталабон донишкадаро интихоб намудаанд» [230, С.109].

Дар баррасии фарҳанг ва маорифи минтақаи Рашт дар давраи мазкур барномаҳои давлатию маъхазҳои оморӣ низ муҳим мебошанд.

Бино ба гузоришҳои оморӣ дар ноҳияи Тоҷикобод соли 2021 шумораи кӯдакони томактабӣ 7600 нафар, як боғчаи бачагона (бо фарогирии 60 нафар кӯдак) ва 15 маркази инкишофи барвақтии кӯдакони шашсола [67, С.34-37; 52, С.3-8], дар ноҳияи Сангвор (Тавилдара) дар соли 2020 3 боғчаи бачагона бо фарогирии зиёда аз 100 нафар тарбиятгирандагон фаъолият карда, шумораи марказҳои инкишофи кӯдакон дар соли 2021 ба 15 адад расонида шуданд [66, С.35-37]. Соли 2020 дар ноҳияи Лахш 6 адад боғчаҳо бо шумораи 216 нафар тарбиятгирандагон фаъолият мекард [71, С.28-29].

Масъаалаи дигаре, ки дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва матбуоти даврӣ зикр шудааст, ин фаъолияти китобхонаҳо мебошад. Дар соли 1993 шумораи китобхонаҳо дар шаҳри Роғун 20 адад, ноҳияҳои Сангвор -14, Тоҷикобод - 12 ва Лахш -56 ададро ташкил медоданд [37, С.2]. Ё ин ки солҳои 2007-2017 дар асоси барномаҳои давлатии «Рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» ва «Рушди муассисаҳои фарҳангӣ барои солҳои 2016-2020» ба ноҳияҳои Нуробод, Сангвор, Рашт, Тоҷикобод ва Лахш тавассути Ҳаракати фарҳангии «Корвони китоб» аз тарафи Корхонаи давлатии таъминот ва савдои «Китоб» 23129 нусха китоб ва таҷҳизоти китобхонавӣ, инчунин аз дигар манбаъҳо низ китобҳои зиёд ба китохонаҳо оварда шуданд, ки дар натиҷа дар соли 2021 шумораи китобҳо дар китобхонаҳои ноҳияи Нуробод ба 57 977, ноҳияи Рашт ба 135871, ноҳияи Сангвор ба 21817, ноҳияи Тоҷикобод ба 36539 баробар шуд [49, В.2; 60, С.20; 64, С.22; 61, С20; 56, С.28; 57, С.18].

Омӯзиши раванди таърихнигории минтақаи Рашт бар асоси равиши байнисоҳавӣ, истифодаи усулҳои на фақат таърихнигорӣ, балки мардумшиносӣ, кишваршиносӣ, фарҳангшиносӣ, антропология ва дигар илмҳои таърихро тақозо мекунад.

Қисми дигари тадқиқотҳои замони истиқлолиятро омӯзиши

ёдгориҳои таърихии минтақаи Рашт ташкил медиҳанд. Дар хусуси ёдгориҳои таърихии ноҳияи Рашт дар замони истиқлолият мақолаи М. Шодиевро бояд ёдрас шуд. Муаллиф дар мақолаи «Нигоҳе ба зодгоҳи қаҳрамони миллат» мавзеъҳои таърихии минтақаро таҳлил карда менависад: «Яке аз ёдгориҳои меъмории охири асри XIX дар Кӯҳистони Рашт хонақоҳ маҳсуб мешавад. Сохти меъмории хонақоҳ бо усули қадима бунёд ёфтааст. Дар маркази он сутуне аз дарахти чинори азим тарошида шудаву ҷо гирифтааст, ки ёвашк-пулҳое, ки аз чор тараф болои он сутун бо ҳам пайваст мешаванд. Сутун хеле зебо тарошида шуда, пулҳо ҳам кандакорӣ шудаанд. Даври сутун тақрибан 2,5 метр доира дорад. Аз чор тараф пулу ёвашкҳо ва дигар чубҳои сақф болои ҳамин сутун истода, маҳз ҳамин сутун мувозинати биноро мустаҳккам нигаҳ доштааст, ки дар заминларзаи соли 1949-и Ҳоит танҳо деворҳояш осеб дидааст. Инчунин, хонақоҳ меҳроб низ дорад.

То солҳои охир болои боми хонақоҳ, ки хокӣ буд, мардум онро бо тунука иваз карданд. Дарозии хонақоҳ 10 метр ва паҳнои он 7 метр аст. Нуралӣ Мирзоев мегӯяд, ки хонақоҳ тақрибан 130 сол таърих дорад. Меъмори хонақоҳ усто Нозими Латиф баъди бунёди он, ки ҳамагӣ 40 сол дошт, вафот мекунад. Писари ҳамин усто Муҳаммаднозил, ки ҳангоми вафоти падар дар батни модараш будааст, бо калон шудан дар таъмири баъди зилзилаи хонақоҳ саҳм мегирад ва намегузорад, то кори дасти падараш аз байн равад. Ин ёдгории таърихӣ, ки усули санъати меъмории кӯҳистониёнро ғайринтизор то ба имрӯз дар худ нигаҳ доштааст, ҳамчун осорхона нигоҳдорӣ карда шавад. Зеро бисёри хонақоҳҳо дар солҳои 30-40-уми асри XX дар Кӯҳистони Рашт ё бар асари сиёсатҳои замон ва ё дар натиҷаи ҳаводиси табиӣ хароб шуданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки аслан хонақоҳ дар фарҳанги гузаштаи миллати тоҷик ҷойи зикри сӯфиён ва пайравони тариқаи тасаввуф будааст. Ин дар мавридест, ки бар тибқи гуфтаи афроди куҳансол дар кӯҳистони Рашт хонақоҳҳо бештар нақши масҷидро иҷро мекардаанд» [176, С.200-209].

Доир ба таърихнигории фарҳанги минтақаи Рашт дар замонҳои гуногуни таърихӣ рисолаи Ҳ. Нурматзода боиси қайд аст. Муаллиф бо ҳисси мутахассисона фарҳанги мусиқиро дар масири инкишофи таърихи он мавриди таҳқиқ мегузорад. Аз ҷумла, доир ба нигоҳдошти мероси фарҳангии миллӣ дар ноҳияи Рашт чунин менависад. «Дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик Осорхонаи шахсии таърихӣ-кишваршиносии «Кӯҳсори Аҷам»-и деҳаи Ҷафри ноҳияи Рашт ҷойгоҳи хоссаро касб кардааст. Осорхонаи мазкур 3000 арзишҳои таърихию мардумшиносиро дар бар мегирад, ки бо ташаббуси коллексионер Акобиров Мирзошоҳ аз соли 1981 то ин ҷониб ҷамъоварӣ шудаанд. Дар баробари дигар осори таърихӣ дар осорхона созҳои мусиқии дутор, думбра, доира, соз, таблак, шаштор низ муаррифӣ карда мешаванд. Яке аз созҳои таърихии осорхона дутори падари Мирзошоҳи Акобир мебошад, ки падари Мирзошоҳ бо ин дутор таронаҳои қаландарӣ мехонд. Мактаби қаландарихонии минтақаи Рашт то имрӯз идома дорад ва ин анъанаро М. Акобиров бо дигар ҳунармандони ин минтақа идома дода истодааст. Махсусан, ин дутор ва дигар созҳои мусиқии болозикр аз ҷониби М. Акобиров навохта мешаванд ва намунаҳои санъати қаландарихонии водии Рашт тавассути навозиши созҳои мусиқии миллӣ ба мардум, махсусан, ба сайёҳон муаррифӣ гарданд.

Ба истиснои Осорхонаи шахсии таърихӣ-кишваршиносии «Кӯҳсори Аҷам» дар дигар осорхонаҳои ин ноҳия созҳои мусиқӣ ба чашм намерасад ва бояд дар дигар осорхонаҳо, махсусан, Осорхонаи маркази таърихӣ-кишваршиносии ноҳияи Рашт низ созҳои мусиқӣ ҷамъоварӣ шуда, муаррифӣ карда шаванд.

Бояд тазаккур дод, ки ба ғайр аз ноҳияи Сангвор осорхонаҳои дигари ноҳияҳои водии Рашт дар назди бахшҳои фарҳанг фаъолият мекунанд. Баъди ба эътидол омадани фазои сиёсии кишвар фаъолияти

баъзе осорхонаҳо дар назди муассисаҳои таълимӣ, ки дар замони шуравӣ амал мекарданд, дубора барқарор карда шуданд.

Аз таҳлили ҳисоботу дигар гузоришҳои мақомоти расмии давлатӣ муайян мегардад, ки клубҳо мисли дигар соҳаҳо дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ аз фаъолият боз монда, ба чойхонаву китобхонаҳо табдил дода шуда, бо нишондоди соли 1994 дар ноҳияи Тоҷикобод зиёда аз  20, Нуробод 17 адад ва Рашт 35-ро ташкил мекарданд [37, В.22]. Дар соли  2020 дар ноҳияҳои  водии Рашт  21 вуҷуд дорад,  ки аз ин шумора 4 адад ба ноҳияи  Нуробод, 10 адад ба ноҳияи Лахш,  3 адад ба ноҳияи Рашт, 2 адад ба ноҳияи Тоҷиконбод ва 2 адад ба ноҳияи Сангвор рост меояд [53, С.11; 65, С.34; 69, С.40; 73, С.25-26].

Ҳамин тавр, таҳлили манбаъҳои бойгонӣ ва адабиёти илмӣ муайян менамояд, ки дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ бо паст шудани сатҳи маблағгузорӣ ба соҳаи фарҳанг фаъолияти рӯзномаҳои маҳаллӣ дар навоҳии  водии  Рашт қисман қатъ  гардид.  Аммо ин мушкилот ба вазъи сиёсиву иқтисодии кишвар вобаста буда, ҳоло дар ҳоли рушд қарор дорад. Хусусан, айни ҳол ноҳияҳои водии Рашт дорои рӯзномаву ҳафтаномаҳои худ, ба монанди  «Оинаи Рашт», «Нури Нуробод», «Паёми  Тоҷикобод», «Мавҷи  Хингоб»,  «Паёми Ҷиргатол»  мебошанд, ки дар онҳо масоили рӯзмарраи ноҳияҳо мунташир мешаванд.

Дар шароити аз нав дида баромадани таърихи муосир, вазифаи талили таърихнигории асарҳои олимони самти таърих  моҳияти махсусро пайдо мекунад, зеро таҳлили хаматарафаи замони гузашта аз нигоҳи олимон имкон медихад, ки раванди чамъ шудани донишҳои таърихӣ омухта шуда, тамоми окибатҳои тараккиёти аз сар гузарондашуда дар доираи назарияҳои гуногун таҳқиқ гардад.

Таърихнигории минтақаи водии Қаротегин дар  шакли таснифи марҳилавӣ, муайян намуд,  ки омузиши минтақа аз тарафи олимон давраи тоинқилобӣ, давраи Шуравӣ ва давраи истиқлолиятро фаро

гирифт. Бояд гуфт, ки даврабандии таърихнигории минтақа баъзе мушкилиҳоро руи кор овард, зеро асарҳои олимон дар давраҳои мухталиф нашр мешуданд аммо ба ин нигоҳ накарда, ба як тартиби муайян даровардани феҳристи корҳои илмӣ ва публитсистӣ дар диссертатсия амалӣ гардид. Мувофиқи нақшаи кори илмӣ, таърихнигории ҳар як давраи таърихӣ ба роҳ монда шуд ва ин имкон дод, ки тамоми асарҳои муҳими таърихӣ мавриди омузиш қарор гиранд.

Дар таҳқиқот муайян шуд, ки маводҳои бойгонӣ ва ҳуҷҷатҳои ниҳодҳои давлатӣ барои таҳқиқи рушди фарҳанги водии Қаротегин нақши муҳим бозиданд. Бо таъсисёбии давлати Шуравӣ, аз руи маълумотҳои олимон, аввалин кӯшишҳои таҳлили таърихнигории фарҳанги минтақаҳои Қаротегин ба роҳ монда шуд. Чунин олимони маъруфи Шуравӣ ба мисли Н.А. Кисляков таҳқиқотҳои самти таърих ва этнографияи минтақаро ба роҳ монда, ба таърихнигории Шуравӣ оиди таърихи ин диёр асос гузоштанд. Дар давраи минбаъда, таҳқиқи таърихи фарҳанг дар асарҳои М.Р. Шукуров, З. Раҷабов, Б.И. Искандаров, Н.Х. Нурҷонов, Ф. Зеҳниева, Н.О. Турсунов ва дигар олимон ҷои намоёнро ишғол намуд.

Ҳамин тариқ, фарҳанги мардуми Қаротегин дар асарҳои таърихии давраи нав аз ҳар ҷиҳат инъикос гардида, маданияти ин минтақа таърихнигории ба худ хосро доро мебошад, ки тамоми давраҳои таърих, минҷумла, давраи истиқлолиятро низ фаро мегирад. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар таърихнигории минтақа саҳми олимон ва нависандагони худи минтақаи Рашт ҷои намоёнро ишғол мекунад.

Аз натиҷаи омӯзиш ва баррасии масоили фарҳангии минтақаи Рашт дар адабиёти таърихӣ чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

-Масоили фарҳангии минтақаи Рашт дар таҳқиқотҳои олимони соҳаи таърих, фарҳанг ва шахсиятҳои маъруфи ин соҳа васеъ таҳлил карда шудааст;

-бо ёрии тадқиқотҳои олимони маҳаллӣ лаҳзаҳои номаълуми ҳаёти шахсиятҳои маъруфи диёри Рашт, ки нуфузи калони фарҳангӣ доштанд, дастраси ҷомеа гардид. Муайян карда шуд, ки бисёре аз фарзандони обрӯманди Рашт дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёна бо илм ва қобилияти фарҳангии худ шуҳратёр гардида, номи ин маконро баланд бардоштанд;

-дар рафти тадқиқот хусусиятҳои хосси таърихнигории маҳаллӣ муайян карда шуд, ки асоси онро фарҳанги оилавӣ ташкил медиҳад. Ҳар як ҳунарманд мактаби худро дошт, ки он дар доираи оила, ҷои зист ва ё дар дигар шакли маҳдуд равнақ ёфта, пас шуҳратёр мегардид.

Дар рафти таҳлили таърихнигории фарҳанг ва воқеаҳои водии Қаротегин, ба нуктаҳои зерин диққати хоса дода шуд:

- таҳлили пурраи воқеаҳо бо баррасии тамоми ҷанбаҳои таърихӣ;

- муқоисаи нуктаҳои назари олимони гуногун оиди масъалаи таърихӣ;

- дарки ҷаҳонбинии сокинон дар давраи муайяни таърих;

- таҳлили тарзи ҳаёт ва нақши он дар ҷомеаи таҳлилшуда.

Хулоса, омӯзиши фарҳанги мардумӣ дар баробари масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодии минтақа дар мадди назари олимон ва таърихнигорон қарор дошт. Рушди соҳаи маорифу инкишофи маданият ва фарҳанги минтақаи Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инкишофи сатҳи дониши мутахассисони соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии ноҳия ва дигар паҳлуҳои таъриху фарҳанги Қаротегин асоси маънавии таърихи минтақаро дар бар гирифтанд. Дар замони Шуравӣ ва давраи истиқлолият корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар самти омӯзиши таърихи фарҳанги Рашт дар шароити нави таърихӣ имконпазир гардид.

# ХУЛОСА

## I.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Ҳамин тавр, дар рафти таҳқиқот  муайян гардид, ки омӯзиши илмии таърихи минтақа се давра: давраи тоинқилобӣ, давраи Шуравӣ ва давраи истиқлолиятро дар бар мегирад.

Таърихи минтақаи Рашт дар таърихнигории тоинқилобии халқи тоҷик хеле мухтасар инъикос гардидааст, ки ин масъаларо дигар муаррихон низ қайд кардаанд. Ба фикри мо сабабаш дар дур ҷойгир будани минтақа аз марказҳои фарҳангӣ ва муддати дароз дар бунбасти коммуникатсионӣ қарор доштани он мебошад.

Дар диссертатсия асарҳои муаллифони маҳаллӣ, ки дар онҳо роҷеъ ба водии Рашт маълумот оварда шудааст, таҳлил гардида, муайян гардид, ки дар таърихнигории тоинқилобии тоҷик оид ба мулки Қаротегин асари алоҳида навишта нашудааст.

Дар диссертатсия  асарҳои шарқшиносону сайёҳон ва муҳаққиқони тоинқилобии рус, олимони давраи Шӯравӣ ва муосири тоҷик, мақолаҳои матбуоти даврӣ, ки ба таърихи водии Қаротегин бахшида шудаанд, дар таҳқиқтаҳлил гардидаанд. Дар рисола масъалаи раванди ба аморати Бухоро ҳамроҳ кардани шоҳигари Қаротегин, нишон додани сохтори маъмурии бекигарӣ оғз шуда, дар ин марҳаз назари тадқиқотчиёни тоинқилобӣ, самтҳои гуногуни ҳаёти мардуми минтақа, ба монанди сатҳи рушди ҳунармандӣ, рушди савдо ва системаи андозситонӣ, инъикос ва нишон додани сабаб, рафт ва натиҷаи ҷунбишҳои халқӣ дар минтақа, вазъи фарҳангии бекигарии Қаротегин дар давраи тоинқилобӣ, рушди минтақа дар замони Шуравӣ ва давраи истиқлолият дар таҳқиқотҳои олимон баррасӣ карда шуд.

Дар рисола хусусан, таърихнигории раванди ба аморати Бухоро ҳамроҳ кардани Қаротегин, ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа ва дигар масъалаҳои муҳими таърихӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Муайян гардид, ки русҳо бо дасти амири Бухоро минтақаро идора мекарданд.

Дар маҷмуъ таърихнигории Шуравӣ  аз байн рафтани истиқлолияти шоҳигарии Қаротегин ва ба ҳокимияти амири Бухоро пайвастани онро ҳамчун оғози бадбахтиҳои аҳолӣ нишон медиҳад. Аз ҳамин ҷиҳат мардум хеле зуд ба тарафи ҳокимияти Шуравӣ гузашта, дар он барои худ халосиро аз зулми амир медиданд.

Дар ин давра муаллифон бештар аксаран қаҳрамонии муборизаҳои мардумӣ бар зидди истлогарони амири Бухоро, ҳаракатҳои мардумӣ ва шуҷоати халқи оддиро инъикос мекарданд. Дар таърихнигории Шуравӣ минтақа ҳамчун «Бухорои Шарқӣ» дар якҷоягӣ бо дигар минтақаҳои Тоҷикистони ҳозира инъикос мешуд. Истиллоҳоти табақавӣ, синфӣ ва тақсимоти ҷомеа комилан дар таърихнигории Шуравӣ шакли навро гирифт ва қаҳрамони асосии онро халқи мазлум ва меҳнаткашон ишғол мекарданд.

Муайян гардид, ки дар асарҳои олимону муҳаққиқони ватанӣ С. Айнӣ, Б.Ғ. Ғафуров, Б.И. Искандаров, З.Ш. Раҷабов, О.Р. Маҷлисов, К.А. Богомолова, Г. Тухтаметов, Х. Пирумшоев , Н. Ҳотамов баробари дигар минтақаҳо вазъи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии минтақаи Рашт дар асрҳои XIX-XX нишон дода шуда, маълумотҳои дақиқ ва боэътимод асоси сарчашмаҳои бойгониҳо ва ҳуҷҷатҳо оварда шуданд.

Дар рафти таълифи рисолаи мазкур муяссар гардид, ки дар бораи гӯшаҳои норавшани таърихи ин диёр ва дар умум роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик маълумотҳои зиёде гирд оварем. Аз таҳлили асарҳои ба таърихи ин водӣ тааллуқдошта аён гардид, ки оиди таърихи сиёсии Қаротегин хело кам навишта шуда бошанд ҳам, асарҳои махсусе ҳастанд, ки маҳз ба водии Қаротегин бахшида шудаанд.

Дар натиҷаи таҳлили таърихнигории масъала мо ба хулосае омадем, ки дар баробари китоб ва асарҳо, хусусияти хоси таърихнигории маҳаллиро насабномаҳои шахсиятҳои маъруф ташкил дод. Чунин фарҳанги мардумӣ муҳимтарин сарчашмаи дунёи маънавии мардумро

таҷассум намуд ва дар шакли ривояту афсонаҳо ва дунёи маънавии мардуми куҳанбунёди Қаротегин то замони мо боқӣ мондааст.

Таърихнигории Рашт дар замони истиқлолият барои таҳлил нисбатан душвортар гардид, зеро он ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст ва аз ҳамин ҷиҳат олимон акнун ба таҳқиқи воқеаҳо ва китобнавис кардани онҳо шуруъ мекунанд. Рашт як қатор душвориҳои ҷанги гражданиро паси сар намуд ва маводҳои таҳқиқотӣ барои сабт кардани саҳифаҳои таърихи ноҳия дар замони истиқлолият бори нахуст мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Бо ёрии таҳқиқоти олимони маҳаллӣ лаҳзаҳои номаълуми ҳаёти шахсиятҳои маъруфи диёри Рашт, ки нуфузи калони фарҳанги доштанд, дастраси ҷомеа гардид.

Дар замони истиқлолият омӯзиши таърихи водии Рашт бо сабабҳои объективии ҷанги шаҳрвандӣ характери сиёсӣ гирифт. Дар солҳои минбаъда муаррихон ба таҳқиқи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гузашт ва дар ин масир чандин муаллифони маҳаллӣ доир ба таърихи ин диёр китобҳо навиштанд. Инчунин, рисолаҳои илмӣ ва таҳқиқоти илмӣ низ доир ба таърихи ноҳияи Рашт навишта шуданд. Аз ҳамин лиҳоз таърихнигории давраи истиқлолият низ маводҳои зиёди таҳқиқотиро доир ба таърихи минтақаи Рашт таҳлил намуданд, ки қисме аз ин таҳлилҳоро таҳқиқоти мазкур ташкил медиҳад.

Дар рисола асарҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, аҳамияти таҳқиқоти олимон баррасӣ шуд. Навовариҳои дар диссертатсия оварда шуда, аз он ҷумла таҳлилҳои муқоисавии урфу одати мардуми кӯҳистон бо ҳам ва бо дигар тоҷикон аҳамияти методологӣ доранд. Дар рафти таҳқиқот сарчашмаҳое истифода шуданд, ки маълумотҳои онҳо то кунун дар сатҳи кори илмӣ истифода нагардиданд.

Ҳамин тариқ, таърихнигории таърихи водии Рашт дар давраи нав, навтарин ва муосир, аз масоили муҳимми таърихинигории тоҷик буда, аз таҳқиқу омӯзиши он чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

1. Дар таърихнигории тоинқилобии тоҷик масъалаҳои таърихи мулки Қаротегин пурра инъикос нашуда, асари алоҳидае оид ба таърихи он таълиф нашудааст. Дар асарҳои муаллифони маҳаллӣ таърихи минтақа ба таври фикра оварда шуда, бештар ба насабнома, ҳаёт ва фаъолияти шахсиятҳои маъруфу сиёсӣ ва муҳимтар аз ҳама ба инъикос таърихи сиёсии минтақаи Қаротегин дар ҳамбастагӣ ба ҳаёти сиёсии хонигарии Қуқанд ва Аморати Бухоро таваҷҷуҳ шудааст. Ба масоили ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми оддӣ кам аҳаммият дода шудааст [4-М].

